**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД:** 343.983.3 (575.3)
**ТКБ:** 67.99 (2) 90
**З -** 78

**ЗОКИРЗОДА НОДИРА ИНОМҶОН**

# РУШДИ СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА ИДМ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат)

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Мирализода И.Қ.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

**МУНДАРИҶА:**

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ..........................3**

**МУҚАДДИМА.......................................................................................4**

**БОБИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ ВА МУОСИР**

1.1 Марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони таърихӣ......................................................................................................22

1.2 Низоми судҳои иқтисодӣ ва мавқеи онҳо дар низоми судии Тоҷикистони соҳибистиқлол.........................................................................................41

1.3 Вазъи кунунӣ, марҳилаҳо ва зинаҳои асосии судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон...............................................................................................64

**БОБИ II. СУДИ ИҚТИСОДИИ ИДМ ВА СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ОН: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ**

2.1 Вазъи ҳуқуқии суди иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил..............83

2.2 Суди иқтисодии ИДМ ва тафовути он аз судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ.............................................................................................................105

**БОБИ III. НАҚШИ СУДҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИ ИНСОН................................140**

**ХУЛОСА.........................................................................................................173**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ......................................................................................................179**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО) .........................................................181**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ..........................................................................................................206**

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶАШС ТУРКИСТОН** – Ҷумҳурии Автономии Шуравии Сотсиалистии Туркистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶШСФР** – Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистии Федератсияи Русия

**ҶМШСТ** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶШСТ** – Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КИМ ИҶШС** – Комитети Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар давлати муосири ҳуқуқбунёди Тоҷикистон зарурияти бевоситаи рушди самараноки фаъолияти мақомоти давлатӣ аҳаммияти мубрамро касб намуда, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо шарафу эътибори инсонро ҳамчун вазифаи муҳимми ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд. Дар фазои давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ва марказӣ дар гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, ҳокимияти судӣ на танҳо ҳамчун як унсури низоми идоракунии давлатӣ, балки ҳамчун кафили адолат, баробарӣ ва ҳуқуқбунёдӣ эътироф карда мешавад. Масъалаи такмили низоми судӣ яке аз омили муҳимми таъмини волоияти қонун ва устувории сиёсиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, тамоюли асосии рушди мақомоти судӣ, ҷустуҷуи воситаҳои беҳтарини гузаронидани ислоҳоти судӣ бо баҳисобгирии паҳлуҳои нави ошкоргардидаи мусбати ислоҳотҳои гузаронидашуда дар Тоҷикистон аҳаммияти хоси илмиро барои мавзуи интихобгардида касб мекунад.

Маҳз, дар ҳамин замина, судҳои иқтисодӣ ҳамчун мақоми махсусгардонидашудаи ҳокимияти судӣ таъсис ёфтанд. Пеш аз ин, баҳсҳои хоҷагидорӣ тибқи қонунгузории замони Шуравӣ тавассути судҳои арбитражӣ ҳал мегардиданд. Пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 ва гузариш ба низоми миллӣ, зарурати таъсиси як ниҳоди мустақили судӣ барои баррасии баҳсҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ пеш омад. Судҳои иқтисодӣ аз ҳамин давра ҳамчун бахши ҷудонашавандаи ҳокимияти судӣ фаъолият мекунанд ва то имрӯз нақши худро дар ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва таъмини устувории муҳити сармоягузорӣ иҷро менамоянд.

Пайдоиши форматсияи нави иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои соҳибкорӣ бешубҳа ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад. Аз ин рӯ, аксари муаллифон диққати асосиро ба тағйиротҳои куллие, ки дар ҷодаи низоми ҳуқуқии давлатҳои ҷаҳон мушоҳида мешаванд, ҷалб карда истодаанд.

Тағйиротҳои низоми ҳуқуқии соҳаи иқтисодиёт дар соҳаи қонунгузории мурофиавӣ бештар инъикос ёфта, ҳимояи самараноки ҳуқуқҳои иқтисодии шахс ва дигар манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои мазкурро таъмин мекунад, ки дар асоси он судҳои иқтисодӣ мустақилияти бештарро касб менамоянд ва марҳилаҳои рушди муосирро ба даст меоваранд.

Моҳияти ташкили низоми ҳокимияти судӣ дар мисоли судҳои зинаи олӣ дар шароити муосир аз бисёр ҷиҳат ба таҳқиқи сарчашмаҳои умумии ташаккулёбии онҳо асос меёбад. Барои таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи ҳокимияти судӣ ва дурнамои рушди он дар баробари методҳои ба як шакл даровардашудаи таҳқиқи институтҳои ҷудогонаи ҳуқуқӣ ва падидаҳо дар соҳаи ҳуқуқ, инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаҳои ба ҳамин монанди соҳаи ҳуқуқ дар фазои як оилаи ҳуқуқӣ ва ё низоми ҳуқуқ дар умум маҳсулнок ва натиҷабахш арзёбӣ мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор намудаанд: «Бо назардошти густариши минбаъдаи муносибатҳо низоми судӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад, ки дар ин замина, таҳкими пайвастаи фаъолияти мақомоти судӣ зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бояд ҷиҳати рафъи мушкилоту камбудиҳои мавҷуда, интихоб ва ҷойгиркунии дурусти кадрҳо, инчунин баланд бардоштани сатҳи касбият ва омодагии тахассусии судяҳо чораҳои самарбахш андешанд» [48].

Ҳар як давлати мустақил дар низоми идоракунии давлатӣ ба адолату ҳақиқат, ки таъмини он тавассути ниҳоди судӣ амалӣ мегардад, ниёз дошта, баҳри устувор намудани он саъйу кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ медиҳад. Дар робита бо ин, давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, Тоҷикистон низ низоми судии худро такмил ва устувор намуда, ҷиҳати таъминнокии адолат мақоми судиро чун сохтори муҳимми худ роҳандозӣ менамояд. Ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни мустақили сохтори давлатдорӣ амал намуда, дар низоми идоракунии давлатӣ байни шохаҳои ҳокимият принсипи мувозинатро ҷиҳати бартараф намудани суистифодабарии ваколати ҳокимият рӯйи кор меоварад.

Ҳокимияти судӣ як рукни муҳимми низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ аст, ки адолати судиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад. Ҳамзамон, яке аз шаклҳои асосии фаъолияти давлат дар таъмини адолат буда, баробарии шаҳрвандонро дар назди қонун, инчунин, корхона, муассисаҳо ва ташкилотҳоро аз ҳар гуна суиқасд ҳимоя менамояд.

Дар низоми судии кишвар нақши судҳои иқтисодӣ низ дар таъмин намудани адолати судӣ назаррас арзёбӣ мегардад ва ҷузъи ҷудонашавандаи низоми судии кишвар ба ҳисоб меравад. Фаъолияти судҳои иқтисодӣ, ки ҳамчун низоми алоҳидаи ҳокимияти судии ҷумҳурӣ амал мекунад, барои баамалбарории адолати судӣ дар ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бармеоянд, равона гардидааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи мазкур ҳамчун заминаи муҳимми такмили низоми судӣ, аз ҷумла фаъолияти судҳои иқтисодӣ, баррасӣ гардида, яке аз воситаи муҳимми таъмини адолати судӣ тибқи тартиботи муқарраргардидаи қонунгузорӣ, ба хусус волоияти қонун ва таъмини баробарҳуқуқии тарафҳо сурат мегирад, ки дар асоси он поймолшавии ҳуқуқҳои инсон бартараф карда шуда, кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо, такмили қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Дар ин замина, татбиқи адолат бо такя ба меъёрҳои қонунгузорӣ ҳамчун воситаи асосии ташаккули ҷомеаи одилонаи шаҳрвандӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад.

Зарурияти мавҷуд будани судҳои иқтисодӣ дар низоми судиро бештари олимони ин соҳа асоснок эътироф мекунанд, зеро дар натиҷаи пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият ва рушди бемайлони он баҳсҳое ба миён меоянд, ки мазмуни молумулкӣ ва иқтисодиро дошта, ба муносибатҳои пуливу молӣ, қарз, соҳибкорӣ ва тиҷорат алоқаи зич доранд. Бахри саривақт ҳал намудани чунин гуна баҳсҳо судҳои иқтисодӣ таъсис дода шуданд, ки аҳаммияти хоссаро ҳамчунин дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, касб намуда, мавқеи муайянро ишғол менамоянд [150, с. 323-327].

Дар сохтори давлатдорӣ мавқеъ ва фаъолияти ҳокимияти судӣ воситаи таҳлили бунёдӣ ва заминаҳои назариявӣ-ҳуқуқиро амалӣ мегардонад, зеро илми ҳуқуқшиносии муосир ҷиҳати ислоҳоти низоми судӣ зарурияти шарҳи мафҳумҳои асосӣ, мушаххас кардани пажуҳиши байнисоҳавӣ ва таҳияи асосҳои назариявиро бо назардошти талаботҳои байналмилалии самти судӣ пеш овардааст.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, пешбинӣ намудани маҷмуи зиёди рисолаҳои илмӣ ва корҳои илмии таҳқиқотӣ аз ҷониби фаъолони соҳаи илм баҳри боз ҳам кушоду равшан намудани сохтори таркибии низоми судӣ ба мақсад мувофиқ буда, амалигардонии чунин равиш бо дар назардошти баррасии маҷмуии назарияи ҳуқуқ, омузиши қонунгузории амалкунанда, таҳлили таҷрибаи татбиқи он ва муайян намудани самтҳои рушди минбаъдаи ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ба натиҷаҳои назаррас ва самарбахш ноил гардем.

Дарки моҳияти ташкили мақомоти олии судӣ дар шароити муосир таҳлили мукаммал, таҳқиқи бунёдӣ ва муносибати таърихнигоронаро ба раванди ташаккул ва рушди низоми судҳо дар ҳудуди давлатҳои ҷудогона, тақозо менамояд. Барои иҷрои вазифаи гузошташуда мувофиқи мақсад аст, ки марҳилаҳои асосии таърихи рушди мақомоти олӣ дар низоми судии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор дода шаванд.

Ҳамзамон, мубрамияти таҳқиқи илмии фаъолияти судҳои иқтисодӣ бо он асоснок карда мешавад, замони муосир бо ривоҷи соҳаи соҳибкорӣ пеш рафта, аксарияти кишварҳои ҷаҳон таваҷҷуҳи хоссаро баҳри боз ҳам ривоҷу равнақ ёфтани он равона карда истодаанд. Дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои иқтисодӣ дигаргун гардида, фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои бозоргонӣ омили асосии таъмини шароити зиндагии шоистаи ҳар як аъзои ҷомеа гардидаанд.

Аз ин рӯ, кишвари мо низ ба ин самт назари бештарро зоҳир намуда, баҳри беҳбуд гардонидани ҳаёти иқтисодии шаҳрвандонаш кӯшишҳои зиёд карда, онро дар сатҳи қонунгузории миллӣ, аз он ҷумла дар Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон мустаҳкам кардааст. Дар ҳақиқат фаъолияти соҳибкорӣ дар пешрафти ҷомеа дар самти иқтисодиёт таъсири мусбӣ расонида, инчунин дар таъсиси иншоотҳои фарҳангиву маърифатӣ саҳми соҳибкорон беандоза ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои овардашуда мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро собит намуда, муҳиммияти фаъолияти судҳои иқтисодиро дар низоми судӣ ва мавриди таҳқиқи илмии минбаъда қарор гирифтани онро собит менамоянд. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳокимияти судӣ, аз қабили судҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз институтҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд имкон медиҳад, ки моҳият ва дурнамои рушди он ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷиҳати одилона барқарор намудани адолати судӣ ва таҳкими устувории фаъолияти судҳо тавсияи илмӣ-амалӣ пешниҳод гарданд. Мубрамии мавзуъ бо дарназардошти таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккулу инкишофи судҳои иқтисодии давлатҳои ИДМ, таҳлили таҷрибаи ин давлатҳо барои такмили таҷрибаи судии иқтисодӣ дар Тоҷикистон, истифодаи таҷрибаи давлатҳои ИДМ, муайян намудани хусусиятҳо, тафовут ва умумияти ин таҷриба дар ИДМ муҳим аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҳарчанд соҳаи илм дар ҷараёни пешрафт қарор дошта, дар самти судӣ тағйиротҳои мунтазам ворид шуда истодаанд, дар баробари ин, масъалаи омузиши ташаккул ва инкишофи низоми судӣ, аз қабили судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистонро аз нигоҳи таърихӣ ва ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқи илмии самаранок қарор додан мувофиқи мақсад мебошад. Судҳои иқтисодӣ самти муҳимми ҳокимияти судии кишвар буда, аз ин хотир, таҳқиқи илмии он дар заминаи низоми судӣ муайян карда мешавад.

Нақши паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шакли ташаббусҳои қонунгузории сарвари давлат дар рушди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар асари илмии М. Маҳмудзода ва Р. Шарофзода [95, с. 182] муфассал таҳлил карда шудаанд, зеро аҳаммияти ҳуқуқии он дар инкишоф ва рушди низоми судӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки таъсири худро дар соҳаи низоми судӣ низ расонидааст, диққати ҷаҳониёнро оиди фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҷалб намудааст. Қобили зикр аст, ки дар таърихи давлатдорӣ олимони ватаниву хориҷӣ вобаста ба масъалаҳои таърихи пайдоиш, заминаҳои назариявии густариши низоми судӣ ва адолати судӣ таҳқиқҳои илмии бевосита гузаронидаанд, ки самаранокии мавриди таҳқиқ қарор додани мавзуи мазкурро кафолат медиҳад.

Омилҳои асосӣ ва масъалаҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардидаанд, дар асарҳои олимони ватанӣ инъикос ёфта, онҳо ҷанбаҳои гуногуни ташаккул, рушд ва фаъолияти ҳокимияти судиро мавриди омузиш қарор додаанд. Аз ҷумла, дар пешбарии рисолаи диссертатсионии мазкур маҷмуи корҳои таҳқиқотӣ-илмии Ф.Н. Абдуллозода [176], Ф.М. Абдулхонов [177], Б.Ч. Исозода [184], Х.М. Мирзамонзода [189], Р.С. Одиназода [191], И.Р. Шодиён [198] инчунин муҳаққиқони бурунмарзӣ М.Ф. Вяткин [180], А.И. Евсеева [183], С.П. Казакова [185], И.В. Королева [187], Ю.А. Пирумова [192], ва дигарон истифода карда шудааст. Ҳамзамон, олимони шинохтаи ватанӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, аз он ҷумла, Г.С. Азизқулова [68], У.А. Азиззода [132], И.Б. Буризода [71], А.М. Диноршоҳ [109], З.Ҳ. Искандаров [83], М.А. Маҳмудзода [96], И.Қ. Миралиозода [97], С.А. Раҷабов [104], Ф.Т. Тоҳиров [113], А.Ғ. Холиқзода [121], Р.Ш. Шарофзода [125], ва дигарон ҷиҳати рушди василаҳои қонунгузории самти судӣ, самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи минбаъдаи таҳқиқотҳои илмӣ корҳои илмии назаррасро анҷом додаанд.

Вале, ба ин нигоҳ накарда, чунин ба назар мерасад, ки дар мавзуи судҳои иқтисодӣ рисолаҳои мукаммали илмӣ таҳия карда нашудааст. Чунки барои равшанӣ андохтан ба баъзе баҳсҳои дахлдори мавзуи интихобшуда, моро зарур аст, ки якчанд нозукиҳои онро мавриди таҳқиқот қарор диҳем. Ҳамзамон, бо мақсади таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқии Тоҷикистон таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккулу инкишофи судҳои иқтисодӣ дар доираи ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи ин соҳа то ҳол гузаронида

нашудааст. Ҳамин тариқ, мавзуи таҳқиқотии мазкур бо мақсади таҳқиқи ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологии рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон интихоб карда шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба нақша ва барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии «Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ»-и факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ» омода ва иҷро гардидааст. Вобаста ба мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» аз ҷониби муаллиф дар маҷмуъ 8 адад мақолаҳои илмӣ, ки муҳтавояшон дар рисолаи диссертатсионии мазкур инъикос ёфтааст, нашр шудаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккул, марҳалаҳои такмили вазъи ҳуқуқӣ, фаъолият, хусусиятҳо, тафовут ва умумияти таҷрибаи судии иқтисодӣ, умумият ва вижагии мақоми ҳуқуқии судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафи таҳқиқот иҷрои як қатор вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

– омузиши заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони таърихӣ ва муосир, таҳлили марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ;

– баррасии низоми судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар низоми судии кишвар;

– таҳқиқи вазъи кунунӣ, марҳилаҳо ва зинаҳои асосии фаъолияти судҳои иқтисодӣ, инчунин муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти онҳо;

– омузиши вазъи ҳуқуқии суди иқтисодии ИДМ, салоҳият ва нақши он дар ҳалли баҳсҳои иқтисодии байнидавлатӣ;

– гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии суди иқтисодии ИДМ ва судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ, ошкор намудани умумият ва фарқиятҳои байни онҳо;

– муайян намудани нақши судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, махсусан дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар муносибатҳои иқтисодӣ;

– таҳқиқи Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун заминаҳои назариявӣ ва амалии самаранокии рушди фаъолияти ҳокимияти судӣ;

– баёни хулосаҳои умумӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот;

– таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ.

Ҷиҳати иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои мазкур мавриди таҳлил қарор додани нашрияҳои илмӣ, санадҳои қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ тавсия дода мешавад, ки имкони дарки амиқи мавзуи таҳқиқотиро фароҳам меоваранд.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди пайдоиш, ташаккул, рушд, ташкил ва фаъолияти судҳои иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои ИДМ пайдо шуда, вазъи ҳуқуқӣ ва сифати фаъолияти вижа ва хоссаи онҳоро муайян менамояд, ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқоти** диссертатсиониро қонуниятҳои ташаккул ва рушди низоми судҳои иқтисодӣ, ақидаҳо, мафҳумҳо ва категорияҳои илмие, ки дар раванди таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии судҳои иқтисодии Тоҷикистон, Суди иқтисодии ИДМ ва судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои он, қонунгузории судӣ ва таҷрибавии судҳои иқтисодӣ пешниҳод мешаванд, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мавзуи рисола аз давраи таърихии тоҷикон то солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар «Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шуда, баҳри коркарди он тамоми манбаҳои зарурӣ бо мақсади омузиши асосҳои

назариявии мавзуи таҳқиқшаванда ҷамъоварӣ карда шуда, Ҳамзамон, таҳқиқотҳои илмии дар ин самт мавҷуда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Давраи таҳияи таҳқиқот солҳои 2021-2025-ро дар бар гирифта, муаллиф дар ин давра чун докторанти кафедраи мазкур таҳқиқоти диссертатсиониро гузаронида, онро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, амалиявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии судҳои иқтисодӣ ин асосҳое мебошанд, ки фаъолияти судҳои иқтисодиро дар умқи таърих асоснок мекунанд. Дар таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назариявӣ асарҳои олимони ватанӣ ва давлатҳои хориҷа, аз қабили З.М.Черниловский, Д.А. Урунова, С.П. Казакова, М.Ф. Вяткин, И.В. Королева, Ю.А. Пирумова, А.И. Евсеева, Т.В. Шпачева, инчунин муҳаққиқони ватанӣ В. Фатҳуддинов, А.Г. Холиқзода, Ф. Тоҳиров, Н.А. Табаров, Ф.Н. Абдуллозода, Ф.М.Абдулхонов, И.Р. Шодиён, И.Б. Буриев, Х.М. Мирзамонзода, Р.С. Одиназода ва дигарон истифода шудааст. Дар маҷмуъ мафҳумҳо, заминаҳо ва ақидаҳои илмӣ, ки дар илм ҷой доранд, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади муайян намудани навгонии илмии диссертатсия, аз ҷумла, асоснок намудани ақидаҳо, мафҳумҳо ва хулосаҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баробари ақидаҳо ва мафҳумҳои анъанавии илмӣ, ки тӯли солҳо истифода шудаанд, ғояҳои нави илмии бо дарназардошти тағйироти куллии ҳаёти ҷомеа дар асарҳои илмии солҳои охир пешниҳод шуда истодаанд, ба инобат гирифта шудаанд. Илова бар ин, ҷанбаҳои мубрами рушди судҳои иқтисодӣ дар робита бо афзалиятҳо ва дурнамои самти ҳокимияти судӣ, ки солҳои охир таваҷҷуҳи олимонро ба худ ҷалб мекунад, муайян карда мешаванд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Зимни таҳия намудани рисолаи диссертатсионӣ усулҳои мухталифи таҳқиқотӣ истифода шудаанд. Ҳар як таҳқиқотҳои илмӣ бо такя ба усулҳои назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ мегардад. Дар рисолаи диссертатсионӣ истифодаи чунин усулҳо, пеш аз ҳама, аз лаҳзаҳои

таърихи ташаккул то замони рушди марҳилаҳои он вобаста ба қонунгузориҳои муосир мавриди омузиш қарор дода шудаанд.

Усули амалӣ равандҳои таҷрибаи амалӣ ва фаъолияти низоми судиро баҳогузорӣ намуда, истифодаи онҳо имкон медиҳанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ дар самти ҳокимияти судӣ хусусан судҳои иқтисодӣ таҳия карда шаванд.

Дар баробари ин, усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ, ки тавассути онҳо ҷараёни воқеии таърихии ташаккул ва рушди судҳои иқтисодӣ муайян карда шудаанд. Усулҳои умумӣ, аз қабили усулҳои муқоиса (синхронӣ ва диахронӣ) ва сохторӣ заминаи асосиро барои таҳқиқи раванди рушди низоми судҳои иқтисодӣ фароҳам овардаанд. Истифодаи усули низомӣ бошад, имкон дод, ки ҷамъбасти назариявии илмӣ гузаронида шуда, тавсияҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунанда ва татбиқи он таҳия карда шавад.

Дар таҳқиқоти илмӣ ҳамзамон усулҳои махсуси илмӣ, ба монанди усулҳои шаклӣ-меъёрӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, сохторӣ-ҳуқуқӣ ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд. Усули махсуси шаклӣ-меъёрӣ дар раванди таҳлили санадҳои судӣ ҳамчун асоси меъёрии фаъолияти судӣ, таҳлили муқоисавии санадҳои судии судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ истифода мешаванд.

Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади таҳлили муқоисавии фаъолияти судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ, самтҳои ташаккули такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ истифода шудаанд.  Ҳангоми таҳия намудани рисолаи диссертатсионӣ қонунгузориҳои амалкунандаи кишвар, таҷрибаи татбиқи он дар амал ва таҷрибаи судии ҳокимияти судӣ мавриди омузиш қарор дода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Раванди таҳия намудани рисолаи диссертатсионӣ бо истифода аз маҷмуи зиёди маълумотҳои эмпирикӣ анҷом дода шуда, тавассути таҳлили таҷрибаи амалии фаъолияти судҳои иқтисодӣ, омузиши омори судӣ, санадҳои судӣ ва ҳуқуқӣ, қонунгузориҳои амалкунанда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин маводи таҳқиқоти илмии олимони ватаниву хориҷӣ

ҷамъоварӣ карда шудаанд. Ҳамзамон, пурсишҳо миёни ҳуқуқшиносон, устодон, судяҳо ва кормандони дастгоҳи суд бо мақсади фаҳмидани нуқтаи назари онҳо дар бораи фаъолияти судҳои иқтисодӣ гузаронида шудааст. Зимни таҳқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз қабили Конститутсияи ҶТ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, санадҳои судӣ, дастурамалҳо, барномаҳо, стратегияҳои давлатӣ ва дигар манбаҳое, ки воқеияти ҳуқуқиро нишон медиҳанд, истифода шудааст. Зимни мавриди омузиш қарор додани санадҳои миллӣ, ҳамзамон, санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва созишномаю шартномаҳои байналмилалӣ, инчунин, қонунгузории давлатҳои алоҳида низ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ба рисолаи диссертатсиониро эътимоднок ва асоснок муаррифӣ менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори аввал таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккулёбӣ ва рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ ва тафовути он аз судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ гузаронида шудааст. Зимни омузиш ва таҳлилу таҳқиқотҳои гузаронидашудаи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари таърихӣ-ҳуқуқӣ тавсияҳое пешниҳод гардидаанд, ки баҳри мукаммал гардонидан ва рушди минбаъдаи фаъолияти ҳокимияти судӣ, аз қабили судҳои иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Ба ҳамин васила, рисолаи диссератсионии мазкур ҳамчун таҳқиқоти илмии асоснок ва ҳамаҷониба эътироф карда шуда, аз маҷмуи зиёди манбаҳо ва сарчашмаҳои илмӣ, таҳлилҳои муфассал ва шарҳи васеи онҳо, инчунин, омузиши тағйироту иловаҳои воридгардида ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ таҳлил карда шуда, ба анҷом дода шудааст. Дар баробари ин, дар рисола асосҳои ташкилию фаъолияти судҳои иқтисодӣ, мавқеи онҳо дар низоми ҳамоҳангии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва аҳаммияти онҳо дар ҳалли баҳсҳои дорои хусусияти иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

**Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти анҷомёфта имкон медиҳанд, ки нуктаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод карда шаванд:**

1. Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон аз се марҳила иборат мебошанд:

- марҳилаи аввал – давраи тошуравӣ. Таҳқиқотчиёни ватанӣ ин давраро давраи таҳаввулоти судҳои салоҳияти махсус аз давлати Ҳахоманишиҳо то сулолаи Манғитҳо меноманд, ки маҳз дар давраи мазкур институти тиҷоратӣ ва судҳо таъсис ёфта, баҳсҳои байни соҳибкорон ва савдогаронро бо барқарор намудани адолат ҳал менамуд;

- марҳилаи дуюм – давраи Шуравӣ. Дар ин давра муаллифон фаъолияти давлатии комиссияи арбитражиро бештар муносиб медонанд. Бори аввал дар Тоҷикистон комиссияи арбитражӣ соли 1926 таъсис ёфта, баъдан бо қабули Конститутсияи соли 1977 ба институти арбитраж мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дода шуд;

- марҳилаи сеюм – давраи истиқлолият, ки тартиби таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодиро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар назар дошта, фаъолияти пурсамари ҳокимияти судиро фаро гирифтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузориҳои дар иқтибос овардашуда дар аввал Суди Олии арбитражӣ фаъолият намуда, минбаъд Суди Олии иқтисодӣ номгузорӣ карда шуд.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми судҳои иқтисодӣ ҳамчун институти махсусгардонидашудаи ҳокимияти судӣ дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ, охири солҳои 90-уми асри XX, ташаккул ёфтааст. Низоми ҳокимияти судӣ зимни ислоҳоти судии Тоҷикистон, ки дар солҳои 1990 гузаронида шуда буд, куллан дигаргун гардида, мавқеъ ва аҳаммияти онро дар низоми кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ба таври назаррас тағйир дод, ки дар натиҷаи ин дигаргунӣ принсипи таҷзияи ҳокимият ва эътирофи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ, тасдиқ гардид. Таъсиси судҳои иқтисодӣ дар давраи ислоҳоти судии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ натиҷаи зарурати мутобиқсозии низоми судӣ ба талаботи нави иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад. Дар ин замина, нақш ва мавқеи судҳои иқтисодӣ ҳамчун мақомоти махсусгардонидани ҳокимияти судӣ, ки баҳсҳои

иқтисодӣ ва хоҷагидориро баррасӣ менамоянд, ба яке аз унсурҳои аҳамиятноки низоми адолати судӣ табдил ёфтааст. Ҷорӣ намудани мурофиаи махсуси иқтисодӣ имкон дод, ки баҳсҳои марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои молумулкӣ бо дар назардошти хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии онҳо баррасӣ гарданд, ки ин ба таҳкими суботи ҳуқуқӣ ва пешгирии ихтилофоти ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Таҳкими низоми судҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, равандҳои ташаккул, рушд ва самаранокии фаъолияти онҳо дар чунин шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ таҳлил карда шаванд. Ин падида шаҳодат аз он медиҳад, ки давлат бо дар назардошти эҳтиёҷоти нави иқтисодиву иҷтимоӣ сохтори мустақили мурофиавиро таъсис медиҳад, ки фаъолияти он дар таъмини суботи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Пешниҳоди мазкур барои такмили қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи судии ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва таҳкими волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад.

3. Таҳлили муқоисавии низоми судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон бо дигар кишварҳои ИДМ, аз қабили Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва ғайра нишон медиҳад, ки дар кишвар заминаи ҳуқуқии устувор ва амалияи мурофиавии мутобиқ ба муносибатҳои муосири иқтисодӣ ташаккул ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар ташаккули қонунгузории мурофиавӣ ва дар рушди судҳои иқтисодӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон, таҷрибаҳои кишварҳои алоҳидаи ИДМ бартариятҳои муайянро дар самти рақамисозии мурофиаи судӣ, истифодаи воситаҳои электронии баррасии парвандаҳо ва такмили расмиёти мурофиавӣ инъикос менамояд. Ҷорӣ намудани чунин механизмҳо ба самаранокӣ, шаффофият ва дастрасии адолати судӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба рушди сатҳи касбии судяҳо ва такмили ихтисоси онҳо дар кишварҳои ИДМ омили муҳимми малакаи касбии баррасии баҳсҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Истифодаи ин таҷриба барои Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки самтҳои афзалиятноки ислоҳоти минбаъда муайян ва самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ тақвият дода шавад.

4. Дар шароити густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди байналмилалӣ, зарурати такмили минбаъдаи ҳокимияти судӣ, бахусус судҳои иқтисодӣ, аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва афзоиши мураккабии баҳсҳои хоҷагидорӣ талаб менамояд, ки фаъолияти судҳо ба шароити нав мутобиқ карда шавад. Идомаи ислоҳоти судӣ дар самти судҳои иқтисодӣ ҳамчун раванди объективӣ арзёбӣ гардида, самаранокии ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ба сатҳи ташкили мурофиаи судӣ вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, мутобиқсозии фаъолияти судҳои иқтисодӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ба таҳкими мавқеи судҳои иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат намуда, дар фазои байналмилалӣ аз боэътимодии фаъолияти он дарак медиҳад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:** Пешниҳод, тавсия ва хулосаҳои дар таҳқиқот овардашуда барои таҳқиқотҳои минбаъдаи назариявии соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ ва амалияи судӣ нақши муассир дошта, метавонанд барои истифода дар раванди омодасозии таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ аз лиҳози паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҳокимияти судӣ тавсия гарданд. Нуктаҳои дар диссертатсия овардашударо ҳамчунин метавон зимни омода намудани васоити таълимӣ, маводҳои лексионӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ мавриди истифода қарор дод. Таҳияи рисолаи илмии мазкур ба ташаккули илмии шуурнокии ҳуқуқӣ оид ба фаъолият ва нақши судҳои иқтисодӣ дар низоми ҳокимияти судии давлат мусоидат менамояд. Бо муқоиса намудани таҷрибаҳои кишварҳои ИДМ, нуктаҳои умумӣ ва тафовуту фарқиятҳо дар сохтори фаъолияти судҳои иқтисодӣ равшан карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки доир ба мавзуи таҳқиқшаванда хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷории амалкунанда дар самти фаъолияти ҳокимияти судӣ таҳия карда шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бо ҳалли вазифаҳои марбут ба муайян кардани сабабҳо ва монеаҳои ташаккулёбии ҳокимияти судӣ, таҳаввулёбии он ҳамчун кафили ҳуқуқ ва озодиҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон, инчунин истифода намудани ҷузъе аз нуқтаҳои назариявӣ баҳри такмил ва

ислоҳоти минбаъдаи низоми судӣ дар Тоҷикистон алоқаманд мебошанд. Дар асоси таҳлили таҷрибаи судҳои иқтисодии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ метавонанд, тавсияҳое пешниҳод шаванд, ки дар баланд бардоштани самаранокии судҳои иқтисодӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории марбут ба ҳокимияти судӣ аз қабили судҳои иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Яке аз аҳаммияти амалии муҳимми таҳқиқоти илмӣ ин фароҳам овардани заминаи асосӣ дар рушди ҳамкорӣ ва мутобиқсозии стандартҳои байналмилалӣ ва беҳтар кардани ҳамкориҳои байни судҳои аъзои ИДМ мебошад. Маводҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ барои донишгоҳҳо, курсҳои ихтисосӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд, дар баробари ин, аз онҳо омӯзгорону донишҷӯён низ метавонанд, барои муфассал омухтан ва омузонидани сохтор ва нақши суди иқтисодӣ баҳра баранд. Аҳаммияти амалӣ дар пешбурди фарҳанги ҳуқуқии соҳибкорон ва шаҳрвандон низ ифода гардида, ба болоравии огоҳии ҳуқуқии соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои баҳсии соҳаи соҳибкорӣ тавассути судҳои иқтисодӣ муосидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии мазкур тариқи истифодаи методҳои таҳлил ва муқоисаи меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда, аз худ намудан ва омкзиши таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ, инчунин, таҳлили васеи маводи илмӣ ва амалӣ таъмин мегардад. Заминаи асосии таҳқиқотро манбаҳои муҳимми ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, таҳлили таҷрибаи судҳои иқтисодӣ, назари ҳуқуқшиносони варзида, инчунин маълумоти оморӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои илмии муосир, аз ҷумла, таҳлили догматикӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низоми ҳуқуқӣ ва таҳлили эмпирикӣ асоснок карда шудааст. Мавқеъ ва хулосаҳои таҳқиқот ба таври мантиқӣ аз таҳлили манбаъҳо ва таҷрибаи амалии судҳои иқтисодӣ бармеоянд ва бо маълумоти воқеии ҳуқуқӣ тасдиқ мегарданд. Ин

ҳама ба таҳқиқот дараҷаи баланди боэътимодӣ ва асоснокии илмӣ мебахшанд. Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар мақолаҳои тақризшаванда ва илмӣ, инчунин дар конференсияҳои илмӣ ва ҷумҳуриявӣ оварда шуда, ба услуби навишти махсуси муаллиф асоснок карда мешавад.

**Мутобиқатии диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳияи таҳқиқоти мазкур аз масъалагузории илмӣ, мавриди таҳлил қарор додани асосҳои амаливу назариявӣ ва заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди иқтисодии ИДМ ва судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои он, инчунин ба роҳ мондани воситаҳои ҳаллу такмили онҳо иборат мебошад. Муаллиф мустақилона таҳлили васеи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии марбутаи кишварҳои ИДМ-ро анҷом дода, таҷрибаи амалии судҳои иқтисодиро омӯхтааст. Дар асоси ин таҳлилҳо, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати беҳтарсозии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва мутобиқсозии он бо стандартҳои муосири байналмилалӣ таҳия карда шудаанд.

Дар таҳқиқот муносибати нав ба рушди судҳои иқтисодӣ ҳамчун унсури муҳимми ҳифзи ҳуқуқи иқтисодӣ ва таъсиррасонӣ ба муҳити сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф тамоми қисматҳои таҳқиқотро аз интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маълумот, таҳлили назария ва амалия, интихоб ва бандубасти мавзуъ, инчунин дар масъалагузориҳои таҳқиқи илмӣ, таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳоро ба таври мустақилона ва бо такя ба методологияи илмии муосир анҷом додааст.

Саҳми бевоситаи муаллиф дар таҳқиқот тавассути навгониҳои илмии таҳқиқоти илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳои илмии муаллиф, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд, ҳамчунин, маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ифода меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи «Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ, муҳокима ва омода қарор дода шуда, ба анҷом расонида шудааст.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқ маърузаҳои зерин бо хулосаву тавсияҳои алоҳида дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ нашр шудаанд:

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон 9 декабри соли 2022 зери унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи «Суди Олии иқтисодӣ дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2022. – С.323-327.

– конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон: «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» аз 5 декабри соли 2023 – маъруза дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С.605-609.

– конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон шудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» аз 6 декабри соли 2024 – маъруза дар мавзуи «Ҳокимияти судӣ дар низоми тақсимоти ҳокимияти давлатӣ». – Душанбе, 2024. – С.503-511.

– конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар

фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 5 декабри соли 2025. – маъруза дар мавзуи «Мавқеъ, вазифа ва ваколатҳои судҳои иқтисодӣ дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2025. – С.721-727.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар маҷмуъ 8 адад мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 4 адад мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 адад маърузаҳо ва мақолаҳо дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Сохтори диссертатсия бо мақсаду ҳадафҳо ва вазифаҳои дар он зикргардида мутобиқат намуда, аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ ВА МУОСИР

## 1.1. Марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони таърихӣ

Дар ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд, ки ҷавҳари онро ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд ташкил медиҳанд, таъмини адолати судиву иҷтимоӣ ва волоияти қонун вазифаи ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад. Пешрафт ва рушду нумуи низоми судии дар соҳаи иқтисодӣ масъул дар Тоҷикистон бо табдил додани арбитражи давлатӣ ба судҳои арбитражӣ (ҳакамӣ) амалӣ гардида, дар раванди рушди мустақилонаи мақомоти судӣ мусоидат менамояд.

Таърих гувоҳи он аст, ки баҳсҳои субъектони фаъолияти соҳибкорӣ тартиби гуногуни баррасиро дошт, ки аз тарафи комиссияҳои арбитражӣ ҳал карда мешуд. Фаъолияти комиссияҳои арбитражӣ тибқи «Низомномаи Комиссияи арбитражии назди шурои меҳнат ва мудофиаи ИҶШС аз 6 майи соли 1924» ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим карда шуда, парвандаҳоро дар дар ҳузури ҳатмии ҳуқуқшинос ва намояндаи роҳбарикунандаи хоҷагидор дар ҳайати се аъзо мутобиқи қоидаҳои муқарраркардаи Кодекси мурофиавии гражданӣ баррасӣ менамуд. Пас аз оне, ки муносибатҳои хоҷагидориву иқтисодӣ инкишоф ёфтанд, таваҷҷуҳ ба фаъолияти арбитраж зиёд гардид. «Қарорҳои аз ҷониби КИМ ИҶШС моҳи марти соли 1931 қабулшуда, мақомоти давлатӣ, хоҷагидорӣ ва кооперативиро водор сохт, ки муносибатҳои худро дар соҳаи хоҷагидорӣ бо бастани шартнома ба расмият дароранд. Инчунин, дар сурати иҷро накардани онҳо қонунгузории ҳамонвақта ҷавобгарӣ пешбинӣ карда буд, ки ин асоси таъмини фазои ҳуқуқӣ ҳисобида мешуд» [146, с.35-61].

Бо ҳамин, дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ моҳи майи соли 1931 арбитражи давлатӣ ташкил карда шудааст, ки аввалин Низомномаи он бо қарорҳои якҷояи КИМ ИҶШС аз 3 майи соли 1931, №5 тасдиқ шудааст. Таъсис ва ташкили фаъолияти дурусти судҳо зимни нооромиву низоъҳо ва мухолифатҳои сиёсӣ, ки дар кишвар вазъи сиёсии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳанӯз

хеле нигаронкунанда буд, ба роҳ монда шуда буд. То замони Шуравӣ баҳсҳои судии хоси муносибатҳои иқтисодӣ дар асоси меъёрҳои диние, ки дар Қуръон, ҳадис ва дигар қонунгузории исломӣ, ки таъмини ҳуқуқҳои поймолшударо аъзоёни ҷомеаро танзим менамуд, аз ҷониби қозӣ, баррасӣ ва ҳал карда мешуд [179, с. 323].

Вазъияти мазкур ба омили муҳимми авҷи қонуншиканиҳо ва ҷинояткорӣ табдил гашта, мақомоти назоратии махсус баҳри бартараф намудани онҳо ва имкони таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои аввалиндараҷаи шаҳрвандон таҳким наёфта буданд. Ниҳодҳои адолати судӣ дар низоми ниҳоди навтаъсис мавқеи марказиро ишғол намуда, бо мутобиқ намудани рушди башарият ва тағйироти иҷтимоӣ талаботу ниёзи ҷомеаро дар баррасӣ ва ҳалли даъвои миёни аъзоёни ҷомеа ва қавму қабила амалӣ мегардониданд.

Бо мақсади таъмини зисти осоишта ҷамоаҳои аввалия ба таҳияи қоидаҳо ва муқаррар кардани онҳо барои ҷомеа шуруъ намуданд, ки тавассути он ҳаллу фасли баҳсу даъво ба роҳ монда шуда, аз ҷониби ҳамагон риоя мегардид. Зимни вайрон гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, ки муқарраротҳои тартиботи таҳияшударо таҳдид мекарданд, татбиқи усулҳои хоси баррасии баҳсҳо ва ҷазо барои вайронкунандагони он дар ҷомеаи ибтидоӣ пешбинӣ карда мешуд. Қобили таъкид аст, ки ғояи адолат ва додгоҳи адолатпеша ҳам дар тамаддуни шарқӣ ва ҳам дар тамаддуни ғарбӣ пайдо шуда, рушд кардааст.

Рушди тасаввуроти динӣ ва таъсири он дар ташкил кардани механизмҳои нави баамалбарории адолати судӣ ин имтиҳон ва санҷишҳои кухна дар ҷомеаҳои ибтидоӣ ё худ дар қавмҳои тоҷикон буд. Ба маъзарат, санҷишҳо, ки дар таҳқиқи даъво ва баҳсҳо мавриди истифода қарор мегирифтанд, бо таҷрибаҳои динӣ ва ё қувваҳои «фавқуттабиӣ» алоқаманд буданд. Вақте ки ба санаҳои қадимтар ва манбаъҳои таърихии Тоҷикистон назар мекунем, мебинем, ки ҳангоми баҳс ва даъвоҳо, санҷиш дар шаклҳои гуногун истифода мешуд. Дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ дар ҷомеаи ибтидоӣ имтиҳон (санҷиш) «Важ» номида мешуд, ки он дар фарҳанги тоҷикӣ ва таърихи ҳуқуқии тоҷикон як шакли маъруфи санҷиш ё азму тафтишот буда, барои

дарёфти ҳақиқат ва эҳтимолан баррасӣ ё додани адолат дар назди ҷомеа истифода мешуд [72, с. 10]. Дар сарчашмаҳои қадимӣ, аз ҷумла Аваcто (асари аслии динӣ ва маърифати ибтидоии тоҷикон), метавон шоҳид шуд, ки санҷиш дар таҷрибаҳои марбут ба амалисозии адолат ба танзим даровaрда мешуд, ки ба ҳалли даъвоҳо ва масъалаҳои иҷтимоии байни аъзои ҷомеа кӯмак мекард [123, с. 69]. Чунончӣ, А.Ғ. Холиқов дар таҳқиқоти худ қайд намудааст: «Ниёгони халқи тоҷик дар имтиҳон (важ) асосан оҳан, оташ ва обро истифода мебурданд» [195, с. 480].

Ба андешаи як қатор муаллифон, ки дар китоби Авеcто омадааст: «Дар ҷомеаи Авеcто 30 намуди важ, дигарон бошанд, бар он ақидаанд, ки зиёда аз 33 намуди он истифода бурда мешуд» [122, с. 56].

Дар таҳқиқоти Р.С. Одиназода омадааст, ки: «Мақсади ниҳоии баамалбарории адолати судӣ тибқи Авеcто, дастрасӣ ба адолат ва таъмини саодати одамон мебошад. Саодат ҳамчун мақсади ниҳоӣ дар ҳаёти зардуштиён дар накукорӣ, риояи расму оину анъанаҳо, қонунҳо, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва содир намудани кирдори мувофиқ ба қонун ифода меёбад. Ориёиён ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар ҳолати мавҷуд набудани шоҳид ё имконнопазир будани исботи гуноҳи шахси гумонбаршуда аз худоён ва фариштаҳо кумак металабиданд, зеро боварии комил доштанд, ки онҳо ҳамчун «ҳамабин» ва «ҳамадон» медонанд, ки гунаҳгор кист» [101, с. 19-21]. Аз ин рӯ, баҳри раҳо ёфтан аз гуноҳи ҷазодиҳии шахси бегуноҳ ва пешгирии вайронкунии меъёр айби гумонбаршуда бо кумаки қувваҳои табиат исбот карда мешуд. Ф. Абдулхонов қайд намудааст: «Мурофиа дар шакли имтиҳон, минбаъд, яъне дар давраи барҳамхурии сохти ҷомеаи ибтидоӣ ва пайдоиши давлатдорӣ аз насл ба насл гузашта дар давраи рушди тамаддуни зардуштӣ низ ҳамчун мерос боқӣ мемонад» [177, с. 135].

Ҳамзамон, Ф. Абдулхонов қайд кардааст, ки: «Ниҳодҳои адолати судӣ дар ин марҳила дар навбати аввал дар заминаи Авеcто – китоби муқаддаси зардуштиён, ташаккул меёфтанд. Моҳиятан дар ин сарчашмаи бостонии ҳуқуқӣ такомулу рушди соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ва ниҳодҳои давлатдорӣ

гузошта шудааст. Чунончӣ, дар он масъалаҳои ташкил, ба амал баровардани адолати судӣ, субъектҳои мурофиаи судӣ, тарзу намудҳои ҷазо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ниҳодҳои адолати судии дар Авесто муқарраргардида дар амалия ташаккул ва рушд ёфтаанд. Ба андешаи бештари олимон пайдоиш ва фаъолияти ниҳодҳои адолати судӣ омили муайянкунандаи пайдоиши ҳокимияти давлатӣ мебошад» [177, с.136].

Ҷузъҳои Авесто: «Дар шакли маҷмуаи хурд «Эҳриатастон»-кодекси коҳинон ва «Нирангистон» - кодекси ибодатӣ (маросим) возеҳу равшан нишон медиҳанд, ки адолати судӣ дар марҳилаи зардуштии таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон кадом мавқеъро ишғол менамуд. Салоҳияти шоҳони ориёнӣ дар самти ба амал баровардани адолати судӣ аз муқаррароти дини зардуштӣ, ки адолати судиро яке аз муҳимтарин муқаррароти илоҳӣ мешумориданд, сарчашма мегирифт» [67, с. 23-26].

Р.С. Одиназода дар таҳқиқоти худ қайд мекунад: «Ақидаи он, ки сарвари давлат дар таърихи давлатдории тоҷикон ҳамчун ниҳод ва механизми баамалбарории адолати судӣ баромад мекард, мазмуни фарох ва муҳим дорад. Воқеан, адолати судӣ тибқи мазҳаби зардуштӣ мафҳуми васеъ ва фарогири ҳамагонӣ буда, ба он ҳама – аз узви одии ҷомеа то сарвари кишвар, бояд итоат намоянд. Татбиқи адолати судӣ бояд аз сарвари давлат – ҳоким, оғоз ёбад, то ин ки ӯ дар навбати худ ҳуқуқи маънавӣ ва қонуниро дар баамалбарории адолти судӣ дарёфт намояд. Шоҳро ҳамчун механизми баамалбарории адолати судӣ эътироф намуда, таълимоти зардуштӣ ба дӯши ӯ бевосита масъулияти муқаррар намудани адолат, тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният дар кишварро вогузор карда буд. Истифода бурдани ваколатҳои худ ба ҳайси судя аз ҷониби сарвари давлат ҳамеша ба ӯ принсипҳои ҳуқуқӣ, адолати судӣ ва адлу адолатро ёдовар месохт. Ҳамзамон, сарвари давлат метавонист ваколатҳои худро оид ба амалбарории адолати судӣ ба дигар мансабдорони дастгоҳи давлатӣ вогузор намояд. Дар баробари ин, боз маълумотҳое ҳастанд, ки натанҳо шоҳ, балки ҳокимони маҳаллӣ, мансабдорон ва пешвоёни қавмҳо, ҳар яке вобаста ба ҳадди салоҳият ва ваколатҳои худ метавонистанд фаъолияти судиро ба амал

баробранд, яъне ба гунаҳгорон ҷазо таъин кунанд, даъвоҳоро қонеъ гардонанд ва амсоли инҳо. Ҳамин тариқ, сарвари давлат адолати судиро ба амал баровварда, худ оқилу одил мешуд ва механизми муҳим дар ҷодаи муқаррар кардани тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар табдил меёфт» [191, с. 47-48].

Ин мантиқи таърихӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна дар давраҳои қадим механизми адолати судӣ ва ё санҷиш бо асосҳои динӣ ва ҷомеашиносӣ пайваст буда, то чӣ андоза шакли ҷамъиятии расмӣ ё эътиқодҳо ҳамчун қисми ҷомеа дар тартиботи ҳуқуқӣ истифода мешуд.

О.И. Мамина чунин қайд намудааст, ки: «Ҳокимияти судӣ барои ҳимояи ҷомеа аз рафтору кирдори ғайриҳуқуқии шахсони алоҳида ва ташкилот, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, назорат бар фаъолияти шохаҳои ҳокимият, ки қонунӣ будани амалҳову қарорҳои онҳоро таъмин месозанд, таъсиси ёфтааст. Маҳз барои ҳифзи ҷомеа аз рафтору кирдори ғайриҳуқуқии шахсони мансабдорони алоҳида, яъне, намояндагони ҳокимияти оммавӣ ниҳоди суди шоҳӣ таъсис дода шуда буд» [188, с. 32].

Воқеан, омузиши ҳаматарафаи ниҳодҳои таърихи давлатдории халқи тоҷик тафаккур ва таассуроти возеҳу равшан дар бораи таърихи он дода, имкон медиҳад, ки таҷрибаи ҳазорсолаи аз тарафи ниҳодҳои гуногуни ҳуқуқӣ ҳаллу фасл намудани ин ё он масъаларо аз худ намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ ва ҳуқуқтатбиққунии муосир амали онро истифода намоем.

Дар ин росто Р.С. Одиназода иброз медорад, ки: «Яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдории тоҷикон ва Ҳамзамон, падидаи адолати судӣ дар асрҳои қадим ва миёнаи миллати тоҷик ниҳоди мазолим ба шумор меравад. Ниҳоди мазкур дар таърихи тамаддуни ғарбӣ амсоли худ монандро надошт. Ҳол он ки ниҳодҳои ба ниҳоди мазолим монандро дар таърихи дигар ҳалқҳо ёфтан мумкин аст, аммо таҳлили таърихи пайдоиш, фаъолият ва салоҳияти мазолим нишон медиҳад, ки ин ягона ниҳоди нодире буд, ки дар асоси қоидаҳои дини зардуштӣ пайдо шуда, сипас бо роҳи таҷрибаи фаъолияти Пайғамбари ислом Муҳаммад (с) ташаккулу рушд ёфтааст. Новобаста ба ишғоли мавқеи махсус

дар низоми адолати судӣ чи дар давраи зардуштӣ ва чӣ исломии рушди тоҷикон, дар илми таърихи ҳуқуқи Тоҷикистон ниҳоди мазкур мавриди таҳқиқоти алоҳида қарор дода нашуда буд ва имконияти омузишу таҳлили он танҳо дар натиҷаи соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба даст омад» [191, с. 47-48].

И.Б. Бӯриев қайд мекунад: «Мазолимро ҳамчун ниҳоди судии давлатдорӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар давраи пешошуравӣ мавриди омузиш қарор дода, асосан салоҳият ва баъзе паҳлуҳои таърихи ташаккул ва рушди ниҳоди мазолимро дар давраи зардуштӣ ва мусулмонии рушди давлатдории тоҷикон таҳқиқ намудааст. Аммо бояд қайд намуд, ки ниҳоди мазкур дар тӯли зиёда аз ду ҳазор сол ба таври мустақим ва пурра амал намудааст. Аз ин рӯ, имрӯз зарурати бештар возеҳу равшан нишон додани нақши ниҳоди мазолим дар таърихи тоҷикон вуҷуд дорад» [72, с. 130].

Дар ин росто, Р.С. Одиназода чунин қайд менамояд, ки: «Ниҳоди мазолим номи худро каме дертар дар давраи рушди исломии давлатдории тоҷикон гирифтааст. Аксарияти муҳаққиқон қайд намудаанд, ки бештари мардуми қадим сарчашмаи илоҳӣ доштани адолат, адолати судӣ ва ҳокимияти судиро эътироф намуда, ба Шоҳ – Сарвари давлатро хос медонанд. Шоҳ дар баладндии аҳроми ҳокимият қарор дошта, худро намояндаи илоҳӣ ва роҳнамои ҳокимияти судӣ шуморида, ба адолати судӣ машғул мешуд» [101, с. 66].

Тибқи маълумоти А.Г. Периханян: «Муқаррароте, ки дар Авесто инъикос шудааст, барои марҳилаи ибтидоии рушди ҷамъият хос буда, пешбурди истеҳсолоти судӣ ҳанӯз ба соҳаи мустақил бо дастгоҳи махсус ҷудо нашуда буд ва аз ҷониби ҳокимони дунявӣ ва коҳинон дар ҳузур ва аз эҳтимол дур нест, ки бо иштироки намояндагони ҷомеа ба амал бароварда мешуд» [102, с. 264]. Ҳамзамон, ба қавли Периханян: «Дар масъалаҳои ба молу мулки давлатӣ мансуббуда судяҳо мурофиаҳои судиро пеш мебурданд. Ба салоҳияти онҳо назорати воридоти андоз ба хазинаи шоҳ, ҳуҷҷатгузории ҳуқуқуи молумулкӣ ва соҳибият ба он дохил мешуд. Ҳамаи молу мулке, ки ба фоидаи давлат

мусодира карда мешуд, ба феҳристи баҳисобгирии хазина ва ё ба муассисаи идоракунии заминҳои шоҳӣ ворид карда мешуд» [103, с. 196].

Дарки адолати судӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон аз фаъолияти судӣ ва равандҳои омодасозии парвандаҳо ва баррасии онҳо таркиб ёфтааст. Ин раванди судӣ на танҳо омодасозии парванда ва қабули қарор ё ҳукм, балки иҷрои ҳукми қабулшударо низ дар бар мегирад. Сохтори қонунгузории кишвар аз замони соҳибихтиёрии Тоҷикистон тадриҷан ба ислоҳот ва такмил бо истифода аз санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии замони Иттиҳоди Шуравӣ оғоз ёфт. Санадҳои қаблӣ дар марҳилаи аввал амал мекарданд, вале бо мурури замон ва баррасии он бо мақсади мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ниёзҳои дохилӣ, тағйирот ворид гардид.

Масъалаҳои ташаккул ва инкишофи мақомоти судии ИҶШС дар солҳои аввали таъсиси мақомотҳои шуравӣ инъикоси худро дар фаъолияти илмии олимони шуравӣ П.И. Стучка, Н.В. Криленко, Я.М. Бермана, Ю.П. Титова [115, с. 161] ва дигарон бештар ба назар расида, солҳои аввали таъсисёбӣ ва ташаккули низоми судии шуравӣ, аз он ҷумла, санадҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои мақомоти судӣ ва дигар равандҳои он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи ташаккул ва рушди низоми судии Тоҷикистони Шуравӣ дар таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ, аз ҷумла, Ф.Т. Тоҳиров, Г.С. Азизқулова, К.Д. Митюкова, С.А. Раҷабов, Б.И. Искандаров, А.И. Ишанов, Ш.З. Уразаев [118, с. 78] ва дигарон омадааст, ки дар рисолаи дессертатсионӣ васеъ истифодабарӣ карда шудааст.

Дар натиҷаи омузиш ва таҳлилҳои қаблӣ чунин аён мегардад, ки дар Тоҷикистон густрариш ва рушди мақомоти судӣ аз соли 1924 ба давраи баъди Инқилоби Октябр рост омада, он дар низоми дузинагии судӣ – суди халқӣ ва Суди Олӣ амал мекард. Суди Олӣ мақоми болоиро нисбат ба суди халқӣ доро буда, баҳсҳои воридшударо бо мақсади ҳимояи манфиатҳои аҳли ҷомеа ва таъмини пешбурди фаъолияти ҳуқуқӣ дар шакли кассатсионӣ мавриди баррасӣ қарор медод. Устувории давлат ва ниёзи он ба таъмини адолати судӣ

бо оромии фазои ҳуқуқӣ робитаи зич дошта, чунин замина фароҳам меоварад, ки ҳокимияти судӣ мунтазам таҳким ва густариш ёбад.

Олимони ватанӣ Н. Сидиқова, Н. Табаров ва дигарон қайд менамоянд: «Бо тартиби арбитражи давлатӣ ҳамаи баҳсҳо аз рӯйи шартномаҳо ва аҳдҳои басташуда ва дигар баҳсҳои молумулкии байни муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои қисми ҷамъиятикардашуда ҳал карда мешуданд. То муроҷиат ба арбитражи давлатӣ тарафҳо вазифадор (уҳдадор) буданд, ки ҳамаи чораҳоро барои бевосита танзим намудани баҳс андешид. Бо тартиби арбитражи давлатӣ инҳо баррасӣ карда намешуданд» [107, с. 8]:

а) баҳсҳои байни мақомоти ҳамон як идора, ки дар буҷети умумидавлатӣ ё маҳаллӣ меистоданд;

б) баҳсҳои байни муассисаҳо ва корхонаҳои ҳамон як идора, Иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ ё низоми кооперативӣ, бе иҷозати мақомоти болоии дахлдор;

в) баҳсҳо вобаста ба фаъолияти амалиётҳои Бонки давлатӣ, ки ҳамчун тараф дар баҳс баромад мекунад;

г) баҳсҳои аз шартномаҳои боркашонии роҳи оҳан ба миён омада;

д) баҳсҳои вобаста ба пардохти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳое, ки бо тартиби бебаҳс ситонида мешаванд.

Ҳамзамон, ба қавли онҳо: «Парвандаҳоро арбитр, ки аз ҷониби сарарбитр барои парвандаи мазкур таъин карда мешуд ва намояндагони масъули тарафҳои баҳскунанда (роҳбарони муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо, муовинони онҳо, аъзои раёсат) як нафарӣ аз ҳар кадоми тарафҳо ҳал мекарданд. Дар ҳолатҳои мухолифат масъаларо арбитр ҳал мекард. Аз рӯйи парвандаҳои мураккаб сарарбитр метавонист ба ҳайати арбитраж ба таври иловагӣ ду арбитрро дохил кунад» [107, с .9].

Парванда дар сурати иштирок надоштани намояндагони тарафҳои парванда дар ғоибии онҳо баррасӣ карда мешуд. Мақомоти арбитражи давлатӣ низ вобаста ба салоҳиятҳои муқараргардида худ метавонистанд, аз муассисаю

ташкилотҳо, корхонаҳо ва шахсони мансабдор ҳуҷҷатҳои лозима, маълумотҳо ва маводҳои заруриро талаб намоянд.

Д.А. Урунова дуруст қайд менамояд, ки: «Арбитраж аслан аз лаҳзаи ташкилшавиаш дар шаклҳои давлатӣ ва идоравӣ амал мекард. Дар арбитражи давлатӣ баҳси байни корхонаҳо ва ташкилотҳои тобеияти гуногуни маъмурӣ, дар арбитражи идоравӣ бошад, баҳси байни корхонаҳо ва ташкилотҳои тобеи як идора (вазорат, кумита ва ғ.) ҳал карда мешуданд» [194, с. 187].

Дар тӯли мавҷудияти беҳтар аз шастсолаи арбитражи давлатӣ (тахминан аз моҳи майи соли 1931 то моҳи марти соли 1992) борҳо аз ҷониби ИҶШС саъю кӯшишҳои аз нав бунёдкунии сохтор ва фаъолияти он, ба шароитҳои тағйирёбандаи иқтисодӣ мутобиқ намудан ва баланд бардоштани нақши он дар хоҷагии халқ карда шуда, дар асоси он бар дӯши арбитраж вазифаҳои нав ба нав гузошта мешуданд. Шурои Вазирони ИҶШС соли 1960 «Низомнома дар бораи Арбитражи давлатӣ аз соли 1931»-ро бекор карда, тасдиқи «Низомномаи навро дар бораи Арбитражи давлатии назди шурои Вазирони ИҶШС»-ро лозим донист. Бо ҳамин, моҳи августи соли 1970 шурои мазкур қарор «Дар бораи баланд бардоштани нақши мақомоти Арбитражи давлатӣ ва арбитражи вазоратҳою идораҳо дар хоҷагии халқ»-ро қабул кард, ки дар асоси он арбитраж ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, такмили алоқаҳои хоҷагидорӣ, мустаҳкам намудани нақши шартномаҳо дар муносибатҳои хоҷагидорӣ масъул карда шуд. Дар аввал арбитражҳои поёнӣ ба арбитражҳои болоӣ итоат накарда, дар назди мақомоти иҷроия фаъолият мекарданд, яъне низоми мазкур то соли 1974 бе тобеият буд. Арбитражи давлатии ИҶШС ба мақоми иттифоқӣ-ҷумҳуриявӣ санаи 17 январи соли 1974 табдил дода шуда, «Низомномаи нав дар бораи Арбитражи давлатии назди шурои Вазирони ИҶШС» тасдиқ карда шуд. Қабули Конститутсияи ИҶШС 1977 давраи охирини рушди инкишофи арбитражи давлатӣ буд, ки бо қабули он арбитраж мақоми давлатӣ эътироф карда шуда, мақоми он бо Конститутсияи мазкур муайян карда шуда буд.

Таъсис ва тартиби ташкили фаъолияти мақомотҳои арбитражи давлатӣ бори аввал дар қонун «Дар бораи арбитражи давлатӣ дар ИҶШС», ки 30 ноябри соли 1979 аз ҷониби шурои Олии ИҶШС қабул шуда буд, инъикос гардидааст, ки дар асоси он «Низомнома дар бораи Арбитражи давлатии назди Шурои Вазирони ИҶШС» ва қоидаҳои баррасии баҳсҳои хоҷагӣ аз ҷониби арбитражҳои давлатӣ қабул шуда буданд. Арбитражи давлатӣ фаъолияти худро дар асоси «Низомнома дар бораи мақомотҳои Арбитражи давлатӣ», ки бо Қарори Шурои Вазирони ИҶШС Тоҷикистон тасдиқ шуда буд, пеш мебурд.

Арбитражи давлатӣ зимни баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳо ба қонунҳо, амрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият, инчунин, асосҳои умумии сиёсати иқтисодии ИҶШС такя намуда, дар баробари он, доир ба зарурати интизоми нақшавию шартномавӣ, ҷавобгарии моддии мақомоти хоҷагидор, инчунин ҷавобгарии шахсии кормандони хоҷагиро дар сурати иҷро накардан ва ё нодуруст иҷро намудани шартномаҳо ва аҳдҳо огоҳ мекард. Дар асоси салоҳияти худ оид ба  ҳолатҳои вайронкунии ҷиддии интизоми шартномавию нақшавӣ ва дигар камбудиҳои дар фаъолияти муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо ошкоршуда, ба мақомоти болоӣ, инчунин, дар ҳолатҳои дигари дахлдор ба мақомоти прокуратура маълумот пешниҳод менамуд.

Санадҳои қабулнамудаи арбитражи давлатӣ қатъӣ буда, аз болои он шикоят оварда намешуд. Иҷрои қарори мазкур дар муҳлати муқаррарнамудаи Арбитражи давлатӣ, аз ҷониби тарафҳо таъмин мегардид. Дар ҳолате, ки қарори Арбитражи давлатӣ дар муҳлати муқарраршуда иҷро намегардид, он бо тартиби маҷбурӣ мавриди иҷро қарор мегирифт. Шахсони мансабдор, ки аз иҷрои қарори Арбитражи давлатӣ саркашӣ мекарданд, тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ ё ҷиноятӣ кашида мешуданд.

Ҳамчунин, оид ба фаро расидани марҳилаи навбатии ташаккули низоми давлатдорӣ ва қонунгузорӣ чунин ишора мегардад, ки дар баробари барҳам хурдани Иттиҳоди  Шуравӣ дар фазои давлатҳои пасошуравӣ марҳилаи нави рушди давлатдорӣ оғоз шуда, ташаккули мураккаби давлатдорӣ сар зада буд. Зеро, дар ин замина истиқлолияти сиёсӣ ва гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ низ

ба вуқуъ пайваста, масъалаҳои ба миён омада аз бисёр ҷиҳат тағйиротҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодиро ба вуқуъ оварда буд. Ба хусус, дар Тоҷикистон барқарор ва бунёднамоии ҳокимияти судӣ бо ҳолатҳои мураккаби баромадан аз бухрони шадид ва дар баробари ин, рӯ ба рӯ гаштан бо ҷанги шаҳрвандӣ боиси монеаи муташаниҷ гардида, мубориза ва зиддиятҳо барои ҳокимият ва бесарусомониҳои сиёсӣ-ҳуқуқии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мушкилии зиёдеро дар сохтмони ҳокимияти судӣ ба вуҷуд овард [215].

Дар Қарори шурои Олии ҶШСФР «Дар бораи консепсияи ислоҳоти судӣ дар ҶШСФР» чунин қайд гардидааст: «Дар чунин шароитҳои мураккаб ва ғайриоддӣ, ки бо ноустувории сиёсӣ, низоъҳои дохилӣ, бухрони иқтисодӣ ва болоравии сатҳи ҷиноятқорӣ, роҳбарияти сиёсии кишварҳои мустақил, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, мебоист масъалаҳои азнавсозии низоми судиро ҳал мекарданд. Ин раванд ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мегашт, ки ҳалли онҳо зарурияти ислоҳоти ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва судиро таъкид мекард. Пеш аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравии Сотсиалистӣ моҳи октябри соли 1991, Шурои Олии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Фарғона тасмим гирифт, ки бо қарори худ ислоҳоти судиро гузаронад» [215].

Ин ислоҳот ба мақсади таъсиси як низоми судии муосир ва мутобиқ бо талаботи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки мақсади асосии он таъмини адолат ва риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон буд, роҳандозӣ гардид.

Бо инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ баланд бардоштани нақши арбитраж ва васеъ намудани салоҳияти ӯ зарур гардид, ки ин ба қабули қонунҳо «Дар бораи додгоҳҳои ҳакамии Тоҷикистон» ва «Дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои хоҷагӣ дар додгоҳҳои ҳакамии Тоҷикистон» сабаб гардид. Ин қонунҳо на танҳо масъалаҳои марбут ба вазифаҳо, мақом ва фаъолияти додгоҳҳои ҳакамиро муайян карданд, балки тартиби ҳалли баҳсҳои иқтисодиро низ ба таври дақиқ танзим намуданд. Бо қабул кардани ин қонунҳо, мақомоти арбитражии қадимии кишвар ба додгоҳҳои ҳакамии мустақил табдил ёфтанд, ки барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла, корхонаҳо ва ташкилотҳо масъул буданд,

вагарна шакли моликияти субъектони иқтисодӣ барои онҳо аҳаммияти муҳим намеёфт. Ин қабули қонунҳо на маъзарат, балки ивази оддии арбитражи маъмулро ба судҳои иқтисодӣ намешуморад. Баҳри ба тартиби муайян даровардани баҳсҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ сохторҳои нав, ки бо риояи муқарраротҳои қонун ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ машғуланд, таъсис дода шуданд.

Ба ин муносибат, сарфи назар аз вазъияти сиёсӣ ва иқтисодӣ чунин зарурият ба миён омад, ки судҳои махсуси иқтисодӣ таъсис дода шуда, баҳсҳои иқтисодӣ бо риояи қонун баррасӣ карда шавад. Ташкили чунин судҳо дар асоси таҷрибаи мусбат, ки аз арбитражи давлатӣ бармеомад бо риояи қатъии қоидаҳои мурофиавии судӣ, имкон медиҳад, ки баҳсҳо бо адолат ва тавассути механизми возеҳ ва самаранок ҳал шаванд. Дар чунин судҳо, тарафҳои баҳскунанда, дар сурати дахолат ё иштибоҳ дар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳояшон, имкониятҳои баробари ҳимояи ҳуқуқи хешро пайдо мекунанд. Ин ба як принсипи аслӣ дар амалишавии адолат ва ҳуқуқи иқтисодӣ дар кишвар табдил меёбад. Якчанд вақт пас, додгоҳҳои ҳакамӣ, ки вазифаашон аз баррасӣ намудани баҳсҳои хоҷагидорӣ иборат буд, ба судҳои иқтисодӣ табдил ёфтанд. Ин табдилот ба таҳкими низоми судӣ дар заминаи ҳуқуқи иқтисодӣ ва барои эҷоди тартиботи самараноки судӣ кӯмак расонд.

Вобаста ба принсипи амалишавии адолат ва таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, Конститутсия нақши муҳимро барои эътимод ва равандҳои судии самаранок ишғол мекунад. Дар чунин шароити ҳуқуқии кишвар, қонун ва шартнома ҳамчун танзимкунандагони асосии муносибатҳои иқтисодӣ амал мекунанд. Онҳо дар якҷоягӣ бо алоқаҳои бозоргонӣ ва иқтисодӣ, ба таъмини рушди устувор ва адолати иқтисодӣ дар ҷомеа кӯмак мерасонанд.

Тавре олимони ватанӣ аз қабили Н. Сидиқова, Н. Табаров ва У. Шарипов қайд намудаанд: «Шурои меҳнат ва мудофиа, шурои иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, шуроҳои комиссарони халқии ҷумҳуриҳои мухтор, кумитаҳои иҷроияи кишварӣ ва вилоятӣ назорати фаъолияти арбитражи давлатиро аз рӯйи тобеият амалӣ намуда, ҳуқуқи ба таври назоратӣ тағйир ва ё бекор

намудани санадҳои арбитражи давлатиро доштанд» [107, с. 10]. Ба сарарбитр ҳуқуқ дода шуда буд, ки дар давоми як моҳ аз лаҳзаи баровардани қарор ё ҳалнома иҷрои онро боздошта, парвандаро ба арбитражи давлатӣ барои баррасии нав супорад.

Дар давраи мавҷудияти арбитражи давлатӣ аз соли 1931 то соли 1992 давлат талошҳои зиёде барои тағйироти сохтор ва фаъолияти он анҷом дода, ҳамеша кӯшиш мекард, ки нақши арбитражро дар хоҷагии халқ ба таври муассир баланд барад. Дар ин давра, дар заминаи арбитраж, вазифаҳои нав ва фаъолиятҳои гуногун ҷорӣ мешуданд, ки ин нишон медиҳад, ки давлат саъй мекард механизми ҳаллу фасли баҳсҳоро мувофиқ бо талаботи вақт ба инкишоф диҳад. Як таърихи муҳим дар таърихи арбитражи давлатии Иттиҳоди Шуравӣ вақте буд, ки дар натиҷаи қарори шуро «Низомномаи дар бораи арбитражи давлатии соли 1931» бекор карда шуда, бар ивази он «Низомнома дар бораи арбитражи давлатии назди Шурои Вазирони ИҶШС» тасдиқ гардид. Ин ислоҳот хостори ин буд, ки сохтори арбитражи давлатӣ беҳтар ва муосир гардад, то ки беҳтари натиҷаҳо дар раванди ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар тарафҳои марбут ба иқтисодиёт ва истеҳсолот ба даст ояд.

Вобаста ба салоҳиятҳои худ арбитраж дар навбати худ нақшаҳои давлатӣ ва уҳдадориҳои шартномаро иҷро намуда, ба фаъолияти шартномавию истеҳсолии корхонаҳо ҷиҳати самаранок намудани кори онҳо дахолат менамуд. Дар баробари ин, ҳимояи ҳуқуқи молумулкии корхона, муассиса ва ташкилотҳоро таъмин намуда, манфиатҳои қонунии онҳоро ҳифз мекард. Арбитраж бо такя ба ваколтаҳои худ нисбат ба вайронкунандагони меъёри қонунгузорӣ чораҳои ҷавобгарии молумулкӣ меандешид.

Аз ҷониби арбитри давлатӣ бо иштироки намояндагони шахсони иштироккунандаи парванда баррасии баҳсҳои молумулкӣ анҷом дода мешуд, ки ҳолати мазкурро «Низомнома дар бораи арбитражи давлатии соли 1960» пешбинӣ мекард. Зимни баррасии баҳс тарафҳо ихтиёри бо роҳи созиш ҳал намуддани баҳсро доштанд ва метавонистанд ба созиш омада, бо шарти

мувофиқат кардани он санади судии дахлдорро гиранд, ки ҳамаи ҳолатҳои он ба протокол ворид карда мешуд. Дар ҳолати мухолифатии тарафҳо, ки бартараф шудани монеагӣ халалдор мегардид, он гоҳ арбитри давлатӣ аз рӯйи баҳс ҳалномаи қонунӣ ва асоснок қабул мекард.

Тибқи Низомнома арбитражи давлатӣ ба мақомоти Иттиҳоди ҷумҳуриявӣ табдил гардида арбитражи давлатии назди шурои Вазирони ИҶШС арбитражҳои давлати назди шуроҳои вазирони Ҷумҳуриҳои Иттиҳод ва ҷумҳуриҳои мухтор, арбитражи давлатии назди кумитаҳои иҷроияи Шуравӣ дар маҷмуъ низоми ягонаи давлатии арбитражии ИҶШС -ро ташкил медоданд.

Арбатражҳои давлатӣ дар заминаи Низомномаи 1974 вазифаҳои зеринро иҷро менамуданд [201]:

«- мусоидат ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, иқтисодиёт, таҳкими ҳисоби иқтисодӣ, рушди муносибатҳои ҳамкории иқтисодии оқилона байни корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, таҳкими нақши созишнома дар равобит ва инкишофи ҳамкорӣ байни онҳо ҳангоми иҷро намудани нақшаҳои иқтисодӣ;

- таъсири фаъол бо мақсади ба рафти ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ дар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо бо мақсади тахмини риояи қонунияти сотсиалистӣ ва интизоми давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳо ва уҳдадориҳои шартномавӣ; мубориза бар зидди зуҳуроти маҳалгароӣ ва хадамотбозӣ;

- таъмини риояи қонуният ва татбиқи дурусти он зимни аз ҷониби арбитражҳо баррасӣ намудани баҳсҳои тиҷоратӣ;

- истифодаи роҳҳои бартарафсозии камбудиҳо дар фаъолияти корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ҷиҳати самаранок намудани муносибатҳои иқтисодӣ» [201].

Яке аз воситаҳои муҳим дар роҳи марказонии сохтории арбитраж ин қарори шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи такмили минбаъдаи ташкил ва фаъолияти мақомоти арбитражҳои давлатӣ» аз 17 январи соли 1974 №60 гардид. Зеро, мақомоти идоракунии давлатӣ, ки дар назди онҳо арбитражҳои

давлатӣ меистоданд, аз функсияи ба онҳо хос набудаи назорати қонунӣ будани қарорҳои арбитражҳои давлатӣ озод карда шуданд, ки дар натиҷа назорат куллан ва истисноан ба зиммаи арбитражҳои давлатии болоӣ гузошта шуда буд.

«Шуроҳои вазирони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар мувофиқа бо Арбитражи давлатии ИҶШС низомномаҳоро дар бораи арбитражҳои давлатӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тасдиқ карданд, ки тибқи он уҳдадор буданд назорати қарорҳои арбитражҳои маҳаллиро (ҳангоми маблағи шикоят на камтар аз 500 рубл) амалӣ намоянд. Арбитражи давлатии ИҶШС бошад аз болои қарорҳои арбитражҳои давлатии ҷумҳуриявӣ назорат мекарданд. Ба мазмуни муайян вай барои арбитраж низ марҳилаи дигаргунии қатъӣ гардид» [201].

Воқеаи аз ҳама бештар муҳим дар моддаи 163 Конститутсияи ИҶШС дарҷ шудани муқаррарот оид ба он гардид: «Ҳалли баҳсҳои хоҷагии байни корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҷониби мақомоти арбитражи давлатӣ дар доираи салоҳияти онҳо амалӣ карда мешавад». Ба қонуни асосӣ ворид намудани меъёрҳо дар бораи арбитраж аҳаммияти муҳимми мақомоти мазкурро дар хоҷагии халқи мамлакат баён намуда, онро конститутсионӣ гардонид.

Пештар «масъалаҳои мазкур бо санадҳои меъёрии зерқонунӣ ҳал карда мешуданд. Барои иҷрои ин нишондоди Конститутсия дар сессияи дуюми Шурои Олии ИҶШС қонун «Дар бораи арбитражи давлатӣ дар ИҶШС» аз 30 ноябри соли 1979 қабул карда шуда, дар асоси он аз 5 июни соли 1980 №440 қарор дар бораи «Қоидаҳои баррасии баҳсҳои хоҷагӣ аз ҷониби арбитражҳои давлатӣ» ва «Низомнома дар бораи Арбитражи давлатии назди Шурои Вазирони ИҶШС» аз ҷониби Шурои вазирон тасдиқ карда шуд» [107, с. 13].

Дар Тоҷикистон мақоми «Низомнома дар бораи мақомоти арбитражи давлатӣ» бо Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 муайян карда шуда буд. Қоидаҳои баррасии баҳсҳои хоҷагӣ аз ҷониби арбитражҳои давлатӣ аз рӯйи сохтор ва параметрҳои асосӣ ба кодекси мурофиавии арбитражӣ наздик

шуданд. Дар айни замон бисёр ҳолатҳое, ки ба шакли судӣ хос буданд, ҳанӯз вуҷуд надоштанд.

Дар соҳаи иқтисодиёт ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият дар асоси ислоҳоти давлатию ҳуқуқӣ гузаронида шуд, ки он ба замони ба дастоварии мустақилияти Тоҷикистон рост меомад. Ин сабаб гашт, ки муносибатҳои идоракунӣ шакли ба танзимдорориро гирифта, алоқаҳои муътадили соҳибкориро гирифта, идоракунии давлатии марказонидашудаи соҳаи иқтисодиёт ба танзими меъёрӣ-ҳуқуқии ин соҳа иваз карда шуд.

Дар натиҷа, зарурияти баланд бардоштани нақши арбитраж, васеъкунии салоҳияти он, афзунгардонии нуфузи ин мақомоти судӣ ба миён омад. Зеро, роҳи муносибатҳои бозориро интихоб намудани Тоҷикистон талаб менамуд, ки шакл ва тарзи нави фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, аз ҷумла, тартиботи нави ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ пеши кор оварда шавад.

Бо назардошти қабул шудани Низомнома дар бораи комиссияи арбитражӣ оид ба ҳалли баҳсҳои молу мулки байни муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҶШС Узбекистон аз соли 1928 ва Тартиби истеҳсолоти парванда дар комиссияи арбитражӣ аз 19 октябри соли 1926 бо Қарори КИМ ва ҶМШС Тоҷикистон Низомнома дар бораи комиссияи арбитражии ҶМШС Тоҷикистон бекор шуда буд.

Давраи дигари инкишофи минбаъдаи Комиссияи арбитражии Тоҷикистони шуравиро ташкили Арбитражи давлатии ИҶШС аз 3 майи соли 1931 ташкил медиҳад. Ҳалли баҳсҳо оид ба бастан ва иҷро кардани шартнома дар бораи сифати маҳсулот, баҳсҳои хоҷагидорӣ ва молу мулкии байни ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ваколатҳои асосии арбаитражро ташкил медоданд. Арбитражҳои давлатӣ уҳдадор буданд, ки ҳангоми баррасӣ ошкор гардидани қонуншиканиҳои дар самти фаъолияташон ҷойдошта дар бораи онҳо ба мақомоти прокуратура ва Инспексияи коргару деҳқон ва ё ба мақомоти болоӣ хабар расонанд.

Чӣ тавре ки қайд намудем, судҳои иқтисодӣ ба судҳои салоҳияти махсус шомил буда, зарурати ташкил намудани судҳои махсус ҳанӯз дар давраҳои подҳшоҳигарӣ дар Русия, яъне солҳои 1135 судҳои тиҷоратӣ ташкил карда шуд, ки баҳсҳои иқтисодии махсусро баррасӣ менамуданд. Идомаи такмили ин гуна судҳо дар замони Пётри якум соли 1719 ба вуқуъ омад, ки марҳилаҳои судии тиҷоратӣ оид ба баррасии баҳсҳои соҳаи савдо, муомилоти қоғазҳои қиматноки векселӣ, оид ба иҷрои уҳдадориҳо ва муфлисшавии тиҷоратӣ ташкил карда шудаанд.

Таърихи пайдоиши судҳои тиҷоратӣ, ки сарчашмаи асосии ташкилёбии судҳои арбитражӣ, ҳакамҳо ва иқтисодӣ дар давлатҳои ИДМ мебошанд, ба 14 майи соли 1832 дар замони интишори Низомномаи умумӣ оиди таъсиси судҳои тиҷоратӣ тааллуқ доранд. Соли 1917 бошад, бо Декрети Ҳокимияти Шуравӣ дар бораи судҳо таҳти №1 судҳои тиҷоратӣ барҳам дода шуданд. Таърихи давлатҳои Осиёи Миёна нишон дод, ки ин манотиқ якбора аз давраи феодалӣ ба давраи сотсиалистӣ гузаштаанд ва дар қаламрави Осиёи Миёна судҳои қозигӣ фаъолият менамуданд, ки тамоми баҳсҳоро дар асоси меъёрҳои шариат ва одатҳо ҳал менамуданд. Солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ бо сабаби таъсири калони дини ислом барҳам додани ин гуна судҳои қозигӣ аз имкон берун буд. Бинобар ин, 2 августи соли 1919 Комиссариати халқии адлияи ҶАШС Туркистон фармон баровард, ки Судҳои нави халқӣ дар баррасии баҳс метавонанд аз меъёрҳои шариат ва одатҳое, ки ихтилофоти маҷмуаи ақидаҳои ҳуқуқии пролетарӣ намебошанд, истифода баранд.

Баъди тақсимоти миллӣ-давлатии Осиёи Миёна ва ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон, Кумитаи инқилобии (Ҳукумати муваққатии) Тоҷикистон муҳиммияти мақомоти адлия ва судҳоро дар таъмини қонуният, ҳуқуқи инсон ва адолати иҷтимоӣ дарк намуда, аз рӯзҳои нахустини ташкилшавии худ дар бобати барпо кардан ва тараққӣ додани мақомоти адлия ва судҳо дар Тоҷикистон тадбирҳои амалӣ меандешид. Яке аз ин гуна тадбирҳо «қарори Кумитаи инқилобии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани Комиссариати халқии адлия» аз 14 декабри соли 1924 буд, ки таърихи

ташкилёбии мақомоти судии Тоҷикистон низ маҳз аз ҳамин сана оғоз меёбад» [74, с. 10]. Ташкилоти арбитражи тиҷоратӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси худ ба монанди хусусияти ташкилӣ, сохторӣ ва танзимнамоияшон тафовут доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намудаанд: «Таърихи ҳазорсолаи тоҷикон гувоҳӣ аз он медиҳад, ки анъанаи давлат ва давлатдории тоҷикон, ки тобовари чандин мушкилиҳо буданд, аз нав рушд намуда, дастовардҳои беназирро ба даст овարданд. Усули давлатдории тоҷикон беҳамтост» [127, с. 135].

Х.М. Мирзамонзода дар таҳқиқоти илмиаш чунин иброз медорад: «Олимони ватанӣ чунин мешуморанд, ки дар таърихи Тоҷикистон дар баробари судҳои умумӣ, инчунин, судҳои салоҳияти махсус фаъолият доштанд, ки фаъолияти мустақилонаи худро бо баррасӣ намудани баҳсҳои хоҷагӣ пеш бурда, дар радифи судҳои умумӣ шомил намешуданд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид шудааст, ки судҳои арбитражӣ, иттиҳодияҳо ва инчунин, судҳои фавқулодда ва махсус ба низоми судии умумӣ шомил буда, дар баробари ин, фаъолияти онҳо ба таври алоҳида ва мустақил пеш бурда мешавад» [189, с. 50].

Олимони ватанӣ аз қабили Ф.Т. Тоҳиров [113, с. 200], А.Г. Холиқзода [159, с. 448], Э.Б. Буризода [179, с. 199] ва У.А. Азиззода [132, с. 127-129] чунин қайд менамоянд, ки раванди мазкур якчанд марҳилаҳоро аз сар гузаронидааст. Бо назардошти ақидаи олимони ватанӣ марҳилаҳои рушди судҳои салоҳияти махсус аз се марҳила иборат мебошанд:

- марҳилаи аввал – давраи тошуравӣ. Таҳқиқотчиёни ватанӣ ин давраро давраи таҳаввулоти судҳои салоҳияти махсус аз давлати Ҳахоманишиҳо то сулолаи Манғитҳо меноманд, ки маҳз дар давраи мазкур институти тиҷоратӣ ва судҳо таъсис ёфта, баҳсҳои байни соҳибкорон ва савдогаронро бо барқарор намудани адолат ҳал менамуд;

- марҳилаи дуюм – давраи Шуравӣ. Дар ин давра муаллифон фаъолияти давлатии комиссияи арбитражиро бештар муносиб медонанд. Бори аввал дар Тоҷикистон комиссияи арбитражӣ соли 1926 таъсис ёфта, фаъолияти он бо қабули Конститутсияи соли 1977 робита дошта, ба ҳамин асос ба институти арбитражӣ вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дода шуд;

- марҳилаи сеюм – давраи истиқлолият, ки тартиби таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодиро дар замони соҳибистиқлолӣ дар назар дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузориҳои дар иқтибос овардашуда дар аввал Суди Олии арбитражӣ фаъолият намуда, минбаъд Суди Олии иқтисодӣ номгузорӣ карда шуд.

Зарурати ташкил кардани судҳое, ки на танҳо баҳсҳои байни соҳибкорон, балки баҳсҳои соҳибкорон бо мақомотҳои давлатӣ низ ҳал кунанд, хеле муҳим буд. Ин судҳо бояд бо истифода аз таҷрибаи мусбӣ, ки аз арбитражҳои давлатӣ ба даст омада буд ва дар доираи меъёрҳои мурофиавии дуруст ва аним, адолатро таъмин мекарданд. Ташкил кардани чунин судҳо ба маънии таъмин кардани имкониятҳои баробари ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои тарафҳои баҳс буда, нақши муҳимми онҳоро дар амалишавии адолат ва қонун дар ҷомеа нишон медиҳад. Ин ба назар мерасад, ки бо гузашти вақт додгоҳҳои ҳакамӣ ба судҳои иқтисодӣ табдил ёфтанд. Сабаби асосии ин табдилот таъмини самарабахшии фаъолияти судӣ ва беҳтар кардани муносибатҳо дар иқтисодиёт буд, ки имкон медод, ки баҳсҳо дар муҳити озод ва мутобиқ бо қонун ҳал шаванд.

Муаллиф чунин меҳисобад, ки фаъолияти судҳои иқтисодӣ асоси ислоҳоти иқтисодиёт буда, натиҷаи мустақим ва қонунии низоми давлатии кишвар мебошад. Судҳои махсусгардонидашуда дар низоми судии кишвар омили асосии таъминкунандаи касбият ва салоҳиятнокии судҳо дар самтҳои муайяни фаъолияти ҷомеа мебошад.

Аз таҳқиқ ва таҳлили гузаронидашуда чунин бармеояд, ки дар Тоҷикистони Шуравӣ рушди марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ таърихи тулониро аз сар гузаронидаанд. Мавҷудияти ин гуна судҳо дар баҳри пешрафти соҳаи иқтисодиёт, соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ муҳим буда, на танҳо дорои хусусиятҳои хоси батанзимдарорӣ балки фарогири падидаву принсипҳои хоси худ мебошанд. Вобаста ба талаботи замон ва рушди ҷомеа боз ҳам такмил додани вазъи он мувофиқи мақсад мебошад.

## 1.2. Низоми судҳои иқтисодӣ ва мавқеи онҳо дар низоми судии Тоҷикистони соҳибистиқлол

Тавре аз адабиёти ҳуқуқӣ бармеояд, олими фаронсавӣ Ш.Л. Монтаске аввалин шуда идеяи таҷзияи ҳокимияти давлатиро ба шохаҳои алоҳида барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ҳадаф ва вазифаҳои давлатӣ вориди илм намудааст, ки он аз тарафи Ж.Ж. Руссо ва Ҷ. Локк ҷонибдорӣ карда шуданд [99, с. 140]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи конститутсионии таҷзияи ҳокимият низ дар он баён карда шудааст, ки он барои инкишофи муътадили демократикунонии ҷамъият ва пойдории давлат мусоидат менамояд.

Дар таъсиси модели муосири давлатдорӣ таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати боз ҳам босамар намудани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва рушди он дар Тоҷикистон нақши назаррас мебозад. Қабл аз он, ки моҳияти фаъолияти судҳои иқтисодиро мавриди баррасӣ қарор диҳем, моро мебояд таваҷҷуҳро сараввал ба фаҳмиши васеи ҳокимияти судӣ дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва принсипҳои ташкили он равона созем. Дар кишварҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҳокимияти судӣ ҳамчун механизми кафолатӣ барои таъмини адолат ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон амалӣ мегардад.

Дар низоми давлатдорӣ нақши адолати судӣ ҳамчун яке аз шаклҳои муҳимми татбиқи ҳокимияти давлатӣ аҳаммияти хос дошта, андешаҳои олимон низ ба зарурати таҳкими он зиёд ба назар мерасанд.

Чунончӣ В.М. Лебедев қайд намудааст, ки: «Яке аз шакли асосии амалигардонии соҳибхтиёрии халқ ин иштироки намояндагони халқ дар адолати судӣ мебошад, ки ҳамчун навъи муҳимми амалишавии ҳокимияти давлатӣ эътироф мегардад» [92, с. 174]. Андешаи мазкур мавқеи мустаҳками нақши ҳокимияти судиро дар низоми ҳокимияти давлатӣ таъкид намуда, зарурати иштироки фаъолонаи ҷомеаро дар барқарор намудани адолати судӣ равшан месозад.

Ба ақидаи А.А. Муродов: «Бо ивазшавии форматсияи давлатдорӣ ва пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ зарурияти гузаронидани ислоҳот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба миён омад, ки дар ин замина барои таҳким

кардани низоми сиёсии кишвар, беҳтар намудани ҳуқуқҳои инсон ва ҳамоҳангсозии сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле муҳим буд. Аз ин лиҳоз, дар Тоҷикистон зарурати бунёди низоми судӣ ба миён омад, ки барои таъмини адолат, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, бояд дар мутобиқа бо стандартҳои байналмилалӣ амал мекард. Бунёди низоми судии мустақил ва самаранок, ки дар асоси қонун ва ба манфиати ҳама ҷонибҳо амал мекунад, барои рушди устувор ва амиқи кишвар муҳим буд» [190, с. 14].

Олими шинохтаи тоҷик А. Имомов баён медорад, ки: «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ яке аз нишонаҳо, зуҳурот ва рӯбинои давлат мебошад. Пайдоишу инкишофи давлат ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ раванди бо ҳам пайванд буда, ҳастию фаъолияти онҳо бо якдигар вобастагӣ дорад. Дар давраи ҳокимияти шуравӣ ягонагии низоми мақомоти давлатӣ қатъӣ шуморида шуда, дар хусуси таҷзияи ҳокимият ҳатто сухан намерафт. Олимону сиёсатмадорони ҳокимияти шуравӣ, таҷзияи ҳокимиятро ба шохаҳои алоҳида чун таҳдиди эҳтимолӣ барои сохтори давлатдорӣ, устувории давлаб ва тартиби сиёсии он эътироф менамуданд» [79, с. 6].

Бунёди ҳокимияти судӣ ва самаранок намудани самтҳои фаъолияти он дар давлату давлатдорӣ ва таъмини ҷомеаи адлонаи шаҳрвандӣ нақши назаррасро мегузорад, ки инро омузиши таърихи рушди инсоният ва таҳлили самтҳои ташкилии ҳокимияти судӣ дар таърихи давлатдории миллӣ шаҳодат медиҳад.

Олими рус Т.З. Добриев чунин ибрози ақида намудааст, ки: «Тӯли таърихи инсоният низоми судӣ шумораи зиёди дигаргуниҳоро гузаронидааст. Дар аввал дар нақши судяҳо одамони оддӣ баромад мекарданд, ки он вақт салоҳияти мақомоти судиро иҷро мекарданд. Бо мурури замон мақомоти судӣ пайдо шуда, рушди он то низоми судии муосир омада расидааст» [145, с. 110].

Ҳамзамон, М.Ф. Вяткин дар таҳқиқоти илмии худ гуфтааст: «Яке аз навъи махсуси ҳокимияти давлатӣ ин ҳокимияти судӣ буда, аз ҷониби шахсони ҷудогонаи мансабдор – судяҳо татбиқ мегарданд, ки онҳо вазифаашонро дар асоси касбӣ бо мақсади барқарор намудани адолат ва бо истифодабарии

принсипи маҷбурият барои иҷроиши санадҳои судӣ, ки вазифаи махсус ва тарзҳои таъмини онҳоро дорад, амалӣ менамоянд» [180, с. 8].

Аз овардаҳои мазкур метавон чунин ақидаронӣ намуд, ки ҳокимияти судӣ бо мақсади таъмини ҳифзи сохтори конститутсионӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеа ва давлат бо роҳи баровардани адолати судӣ, назорати конститутсионӣ ва судӣ аз рӯйи қонунӣ будани амалҳо ва қарорҳои мақомот ва шахсони мансабдори ҳокимият, таъмини ташкили фаъолияти судҳо, иҷрои ҳукмҳо ва дигар санадҳои судӣ фаъолияти худро пеш бурда, аз тарафи суди мустақил дар шакли муқarраргардидаи татбиқи ваколатҳои пешбинӣ гардида, амалӣ менамоянд. Он шохаи соҳибихтиёри ҳокимияти давлатӣ буда, аз тарафи суд баҳри барқарорсозии адолати судӣ, баррасӣ ва ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ амал намуда, ҳимояи ҳуқуқҳои ҳар як фарди ҷомеаро тариқи қонунгузории мурофиавӣ дар асоси принсипҳое, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои амалкунандаи дахлдор муқаррар карда шудааст, фаъолияти худро амалӣ мегардонад.

Дар робита ба ақидаҳои овардашуда, қайд намудан ба маврид аст, ки ҳокимияти судӣ бо такмил додани категорияҳои ҳуқуқӣ, ки ба ташаккул ва фаъолияти судҳо, шаклҳои фаъолияти он, мақсад ва вазифаҳои судӣ алоқамандӣ дорад, боз ҳам мукаммал мегардад. Ҳамзамон,, дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ категорияҳои мазкур дар муайян ва мукаммалгардони мафҳуми ҳокимияти судӣ аҳаммияти аавалиндараҷаро соҳиб набуда, баръакс нақши марказӣ ва диққати асосиро дар аниқу равшан намудани он таъинот ва функсияҳои фаъолияти судҳо ишғол менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро эълон намуда, дар баробари он боз мақомотҳои ваколатдори давлатиро муқаррар намуд, ки барои амалӣ намудани муқарраротҳои конститутсионӣ фаъолият менамоянд. «Аз ин муқаррарот бармеояд, ки тақсимоти ҳокимият дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд замина гузошта, яке аз нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёд ин таҷзияи ҳокимият ба шумор меравад» [109, с. 260].

Амалигардии ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи салоҳияти тибқи қонунгузорӣ муқаррааргардида ва риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар маҷмуъ волоияти қонунро дар давлати ҳуқуқбунёд ифода мекунад, ки ҳамчун баёнгари демократикунонии сохтори давлатӣ мебошад. Ҳар як рукни ҳокимияти давлатӣ тартиби муқаррааргардидаи ташкилшавӣ, доираи муайяни фаъолияти худро дошта, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ амал менамояд, ки мустақилона новобаста аз якдигар фаъолият менамоянд.

Гарчанде дар низоми судии аксарияти мамлакатҳо тафовутҳо дида шаванд ҳам, аммо он хусусияти шохаи мустақил будани ҳокимияти судиро тағйир дода наметавонад ва барои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ монеа намегардад. Бинобар хусусиятҳои дар боло қайдгардида, ҳокимияти судӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияташ маҳз дар барқарорнамоии адолати судӣ равона гардидааст [66, с. 140].

Олими ватанӣ А. Имомов дар китоби хеш чунин баён медорад, ки: «Ҳокимияти судӣ чун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ, ки вазифаи таъмини адолатро бар дӯш дорад, шакл ва намуди хосро дорад, ки дар маҷмуъ ҳокимияти ягонаи судиро амалӣ мегардонанд. Онҳо аз ҳисоби ду шохаи дигари ҳокимияти давлатӣ ташкил меёбанд. Мақомоти судӣ дар асоси гузаронидани мурофиаи конститутсионӣ, ҷиноӣ, маданӣ ва маъмурӣ фаъолият мекунанд» [79, с. 24].

Ҳокимияти судӣ мустақил, ягона ва мақоми ягона буда, фақат аз нигоҳи салоҳияти худ тафовут доранд. Мустақилии судҳо дар татбиқи салоҳияти худ ва таъмини адолати судӣ танҳо ба Конститутсия ва қонун асос ёфтааст. Ҷанбаҳои асосии ба роҳ мондани мустақилияти судяҳо ин кафолати махфияти судяҳо дар баровардани санадҳои судӣ. ҷой надоштани ҳар гуна дахолат дар барқарор намудани  адолати судӣ. пешбинӣ намудани ҷавобгарӣ зимни беэҳтиромӣ нисбат ба суд. таъмини шароитҳои мусоид аз қабили моддӣ, иҷтимоӣ ташкилию техникӣ ва амсоли инҳо барои пешбурди фаъолияти судӣ ба ҳисоб мераванд.

Низоми судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти қонунгузорӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳо инчунин, қонунияту адолат фаъолият менамояд. Бо ҳамин васила, суд вазифаи конститутсионии худро ҷиҳати таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом мерасонад. Адолати судӣ дар фазои демократие ба амал бароварда мешавад, ки онҳо дар Конститутсия ва қонунҳо муқаррар карда шудаанд. Суд адолати судиро дар суди марҳилаи якум дар шакли фаъолияти дастаҷамъона ва дар судҳои зинаи олӣ зимни баррасии парванда бо ошкор намудани ҳолатҳои нави он дар шакли дастаҷамъона барқарор менамояд.

Асоси ҳуқуқии фаъолияти судҳои иқтисодӣ принсипҳои фаъолияти судиро ташкил дода, барои ҳалли босамари баҳсҳои иқтисодӣ ва таъмини адолати судӣ мусоидат мекунанд. Ин принсипҳо ҳам бо хусусияти хоси баҳсҳои иқтисодӣ ва ҳам бо талаботи ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ алоқаманд мебошанд. Ҳар як парванда дар судҳои иқтисодӣ бояд мутобиқи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалии эътирофгардида баррасӣ шуда, дар маҷмуъ, принсипи қонуниятро фароҳам оваранд. Судяҳо низ дар навбати худ дар асоси далелҳои воқеӣ ва бо риоя намудани муқаррароти қонун санадҳои судии объективона, қонунӣ ва асоснок қабул намоянд.

Фаъолияти суд бо тартиби махсуси баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳо амалӣ гардида, он дар фаъолияти дигар мақомоти давлатӣ пешбинӣ нашудааст, ки ин дар пешбурди адолати судӣ ҳамчун ҳуқуқи истисноии суд эътироф карда мешавад. Ҷараёни оғозиислоҳоти судӣ ба раванди ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, мавқеи олимони ватанӣ низ дар рушди он басо муассир арзёбӣ мегардад.

Чунончӣ олими ватанӣ Ҷ.З. Маҷидзода қайд менамояд, ки: «Бахри ба тартиб даровардани фаъолияти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва мутобиқат кунонидани ин соҳаҳо бо Конститутсияи соли 1994 зарурати фаврии такмил ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ, ба миён меояд» [120, с. 280].

Дар ҷомеаи мутамаддин рушди босуръати тамаддуни фарҳанги муосир аз қабили вусъатёбии соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ дар самти муносибатҳои иқтисодӣ ва ривоҷу равнақи робитаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва соҳибкорӣ дар арсаи байналмилалӣ судҳои иқтисодиро водор намудааст, ки адолати судиро ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ барқарор намоянд.

Аз нуқтаи назари таҳқиқи мазкур чунин бармеояд, ки истифодаи зиёди таҷрибаҳои фаъолияти судии кишварҳои пешрафта дар Тоҷикистон дар самти ташаккули низоми ҳокимияти судӣ нақши муассир ва ҳалкунандаро мебозанд. Дар инҷо метавон принсипи мутобиқат бо стандартҳои байналмилалиро рӯйи кор овард. Бо афзоиши сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон ба бозори ҷаҳонӣ, судҳои иқтисодӣ бояд дар асоси стандартҳои байналмилалӣ фаъолият кунанд. Ин аз ҷумла истифодаи принсипҳои арбитражи тиҷоратӣ ва механизми ҳалли баҳсҳои байнисарҳадиро дар бар мегирад.

Олими ватанӣ И.Р. Шодиён қайд мекунад, ки: «Ислоҳоти судӣ аз зарурати рушди минбаъдаи низоми судҳо бармеояд. Дар натиҷа, дар кишвари мо онҳо якҷоя шуданд ва дар маҷмуъ, қариб се зирнизоми ҳокимияти судӣ бомуваффақият якҷоя карда шуданд. Аз он ҷумла, суди конститутсионӣ, судҳои салоҳияташон умумӣ ва судхои иқтисодӣ» [198, с. 146].

Моҳиятан дар асоси муқаррароти моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти бунёди давлати ҳуқуқбунёд, пеш аз ҳама, дар рушду ташаккули ҳокимияти судӣ ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ асоснок карда шудааст. Аз ин рӯ, аҳаммияти муҳимро дар бунёди давлати ҳуқуқӣ низомномаи конститутсионӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳокимияти судӣ ишғол менамояд.

Вобаста ба ин, Е.А. Шелест чунин ақидаронӣ намудааст: «Ҳокимияти судӣ ҳамчун институти сиёсӣ-иҷтимоии давлат дар танзими ҷомеаи шаҳрвандӣ, амалӣ намудани ҳуқуқҳои инсон, сохтори конститутсионӣ ва таъмини фазои ягонаи ҳуқуқӣ мусоидат менамояд» [197, с. 201].

Акнун мегузарем, ба шарҳи мавзуи асосӣ мафҳум, моҳият ва принсипҳои фаъолияти судҳои иқтисодӣ. Дар Тоҷикистон дар баробари судҳои умумӣ ҳамзамон, судҳои махсус низ фаъолият менамоянд, ки фаъолияташонро алоҳида ва мустақилона пеш бурда, баҳсҳои хоҷагиро дар доираи салоҳиятҳои худ баррасӣ менамоянд.

Бо бунёд ва рушди муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ зарурияти таъсиси низоми судии дорои салоҳияти махсус, ки маҳз дар баррасии баҳсҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидорӣ масъуланд, ба миён омад. Дар баробари ин, шарти зарурии такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии хоҷагӣ дар соли 1995 ба миён омада, ба қабули ду санади нав: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардида, ки заминаи ҳуқуқии низоми сохтори судӣ ва мурофиаи судии судҳои иқтисодӣ гаштанд.

Бори аввал соли 1995 бо рушди таҷрибаи судии фаъолияти судҳои иқтисодӣ Кодекси мурофиавии хоҷагӣ қабул гардид, ки он танзими фаъолияти судҳои иқтисодиро амалӣ менамуд. Ташаккул ёфтани низоми судҳои иқтисодӣ бо қабули барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ низ алоқамандӣ дошта, бо тасдиқи он Кодекси нав қабул гардид. Иқдоми мазкур тибқи шароитҳои нави иқтисодӣ муайян гардид, ки онҳо асоси ба таври ҳуқуқӣ танзим намудани муносибатҳои иқтисодӣ гардиданд.

Такмили қонунгузории мазкур ба мақомоти комили пурраи ҳокимияти судӣ табдил ёфтани собиқ арбитражҳои давлатиро ифода намуда, аввалин маротиба бори нахуст ҳуқуқи барқарор ва баамалбароии адолати судиро вобаста ба баҳсҳои хоҷагӣ пурра ба зиммаи мақомоти судӣ гузарониданд. Такмили минбаъдаи ин самти қонунгузорӣ низоми судии кишвар бо қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда расонид.

Вобаста ба рушд ва такмили соҳаи қонунгузорӣ дар низоми судии судҳои иқтисодӣ аз санаи 1 апрели соли 2008 Кодекси мурофиавии иқтисодии

Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шуда, сохтори он аз 7 фасл, 34 боб ва 306 модда иборат мебошад [22]. Он санади меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ буда, тағйиротҳои куллиеро дар самти демократикунонии фаъолияти мурофиавии судҳои иқтисодиро пешбинӣ кардааст.

Ба ақидаи олими ватанӣ Х.М. Мирзамонзода: «Фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон чун низоми нави судӣ ба шумор нарафта, муддати тӯлонӣ дар арсаи таърих арзи вуҷуд намудааст. Асоснокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар афзунёбии шумораи баррасии парвандаҳои байни субъектони соҳибкорӣ ифода ёфта, фаъолияти судяҳоро мушаххас менамояд. Дар таърихи давлатдории тоҷикон фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва ё тиҷоратӣ ҳамчун системаи нави судӣ ба ҳисоб нарафта, таърихи тӯлонии худро доранд» [189, с. 35].

Ҳамзамон, ба қавли ӯ: «Эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, аз он ҷумла, моликияти хусусӣ, набудани таҷрибаи ягона ҷиҳати ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ, рад намудани методи идоракунии маъмурӣ – нақшавӣ, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам намудани принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба шохаи қонунгузор, иҷроия ва судӣ ба сифати омилҳои асосӣ дар заминаҳои таъсиси судҳои иқтисодӣ баромад мекунанд» [181, с. 194].

Ба гуфтаи А.Г. Периханян: «Иттиҳодияҳо, судҳои арбитражӣ ва инчунин, судҳои фавқулодда ва махсус ба низоми судҳои умумӣ дохил карда намешаванд» [102, с. 220].

Ташкили низоми судҳои иқтисодӣ ҳамчун мақомоти судии дорои салоҳияти махсус, ифодакунандаи рушди ҳокимияти судӣ буда, таъсис ва инкишофи он аз замони қабули Конститутсия маншаъ гирифта, равандҳои муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати давлатии моликияти хусусӣ инъикоси худро ёфтааст.

Ба қавли М.А. Ковалев: «Судҳои арбитражӣ шохаи муҳимми мақомоти ҳокимияти судӣ буда, парвандаҳои зертобеи онҳо ба шохаи дигари низоми

судӣ аз он ҷумла судҳои умумӣ, ҳарбӣ ва суди конститутсионӣ алоқамандӣ надоранд» [88, с. 135].

Мувофиқи моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон амалӣ мекунанд» [1].

Судҳои иқтисодӣ навъи махсуси мақоми судӣ буда, ҳокимияти судиро тавассути баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳое, ки ба баррасии салоҳияти онҳо мансубанд, амалӣ менамоянд. Онҳо салоҳиятҳои тибқи қонунгузорӣ муқарраргардидаашонро бо тартиби мурофиаи судии иқтисодӣ, ки бо Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, амалӣ менамоянд.

Низмои судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инҳо ташкил медиҳанд:

«- Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
- Суди иқтисодии вилояти Суғд;
- Суди иқтисодии вилояти Хатлон;
- Суди иқтисодии шаҳри Душанбе.

Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе парвандаро дар суди марҳилаи якум баррасӣ намуда, иҷрои санадҳои судии қабулгардидаро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, аз болои иҷро он назорат мебаранд. Ҳамзамон, аз рӯйи аризаи шахсони иштироккунандаи парванда санадҳои судии қабулкардаи худро, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, аз рӯйи ҳолатзои ҳолатҳои нав ошкоршуда аз нав баррасӣ мекунанд, таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил менамоянд, аз натиҷаи он ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд ва инчунин, ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.

Дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат надоштани қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқшуда ё татбиқшаванда оид ба парвандаи баррасишаванда Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе ҳуқуқ доранд, ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф намудани ҳолатҳои мазкур муроҷиат намоянд» [32].

Давлат гуногуншаклии моликиятро кафолат дода, инъикоси онро дар сатҳи конститутсионӣ ҷой додааст, зеро он заминаи асосии пайдоиши навъҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии субъектон гардида, имконияти вусъатёбии муносибатҳои бозорӣ, озодии рақобат ва маҳдудияти вазъияти монополистиро таъмин намуд. Ҳамзамон, самараи таъсири он дар як қатор омилҳо, аз қабили рушди босамари соҳаи иқтисод ва раванди рушди идоракунӣ мушоҳида гардид. Маҳз омилҳои мазкур боиси ба миён омадани зарурият барои таъсиси мақомоти махсус, ки баҳсҳои иқтисодӣ ва соҳибкориро баррасӣ менамояд, гардиданд. Дар маҷмуъ, дар илми ҳуқуқшиносии муосир муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз фаъолияти судҳои иқтисодӣ бармеоянд, танзими ҳуқуқиашон дар асоси ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ба танзим даровarda мешаванд.

Судҳои иқтисодӣ зимни ба роҳ мондани фаъолияти худ функсияҳои ҳуқуқтатбиққуниро дар шакли махсуси мурофиавӣ татбиқ намуда, баҳсҳои самти иқтисодии ҳаёти ҷомеаро, ки заминаи асосӣ ва муҳимми рушду равнақи минбаъдаи фаъолияти иқтисодии кишвар арзёбӣ мегарданд, ба таври қонунӣ ва дар муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳал мекунанд. Ҳамзамон,, вазифаҳои ба зиммаашон гузоштташударо қатъиян тибқи тартиби пешниҳоднамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор иҷро менамоянд. Меъерҳои мурофиавӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии моддӣ мавҷуданд, набояд бо меъёрҳои муқарраргардида дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси мурофиаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат дошта бошанд.

Ҳангоми ҷой доштани бархурди меъёрҳо, меъёрҳои санадҳои махсуси мазкур татбиқ карда мешаванд.

Судҳои иқтисодӣ ҳамчун суди дорои салоҳияти махсус ар низоми ҳокимияти судӣ барқарории адолати судиро тавассути баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳои хусусияти иқтисодидошта ва дигар баҳсҳое, ки мансуб ба баррасии онҳо мебошад, таъмин намуда, ҳокимияти судиро амалӣ мегардонанд. Роҳбарии судҳои иқтисодиро раиси он ба уҳда дошта, дастгоҳи он фаъолияти судро таъмин ва пеш мебарад. Мутобиқи қонунгузорӣ кормандони дастгоҳи суд дар хизмати давлатӣ қарор доранд ва шароити аз ҷониби кормандон иҷро намудани хизмати давлатӣ бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ муқаррар карда мешавад.

Санадҳои судии эътибори қонунӣ доштаи судҳои иқтисодӣ тибқи талаботи қонунгузории мурофиавӣ, барои ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассиса, шахсони мансабдор, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти иҷрои ҳатмиро доро мебошанд [22]. Суд бошад, дар навбати худ тибқи муқаррароти қонун ҳуқуқ дорад, иҷрои санадҳои баровардаашро назорат намуда, аз мақомоти давлатӣ маълумотҳои заруриро ҷиҳати иҷроиш дархост намуда, иҷрои онро талаб намояд.

«Судя дар баробари баррасии парвандаҳо, инчунин, ба тарафҳо имкони бо роҳи созиш ҳал намудани роҳи баҳсро нишон медиҳад, дар ҳаллу фасли шикояту эътирозҳо аз болои қарорҳои судҳои иқтисодӣ иштирок мекунад, амалияи татбиқи қонунгузориро аз тарафи судҳои иқтисодӣ меомӯзад ва ҷамъбаст менамояд, дигар вазифаҳоеро, ки қонун ба зиммаи вай гузоштааст, амалӣ месозад» [149, с. 252-258].

Муносибати байни тарафҳо дар судҳои иқтисодӣ низ аз дигар судҳо фарқ мекунад. Дар мурофиаи суди иқтисодӣ, баҳсҳо асосан байни субъектони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ширкатҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои давлатӣ ва соҳибкорони инфиродӣ сурат мегиранд. Дар муқоиса бо судҳои салоҳияти умумӣ, ки бештар ба ҳалли баҳсҳои байни шахсони воқеӣ машғуланд, судҳои иқтисодӣ

муносибатҳои тиҷоратӣ ва шартномавии характери иқтисодидоштаро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳанд.

Мақсади аҳамиятноки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудани судҳои иқтисодӣ ин, пеш аз ҳама, устуворгардонӣ ва татбиқи қонуният, инчунин, таъмини адолат мебошад, ки бо рушд ва густариши эҳтиром нисбат ба қонуну қонуният ва таъмини иҷрои онҳо амалӣ мегардад. Боиси зикр аст, ки вазъ ва мавқеи ҳокимияти судии мустақил дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонуният ва адолати иҷтимоӣ басо назаррас буда, ба ташаккул ва рушди он диққати аввалиндараҷаро равона сохтан ба мақсад мувофиқ аст.

Доир ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ Барномаҳои зерин қабул карда шуданд, ки мақсади асосии онҳо таҳким ва густариши ҳокимияти судӣ ва таъмини мустақилияти судҳо ба мебошад:

- «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни соли 2007, таҳти №271» [3];
- «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми январи соли 2011, таҳти №976» [4];
- «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2015, таҳти №327» [5];
- «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2019, таҳти №1242» [6].

Қабули барномаҳои мазкур дар таҳкими минбаъдаи фаъолияти «ҳокимияти судӣ, соддагардонии равандҳои мурофиаи судӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои давлат, ташкилотҳо, таъмини қонунияту адолат ва дар заминаи он такмили сохтор ва фаъолияти

мақомоти судии кишвар мебошад» [5]. Дар барномаҳои мазкур бештар масъалаҳои ташаккули сохтори судӣ, самаранок намудани фаъолият ва масъулияти судяҳо, таъмини мустақилияти судӣ, рушди соҳаи қонунгузорӣ дар самти судӣ, фароҳам овардани шароити дастрасии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқӣ ва амсоли ин гуна вазифаҳо пешбинӣ гардидаанд. Барномаҳои мазкур ташаббусҳои ҳуқуқие ба шумор меравand, ки ба таъсиси низоми судии одилона, шаффоф ва самаранок нигаронида шуда, қодир аст ҳифзи муносиби ҳуқуқи шаҳрвандону таҳкими тартиботи ҳуқуқиро таъмин намояд.

Дар Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 омадааст, ки: «Вазъи иҷтимоии раисон, муовинони аввали раисон, муовинони раисон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судяҳои ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр, ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо шаҳри Душанбе ва кормандони дастгоҳҳои судҳои зикргардида мувофиқан ба вазъи иҷтимоми кормандони дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ баробар карда шавад» [4]. Пурра намудани ҳайати баъзе судҳо ва ба танзим даровардани сарбории судяҳо ба қонунан баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ, кафолати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, таъмини адолати иҷтимоӣ ва иҷрои вазифаҳои дар назди судҳо гузошташуда алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, зарур аст, ки масъалаҳои мазкур бо санадҳои дахлдор танзим карда шавад.

Дар алоҳидагӣ қабул гардидани қонунҳои моддӣ ва мурофиавӣ, барои ба таври содда ва шаффофу дақиқ баррасӣ намудани парванда, гузаронидани тафтишоти судӣ ва таҳияю қабули қарорҳои қонуниву асоснок аҳаммияти хосса дорад. Бинобар ин зарурат ба миён меояд, ки қисми мурофиавӣ аз Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуда, дар заминаи он Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад [58].

Инчунин, дар барнома омадааст: «Такмил додани қонунҳои моддию мурофиавӣ ва дигар қонунҳои марбута ба татбиқи якхелаи онҳо, бартараф

намудани монеаҳои зиёдатӣ, аз ҷумла такмили марҳилаҳои судӣ, сари вақт ва дар муҳлати кӯтоҳ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ ва умуман беҳдошти фаъолияти судҳо, осону камҳаҷм намудани кори судяҳо, бартараф намудани ҳолату меъёрҳои ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва дар ниҳояти кор ба таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, амалигардидани қонунҳо ва таъмини адолат мусоидати ҳаматарафа менамояд. Зеро, омузиш ва таҳлили фаъолияти судҳо нишон дод, ки барои ҳалли як баҳси гражданӣ ва ё иқтисодӣ тарафҳо тавассути марҳилаҳои зиёд ва тарзу усули мураккаби баррасии парвандаҳо вақтҳои зиёд сарф менамоянд аз чунин тарзу усули кор дар як вақт ба фаъолияти судҳо низ мушкилиҳо эҷод мекунад» [58].

Татбиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, вусъат ёфтани муносибатҳои бозорӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи мутамаддин, ислоҳоти минбаъдаи низоми мақомоти судиро тақозо мекард. Ҳамин тавр бори дуюм – 22 июни соли 2003 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки ин тағйиру иловаҳо барои ҳокимияти судӣ низ, аз қабили аз 5 то 10 сол тамдид кардани муҳлати ваколати судяҳо равона карда шуда буд.

Маврид ба зикр аст, ки тағйиру иловаҳо ба Конститутсия давоми мантиқии ислоҳоти конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ буда, дар ҳамбастагӣ бо ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи ҳуқуқиро ба миён овард. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ дастур дода буданд: «Ба хотири рушду такомули минбаъдаи ҳокимияти судии кишвар Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти дахлдори давлатӣ Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти шароити имрӯзаи кишвар таҳия ва пешниҳод намоянд» [44]. Тағйиротҳои мазкур баҳри такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ ва таъмини ҳокимияти судӣ равона гардида буданд. Инчунин,, як қатор кодексҳо, аз он ҷумла, Кодекси мурофиавии маданӣ, Кодекси мурофиаи иқтисодӣ,

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ қабул карда шуданд.

Ба ин муносибат, Барномаҳо оид ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади таҳкими ҳокимияти судӣ ва таъмини мустақилияти судҳо қабул шуда, ҳадафи асосии қабули ҳар яки онҳо такмил додани низоми судӣ, устувории фаъолияти судҳо ва таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ тариқи одилона барқарор намудани адолати судӣ мебошад.

Дар Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 доир ба такмили сохтор ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро дар марҳилаи якум баррасӣ карда, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷрои санадҳои қабулгардидаро таъмин менамоянд, дар маҷлисҳои коллегияҳои судии марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок менамоянд, оид ба парвандаҳо маърӯза карда, санадҳои судиро таҳия мекунанд, дархостро дар бораи иҷрои маҷбурии қарори судҳои давлатҳои хориҷӣ баррасӣ менамоянд, парвандаҳоро дар асоси шикоят ё эътирози кассатсионӣ ва назоратӣ мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудан ва ё оид ба рад намудани ирсоли парванда ба суди марҳилаи назоратӣ дар доираи салоҳияташон қарор (таъинот) қабул мекунанд, лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро таҳия намуда, дар маҷлиси Пленум маърӯза мекунанд, барои гузаронидани ҷамъбасти амалияи судӣ парвандаҳоро мавриди омузиш қарор дода, оид ба ҳар як парвандаи омӯхташуда маълумотнома таҳия намуда, аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳодот ирсол менамоянд. Оид ба такмили қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии таклифҳо таҳия мекунанд. Ваколатҳои дигареро, ки қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ намудаанд, амалӣ менамоянд» [5].

Ба ғайр аз ин, ба зиммаи судяи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дигар вазифаҳо, ба монанди расонидани ёрии амалӣ ба судҳои поёнӣ, гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ бо судяҳо ва кормандони масъули дастгоҳи судҳо, аз рӯйи барномаҳои тасдиқгардида дар Маркази таълимии судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо судяҳо ва коромӯз-судяҳо гузаронидани дарсҳо, ба воситаи телевизион ва радио дар мавзуҳои ҳуқуқӣ баромад намудан, дар рӯзномаю маҷаллаҳо хабару мақолаҳо ба нашр расонидан, дар ташкилотҳо вохӯрию мулоқотҳо баргузор намудан, ба маълумоти аҳолии кишвар расонидани қарорҳои қабулгардидаи судӣ ва ғайраҳо вогузор карда шудааст. Бинобар ин барои сари вақт, пурра, ҳаматарафа, босифат амалӣ намудани ваколатҳои судяи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, ба анҷом расонидани корҳои омодагӣ ва техникӣ тақвият бахшидани самти ташкилии фаъолияти онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад» [5].

Банди 3 Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ба такмили сохтор ва беҳдошти шароити моддию техникии судҳо, вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони судҳо равона карда шуда, дар он чунин омадааст: «Кори судя ба масъулияти баланд ва сарбории зиёди ҷисмониву ақлонӣ вобаста аст. Ба замми ин, сол ба сол шумораи парвандаҳои судӣ ба таври назаррас меафзояд. Бинобар ин, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии кори судяҳо, беҳтар гардонидани сифати баамалбарории адолати судӣ, дар муҳлати муқарраргардида баррасӣ кардани парванда ва муроҷиатҳо ба мақсад мувофиқ аст, ки масъалаи ҷорӣ намудани мансаби ёрдамчии судяи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дар доираи маблағҳои мавҷуда ва воҳидҳои кории амалкунанда мавриди омузиш қарор дода шавад. Нақши кормандони мақомоти судӣ дар баамалбарории адолати судӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, пайваста такмил додани дониши касбии кормандони мақомоти номбурда мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин замина Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки ҷиҳати ба такмили ихтисос фаро гирифтани кормандони мақомоти мазкур чораҳо андешанд. Ҷиҳати пайваста баланд бардоштани дониш, маҳорати

касбӣ, масъулият ва одоби судяҳо, беҳдошти раванди бозомӯзии касбӣ ва бо дар назар доштани тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, зарур аст, ки мақоми Маркази таълимии судяҳо баланд бардошта шавад. Бо мақсади таъмини принсипи баробарии ҳама дар назди қонун, баррасии саривақтии шикоятҳои кассатсионӣ ва назоратӣ оид ба санадҳои судии судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад аст, ки масъалаи таъсиси судҳои минтақавӣ мавриди омузиш қарор дода шавад» [6].

Дар заминаи барномаҳои мазкур Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ вазифадор карда шудаанд, ки ҷиҳати таъмини фаъолияти шаффофу ошкорои судҳо, аз ҷумла баланд бардоштани масъулияти судяҳо ҷиҳати қабули қарорҳои қонуниву асоснок, таъмини иҷрои санадҳои қабулкардаи судӣ, пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ дар фаъолияти судяҳо ва адвокатҳо, аз ҷумла пешгирӣ намудани содиршавии ба амалҳои коррупсионӣ, ки ташвишу нигаронии ҷомеаро ба миён меорад, ҳамзамон, бартараф намудани кирдорҳои коррупсионӣ ҷиҳати ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва омодагии касбии судяҳо, махсусан судяҳои ҷавон тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Фаъолияти суди иқтисодӣ оид ба баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳои тобеияти идоравӣ дар пайдарҳамии муайяни мантиқӣ, аз рӯйи давраҳои мурофиа амалӣ карда мешавад. Мурофиаи иқтисодӣ маҷмуи ҳаракатҳое мебошад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ дар низоми муайян ба танзим дароварда шудаанд. Ҳаракатҳои мурофиавие, ки иштирокчиёни мурофиаи иқтисодӣ иҷро менамоянд, вобаста аз мақсади амалӣ намудани онҳо ва мазмунашон давраи мурофиаи иқтисодиро ташкил менамоянд.

Ҳамзамон, дар баробари танзими фаъолияти судҳои иқтисодӣ инчунин,, фароҳамии мустақилияти шахсони иштироккунандаи парванда, зиёд намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавӣ ва таъмини истифодаи он, тариқи мубоҳисавӣ гузаронидани мурофиаҳои суди иқтисодӣ ва одилона ба амал

баровардани адолати судиро бо таъмини мустақилияти судяҳо пешбинӣ кардааст.

Судяҳои суди иқтисодӣ зимни барқарор намудани адолати судӣ мустақил буда, танҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунанда итоат мекунанд. Кафолати мустақилияти судяҳои суди иқтисодӣ тавассути Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо муқаррар карда мешавад. Татбиқи дурусти қонунҳо зимни баррасии парвандаҳо аз ҷониби судяҳо ҳатмӣ буда, дар барқарор намудани адолат ҳамчун омили муҳим ба ҳисоб мераванд.

Судҳои иқтисодӣ адолати судиро дар асоси баробарии ҳама дар назди қонун ва суд бароварда, шахсони иштироккунандаи парванда аз ҳуқуқу уҳдадориҳои баробари мурофиавӣ истифода мебаранд. Суди иқтисодӣ таъмини баробарии судии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони иштироккунандаи парвандаро ҳифз намуда, ҳуқуқҳои поймолшудаи иштирокчии парвандаро одилона тибқи муқаррароти меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ барқарор менамояд. Мурофиаи судӣ дар судҳои иқтисодӣ дар асоси баробарҳуқуқии тарафҳо ва дар асоси мубоҳиса сурат мегирад. Тибқи муқаррароти қонун иштирокчиёни парванда аз далелҳои тарафи муқобил бохабар буда метавонанд. Судҳои иқтисодӣ ба низоми ягонаи судии кишвар дохил карда шуда, чун қисми таркибии низоми судии мамлакат адолати судиро дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ ба амал мебароранд.

Бо дар назардошти рушд намудани соҳаҳои гуногуни ҷомеа шумораи парвандаҳо афзун гардидаанд, ки ин боиси зиёдшавии сарбории судяҳо гардида, метавонад таъсири манфиро ҷиҳати босифат ва дар мӯҳлатҳои муқаррашуда баррасӣ гардидани онҳо расонад [106, с. 66]. Ба ҳамин лиҳоз, бо мақсади таъмини саривақтии баррасии парвандаҳо, коҳиш додани сарбории судяҳо ва соддагардонии равандҳои мурофиаҳои судӣ рушди мурофиаҳои тосудӣ (медиатсия) чораҳо андешида шуда истодаанд. Чунки чунин муносибат тарафҳоро ба созиш меорад ва ба ҳалли тосудии баҳси тарафҳо мусоидат менамояд.

Барои амалӣ гардонидани ин ҳадафҳо зарур аст, ки мақомоти судӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти воқеии судҳо, аз ҷумла талабот ба биноҳои замонавӣ, воситаҳои нақлиёт, техникаву таҷҳизоти муосир, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷиҳати автоматизатсиякунонии кори судҳо таъмин карда шавад ва бо ин васила мустақилияту беғаразии судяҳо таъмин карда мешавад.

Муносибатҳои пулию молӣ ва тиҷоратӣ аз давраи пайдоиши моликияти хусусӣ арзи вуҷуд карда, то инҷониб чун навъи асосии робитаҳои байни ҷомеа боқӣ мондааст. Таъмини адолати иқтисодӣ сарчашмаи худро аз таъмини адолати иҷтимоӣ гирифта, зарурияти риояи ҳифзи ҳуқуқу уҳдадориҳои муносибатҳои тарафайниро талаб мекунад. Дар гузашта, роҳу усули ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ (ба амсоли тақсими замин, молу амволи тиҷоратӣ ва муносибатҳои соҳибкорӣ) аз ҷониби ҳокимону қозиҳо дар асоси дастурҳои ҳамонвақта (фатво, ҳадисҳо ва сунатҳои динӣ) бо адлу инсон қиёс карда мешуданд.

Ба ҳамин асно, А.С. Боголюбов чунин ибрози ақида намудааст, ки: «Саводи ҳуқуқӣ аз давраҳои таърихӣ то имрӯз замина ва манбаи асосии дарёфти мавқеи волои шахс дар ҷомеа эътироф гардида, ҷузъи фаъол ва пешқадами сиёсии ҷомеаро ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, омузиши таърихи низоми судӣ таҳлили вазъ ва мавқеи табақаҳои ҷомеа дар сиёсати давлатдорӣ ва рушди ҷомеа саҳми босазоро касб менамоянд» [139, с. 221].

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ чунин қайд кардаанд: «Пеш аз ҳама, зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ ҳамчун ягона мақоми баамалбарорандаи адолати судӣ ҷоннок карда шавад, зеро суд мақомест, ки танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба он ҳуқуқи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон иҷозат дода шудааст» [46].

Воқеан, фаъолияти самараноки мақомоти судӣ яке аз унсурҳои муҳим рушди муосири давлат ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад. Дар ҳама ҷомеаҳои демократӣ мақсади асосии мақомоти судӣ дар самти таъмини ҳуқуқи

шаҳрвандон ва ҷорӣ намудани адолат мебошад. Ба ҳамин хотир, муҳаққиқон ба он назаранд, ки баҳсҳои ҳуқуқӣ бояд танҳо дар доираи мурофиаи судӣ ва бо иштироки мақомоти ваколатдори судӣ ҳал карда шавад. Яке аз воситаҳои муҳимми рушди давлату давлатдорӣ ин таъмини мустақилии мақомоти судӣ ва фароҳам овардани шароити самаранок барои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Мутафаккир ва файласуф Ш. Монтеске чунин қайд кардааст: «Дар шароити муосири ҷомеаи мутамаддин то кадом сатҳ ба талаботи тақсими ҳокимияти давлатӣ мутобиқатии мавҷудияти мақоми судҳо масъалаи ҳалталаб мебошад. Зеро, якҷоягии ваколатҳои иҷроияӣ ва судӣ дар як мақомот боиси вайрон шудани принсипи мувозинати тақсими ҳокимият ва поймолшавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон шуморида буд» [99, с. 151].

Бо дарназардошти ба вуҷуд омадани муносибатҳои мухталифи бозорӣ, ки асоси ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ гашта, зарурияти ташкили низоми судии мустақил, ки дар баррасии баҳсҳои иқтисодӣ ваколатдоранд, ба миён омаданд. Ба ин муносибат, бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои иқтисодӣ чун мақомотҳои дорои салоҳияти мустақил, ки ҳуқуқ ва озодиҳои субъектони дахлдорро новобаста аз шакли моликият ҳимоя менамоянд, бевосита дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфт.

Вазъи ҳуқуқии таъсиси фаъолияти судҳои иқтисодиро сарчашмаҳои соҳаи дахлдор ташкил дода, дар низоми қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ сараввал Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Судҳои иқтисодӣ ҳамчун рукни муҳимми низоми судии давлат, мақоми махсусгардонидашуда ҷиҳати баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аксари кишварҳои ҳуқуқбунёд заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ аз қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ маншаъ гирифта, ҳадафи он

таъмини адолат дар низоми иқтисодӣ ва танзими муносибатҳои иқтисодӣ мебошад.

Заминаҳои ҳуқуқии судҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, моддаи 84 – уми он мавҷудияти низоми мустақили судиро тасдиқ намуда, амалисозии адолати судиро танҳо ба зиммаи судҳо вогузор менамояд. Ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ҳифзи қонуният ва адолати судӣ ташкил шудааст [1].

Тавре дар боло қайд намудем, заминаи таъсиси судҳои иқтисодиро қабули Конститутсия ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, дар Конститутсия моддаҳои алоҳидаи он, ба монанди моддаҳои 9, 14, 17, 19, 50, 56, 57, 69, 79 ва боби алоҳида дар бораи судҳо муносибатҳои алоҳида вобаста ба судҳои иқтисодӣ бахшида шудаанд. Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар баробари қонунгузории миллӣ, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, дар созишномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, низ муайян карда шудаанд:

1. Конвенсияи СММ оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражии хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 қабул ва аз 7 июни соли 1959 мавриди амал қарор дода шудааст, ки онро Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2012, №804 тасдиқ намудааст;

2. Конвенсияи ИДМ (Минск) аз 22 январи соли 1993 доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ ва протоколи он аз 28 марти соли 1997 қабул шуда, ки бо қабули Конвенсияи ИДМ (Кишинёв) аз 7 октябри соли 2002 қабул ва аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2004, №1189 тасдиқ карда шуда, дар асоси қисми 3, моддаи 120 амалашро қатъ намудааст;

3. Созишнома дар бораи тартиби иҷрои мутақобилаи қарорҳои судҳои ҳакамӣ, хоҷагӣ ва иқтисодӣ дар қаламрави давлатҳои иштирокчии Иттиҳод, ки санаи 6 марти соли 1998 баста шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2000, №197 тасдиқ шудааст;

4. Созишнома дар бораи ташкили Шурои раисони судҳое, ки парвандаҳоро оид ба баҳсҳо дар соҳаи иқтисодӣ баррасӣ мекунанд, аз 15 октябри соли 2003, №929 тасдиқ намудааст ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ;

Бо дар назардошти ин хусусиятҳои овардашуда метавон чунин гуфт, ки судҳои иқтисодӣ дар низоми судии кишвар мавқеи махсус дошта, бо фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва таъмини адолати судӣ дар муносибатҳои хоҷагӣ мусоидат менамоянд. Фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар асоси принсипҳои қонуният, мустақилияти суд, баробарии тарафҳо, шаффофият ва саривақтии баррасии баҳсҳо сурат мегирад, ки барои рушди низоми ҳуқуқии иқтисодӣ ва таъмин намудани волоияти қонун дар соҳаи соҳибкорӣ аҳаммияти бузург дорад.

Ҳамин тавр, таҳлили мавзуъ нишон медиҳад, ки низоми судҳои иқтисодӣ ва мавқеи онҳо дар низоми судӣ басо назаррас мебошад. Рушди муносибатҳои гуногуни бозоргонӣ ва таъсири он ба низоми ҳуқуқии кишвар, тақвияти заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ барои иқтисодиёти Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ аз Конститутсия маншаъ гирифта, сипас санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, Кодекси мурофиавии иқтисодӣ, кодекс ва дигар қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ба монанди қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими пурраи худро ёфтаанд ва онҳо то имрӯз бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шароити муосир ҷавобгӯ мебошанд.

## 1.3. Вазъи кунунӣ, марҳилаҳо ва зинаҳои асосии судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бартарафсозии тағйиротҳои зиёди сиёсӣ ва ба даст овардани соҳибихтиёрӣ, сохтори конститутсионӣ-ҳуқуқии ҷумҳуриро ба таври назаррас тағйир дода, фаъолияти давлатдориро дар асоси принсипи демократӣ ва ҳуқуқбунёд роҳандозӣ намуд, ки мавқеи худро дар сатҳи конститутсионӣ ишғол намудааст.

Дар ин росто, профессор И.Қ Мирализода чунин қайд намудааст, ки: «Муқаррароти конститутсионии дар моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда, модели нави давлати ҳуқуқиро инъикос менамояд. Давлати ҳуқуқӣ дар як вақт давлати демократӣ мебошад, ки дар он шароитҳои ниҳоӣ баҳри амалӣ гардонидани фаъолияти озоди шахсӣ, амалӣ гардонии ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, иштирок дар фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва танзими озоди муносибатҳои ҷамъиятӣ фароҳам оварда шудааст» [97, с. 91-94].

Эъломия «Оиди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9] принсипи тақсимоти ҳокимиятро ба шохаҳои алоҳида муайян намуд.

Дар аввали солҳои истиқлолиятро ба даст овардан Тоҷикистон марҳилаҳои нави таърихиро, ки воситаи асосии ташаккул ва густариши ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ шуморида мешуданд, аз сар гузаронид. Аз ин лиҳоз, дар ин давра ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди механизми идоракунии давлатӣ, инчунин, истифодаи арзишҳои маънавию маданӣ ба вуҷуд омаданд, ки Тоҷикистон дар ин самт муваффақиятҳо ва дастовардҳои нодирро соҳиб гаштааст.

Иқтисодиёти кишвар низ бо соҳибихтиёр гардидан ба як қатор тағйиротҳо рӯбарӯ гардида, идоракунии марказонидашудаи иқтисод ба низоми коркарди бозорӣ қадам ниҳод. Бо мурури замон, меъёрҳои ҳуқуқие, ки барои ҳалли баҳсҳои хоҷагидорӣ ва арбитражӣ татбиқ мегардиданд, ба ин гуна тағйиротҳои шароити нав мутобиқат накарданд.

Ба қавли И.Н. Ширинҷонов: «Вобаста ба роҳи муносибати бозоргониро интихоб намудани ҷумҳурӣ муносибатҳои дигар ба шаклҳо ва методҳои фаъолият, баланд бардоштани нақши арбитраж, васеъкунии салоҳияти ӯ, баланд бардоштани обрӯйи он зарур шуда монд» [124, с. 115].

С.И. Иброҳимов ва дигарон чунин қайд намудаанд: «Пайдоиши ислоҳоти асосии иқтисодӣ асоси ба миён омадани гуногуншаклии моликият буда, муносибатҳои амудии (вертикалии) идоракунӣ ба алоқаҳои муътадили уфукии хочагидорӣ ва мубодилаи молию пулӣ табдил ёфтанд» [77, с. 130].

Олими ватанӣ Н.А. Табаров чунин баён медорад, ки: «Истиқлолият замони нави инкишофи муносибатҳои чамъиятӣ ва ногузирии ислоҳоти сиёсию ҳуқуқиро ба миён овард. Аввалин санади ҳуқуқие, ки вазъи муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии (аз чумла муносибатҳои байналмилалӣ) кишвар ва мардуми онро ба куллӣ тағйир дод, ин Эъломия «Оиди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Точикистон» ва Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991, №392 «Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон»мебошад. Минбаъд давлат ва Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон, Парлумони мамлакат дар асоси он баробари ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ марҳила ба марҳила ба гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ ва судӣ рӯ оварда, дар робита садҳо қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул карданд» [168, с. 160].

И.Н. Ширинҷонов чунин ибрози ақида намудааст: «Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999 Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми нави давлатии дастаҷамъӣ таъсис ёфта, тамоми воҳидҳои мақомоти судии кишвар, ба истиснои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иктисодӣ  ба он тобеият пайдо карданд» [125, с. 19].

Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон натиҷаҳои рушди ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ, сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии он, муносибатҳои ҳамкорӣ ва ваколатҳои мақомоти олии ҳокимият, асосҳои ташкил ва тарзу усули идоракунии давлатӣ, фаъолияти ҳокимияти судӣ, ҳамчун рукни алоҳидаи

ҳокимияти давлатӣ, принсипҳои асосии ҳуқуқҳои интихоботӣ ва ҳолатҳои ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро дар худ ифода кардааст.

Бо мақсади сари вақт таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва татбиқи меъёрҳои Конститутсия оид ба таҳкими ҳокимияти судӣ якчанд қонунҳои конститутсионӣ, ки тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти судии кишварро танзим менамуданд, қабул гардиданд.

Бояд қайд кард, ки қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар ҳамон дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ омаданд. Маҳз тӯли ҳамин солҳо музокироти миёни тоҷикон, ки мақсад аз он таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ буд, шуруъ шуда, бо имзои созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид. Созишнома дар баробари ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои мубрами рӯз, ворид намудани тағироту иловаҳоро ба Конститутсия пешбинӣ мекард. Бахри ноил гардидан ба ҳадафи ба тариқи раъйпурсии умумихалкӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки онҳо барои рушду такомули давлату давлатдории миллӣ мусоидат намуда, барои танзиму таҳкими фаъолияти мақомоти судии мамлакат равона шуда буд.

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суди конститутсионӣ, судҳои салоҳияти умумӣ ва судҳои иқтисодӣ фаъолият менамоянд, ки ҳокимияти судиро бо роҳи ба амал баровардани адолати судӣ тариқи мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба амал мебароранд.

Маҳз, пас аз қабули Конститутсия зарурияти гузарондани ислоҳоти конститутсионӣ, қабули қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои асосие, ки фаъолияти сохтори давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба танзим медароранд, ба миён омад. Санаи 1 декабри соли 1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ» қабул шуда, дар заминаи он қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуданд. Бо қабули қонунҳои номбурда аз як тараф ба фаъолияти Суди конститутсионӣ, судҳои иқтисодӣ, судҳои ҳарбӣ, ки самараи истиқлолият мебошанд, оғоз бахшида, аз тарафи дигар сохтори судии мамлакатро ба танзим даровард [4].

Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муносибатҳоро оид ба тарзи ташкил ва фаъолияти судҳои ҷумҳурӣ, Шурои адлияро вобаста ба фаъолияти Коллегияи тахассусӣ, тартиби санҷиши тахассусӣ, ҷавобгарии интизомӣ, таъмини моддӣ, ҳимояи иҷтимоии судяҳо, инчунин, тарзи ташкил ва фаъолияти дастгоҳи судҳоро муайян менамояд.

Ҳамзамон, бо қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ бори нахуст маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон вобаста ба татбиқи чораҳои пешгирӣ, аз қабили ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ, чораҳои дигари маҷбурии мурофиавӣ, ки ба масъалаҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд алоқаманд мебошанд, ба ваколати судҳои ҷумҳурӣ вогузор гардиданд.

Мавҷудияти судҳои иқтисодӣ дар низоми судӣ мавқеи муайян дошта, барои ҳалли муаммоҳои соҳаи иқтисодӣ машғул мебошанд. Ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар мамолики ҷаҳон бевосита бо баҳсҳои мухталифи ҳуқуқӣ аз он ҷумла, баҳсҳои соҳибкорӣ, андоз ва дигар баҳсҳои ҳуқуқӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Яке аз институти самараноке, ки ба роҳи ҳалли ин гуна баҳсҳо мусоидат мекунад, ин низоми судии кишварҳо ба хусус судҳои иқтисодии амалкунанда мебошанд [73, с. 7].

Вобаста ба масъалаи мазкур В.В. Гребенников дуруст қайд намудааст, ки судҳои иқтисодӣ бо дигар судҳо аз ҷиҳати тарзи ташкилӣ ва фаъолияти худ умумиятҳои муайян доранд [142, с. 51-61]:

- ҳамаи судҳо бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ таъин ва интихоб карда мешаванд;

- асосҳои озод кардан ва бозхонди судяҳо якхела мебошанд;

- муҳлати ваколати тамоми судяҳо 10 сол аст.

Судҳои иқтисодӣ аз дигар судҳо аз рӯйи салоҳияти худ фарқ доранд, зеро судҳои иқтисодӣ баҳсҳои иқтисодиро баррасӣ менамоянд. Салоҳиятҳои Суди Олии иқтисодӣ ва сохторҳои низомии он дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр шудаанд. Лекин масъалаи он ки судҳои иқтисодӣ ба таври мушаххас кадом парвандаҳоро баррасӣ менамоянд, дар қонунгузории миллӣ хусусан дар Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал зикр шудааст.

Ба андешаи ман, тақвият бахшидани самти фаъолият ва таҳкими низоми ҳокимияти судӣ дар адолатона фаъолият намудани низоми судӣ ва таъмини кафолати судии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

Вазифаҳои суд аз таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва барқарор намудани принсипи адолати иҷтимоӣ, бартараф намудани сабабҳо ва заминаҳое, ки боиси қонуншиканиҳо мешаванд, иборат аст. Албатта, ки адолати судӣ дар кишвари мо ба тариқи баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳое, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, корхонаю муассисаҳо иртибот доранд, амалӣ гардонида мешавад. Ба амал баровардани адолати судӣ дар асоси принисипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд сурат гирифта, ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ тариқи низоми судӣ аз он ҷумла судҳои дорои салоҳияти умумӣ ва судҳои иқтисодӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Чӣ тавре, ки дар зербобҳои қаблӣ қайд намудем, судҳои иқтисодӣ дар мувофиқа бо судҳои дорои салоҳияти умумӣ хусусияти хоси худро дошта, ба гурӯҳи судҳои дорои салоҳияти махсус мансуб мебошанд. Зеро, онҳо адолати судиро бо роҳи баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ, ки байни шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорон ба миён меоянд, барқарор менамоянд.

Вазифаҳои асосии судҳои иқтисодӣ зимни баррасӣ намудани баҳсҳои иқтисодӣ ин, пеш аз ҳама, ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда ва ё мавриди баҳс қарордоштаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар самти муносибатҳои хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои иқтисодӣ дошта мебошад. Дар баробари ин, таъмин намудани адолат дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии характери иқтисодӣ дошта ва

инчунин, дигар навъи фаъолияти иқтисодӣ низ вазифаи асосии судҳои иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар судҳои иқтисодӣ мурофиаи судӣ аз таъмини муносибати боэҳтиромона нисбат ба қонун ва суд доир мегардад, ки рушди он боиси дар муҳлатҳои муқarrаркардаи қонунгузории мурофиавӣ ва моддӣ баррасӣ намудани парвандаҳо мегардад.

Чӣ тавре М. Треушникова иброз медорад: «Мурофиаи судии иқтисодӣ як шакли фаъолияти судҳои иқтисодӣ буда, ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда ва ё мавриди баҳс қароргирифтаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкоронро амалӣ мегардонад» [130, с. 5-9].

Аз ҷониби судҳои иқтисодӣ мурофиаи судии иқтисодӣ бо риояи қоидаҳо ва тартиби муқарраргнамудаи қонунгузорӣ ва дигар қонунҳо, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) « ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад. Судҳои иқтисодӣ вазифаҳояшонро бо тарзҳои барои онҳо хос ва бо ёрии ваколатҳои дар қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ зикр гардида амалӣ менамоянд. Дар вазифа ва мақсадҳои онҳо ба воситаи иродаи қонунгузор тасаввуроти тамоми ҷомеа дар бораи натиҷаи зарурӣ ва дилхоҳ амалӣ намудани адолати судӣ оид ба парвандаҳое, ки ба салоҳияти судҳои иқтисодӣ мансуб дониста шудаанд, ифода мегарданд. Ба вазифа ва мақсадҳои умумӣ ҳамаи дигар меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии судии иқтисодӣ ва фаъолияти субъектҳои мурофиа зид буда наметавонанд. Ҳатто принсипҳои мурофиаи судии иқтисодӣ дар муносибат бо мақсадҳои адолати судӣ нақши тобеиро мебозанд ва барои ифода намудани ин мақсадҳо ва муайян намудани методҳои амалӣ намудани онҳо пешбинӣ шудаанд.

Суди Олии иқтисодӣ ҳамчун мақомоти олии судии судҳои иқтисодӣ ба шумор рафта, аз болои фаъолияти судҳои низоми сохтории худ, яъне зинаҳои

поёнӣ назорати судиро амалӣ месозад. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳоро қонуни амалкунандаи кишвар қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намуда, дигар муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо ба танзим медарорад. Боби чаҳоруми қонуни мазкур пурра ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, тартиби фаъолияти он пурра ба танзим даровардa шудааст.

Суди Олии иқтисодӣ аз рӯйи салоҳиятҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ аризаи шахсони иштирокчии парвандаро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи қабулнамудаи ӯ, инчунин, санадҳои судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ё назоратӣ, ки дар асоси онҳо санади судии суди марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санади судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамояд.

Дар мутобиқа бо қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» салоҳиятҳои Раиси Суди Олии иқтисодӣ инҳоянд:

«-Роҳбарии фаъолияти судҳои иқтисодиро дар ҳамаи зинаҳо пеш мебарад;

- Намояндагии Суди Олии иқтисодиро дар муносибатҳо бо мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои дигар ва шахсони мансабдор амалӣ менамояд;

- Доир ба фаъолияти солонаи ҳар як судяи суди иқтисодӣ шакл ва тартиби пешниҳоди ахборот ва ҳисоботро муқаррар мекунад;

- Таклифҳо дар хусуси ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудани пешниҳод дар бораи ба вазифа интихоб ва аз вазифа бозхонд намудани муовини якум, муовинони раис ва судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- Маълумот доир ба шумораи судяҳои судҳои мазкур, сохтор ва шумораи кормандони дастгоҳи судҳои иқтисодиро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол менамояд;

- Таъсиси комиссияи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судя, тасдиқи ҳайат ва Низомномаи он дар якҷоягӣ бо Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол менамоянд;

- Иҷрои ваколатҳои дигаре, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст» [32] .

Суди Олии иқтисодӣ дар ҳайати Пленум, Раёсат, Коллегияи суди марҳилаи кассатсионӣ ва Коллегияи суди марҳилаи назоратӣ амал менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки зарурияти фаъолияти судҳои салоҳияти махсус, ки бо асосҳои қонунӣ баҳсҳои иқтисодиро баррасӣ ва ҳал менамоянд, бештар гардидааст. Мустаҳкам намудани қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур ва огоҳ намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолияти иқтисодӣ заминаи асосӣ баҳри амалигардонии салоҳиятнокии судҳо ба ҳисоб меравад. Такмили қонунгузорӣ мутобиқатии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо нишондоди санадҳои меъёрии зерқонунӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ таъмин менамояд. судҳои иқтисодӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи шаҳрвандон ва ташкилотҳоро бо роҳи дуруст ва якхела татбиқ намудани қонунҳо ҳимоя намуда, бо воситаҳои тартиби ҳуқуқӣ ба таҳкими қонуният дар муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Санадҳои судии аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баровардашуда бояд қонунӣ, асоснок ва объективона бошанд [73, с. 11].

Қонунгузорӣ баробарии ҳама дар назди қонун ва судро таъмин менамояд, ки ин меъёр хусусияти конститутисониро доро мебошад. Принсипи баробарӣ дар назди қонун ва суд дар мурофиаи судии иқтисодӣ баробарии ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки вобаста ба аз тарафи суди иқтисодӣ баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳо дар ҳамаи истеҳсолот ва давраҳои он ба вуҷуд меоянд, дар назар дорад [105, с. 503].

Мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ дар суди иқтисодӣ бо манфиатҳои моддӣ-ҳуқуқии муқобили ҳам доштани тарафҳо асос шудааст. Аломати зарурии мурофиаи судии мубоҳисавӣ мавҷуд будани ҳуқуқу уҳдадориҳо оид ба исбот намудани ҳолатҳои парванда ва пешниҳод намудани далелҳо аз

ҷиҳати мурофиавӣ баробарҳуқуқ ва дигар шахсони иштироккунандаи парванда мебошад.

Муҳокимаи парвандаҳо дар судҳои иқтисодӣ ошкоро буда, дар сурате, ки «агар муҳокимаи ошкорои парванда ба фош гардидани сирри давлатӣ оварда расонад, дар дигар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда, инчунин, зимни қонеъ гардонидани дархости шахси иштироккунандаи парванда, ки ба зарурати нигоҳдории сирри тиҷоратӣ, хизматӣ ё ин ки дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда ҳавола кунад, муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи судӣ гузаронида мешавад» [22]. Принсипи ошкоро будани мурофиаи судӣ дар суди иқтисодӣ аз муқаррароти моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки мувофиқи он «мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст» [1].

Муқаррароти мазкури конститутсионӣ ба принсипу меъёрҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ, аз он ҷумла онҳое, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, мувофиқат менамоянд. Масалан, дар моддаи 14 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳуқуқи ҳар кас «ҳангоми муайян намудани ҳуқуқ ва ухдадориҳои ӯ дар ягон мурофиаи шаҳрвандӣ ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, пешбинӣ шудааст» [49].

Мурофиаи судӣ дар суди иқтисодӣ бо истифода аз забони расмии давлатӣ ё забони аксарияти аҳолӣ дар маҳалҳо анҷом дода мешавад. Нисбати шахсоне, ки забони давлатиро намедонанд, тарҷумон таъмин карда мешавад. Пардохти ҳаққи хизмати тарҷумон ва хароҷоти ҳозир шудани вай ба суди иқтисодӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ анҷом дода мешаванд, агар ин бо ҷуброни харҷи пардохти ҳаққи хизмати тарҷумон, ки шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд сарф кардаанд, дахл надошта бошад. «Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки далелҳои хаттӣ ва дигар далелҳоро пешниҳод менамоянд, вазифадоранд тарҷумаи онҳоро ба забони мурофиаи судӣ бо шаҳодати дуруст буданашон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ намоянд» [22].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар баробари тамоми соҳаҳо фаъолияти мақомоти судии мамлакат низ таҳким ёфта, такмили қонунгузорӣ ва қабули барномаҳои соҳавӣ ба беҳтар шудани шароити кори судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо мусоидат кард. Ҳукумати мамлакат барои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ, беҳтар намудани таъминоти моддию техникии судҳо, такмили қонунгузории соҳа баҳри пешбурди самараноки фаъолияти мақоми судӣ тадбирҳои муҳиму мушаххасро роҳандозӣ кардааст.

Ташаккул ва рушди ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва таҳлили шарту шароитҳои ҷойдошта бо мақсади дастрасии шаҳрвандон ба фаъолияти судҳо низоми электронии амалӣ намудани адолати судӣ ҷорӣ карда мешавад.

Зимни амалӣ намудани меъёрҳои мурофиавии судӣ истифода намудани воситаҳои муосири техникӣ имконият медиҳанд, ки мурофиа бо риояи принсипи ошкорбаёнӣ бо имконоти дастрасӣ ба адолати судӣ таъмин карда шуда, сарборӣ ва хароҷотҳо вобаста ба парвандаи баррасишаванда шиносоӣ пайдо кунанд. Дар баробари ин дар сомонаи расмӣ суроғаи почтаи электронии ҳар як судя ҷой дода шудаанд, ки ба шахсони иштироккунандаи парванда дар бораи таъинотҳои судӣ, парвандаҳои судӣ ва қарорҳои доир ба парванда қабулшуда ва пайдо кардани алоқа бо раисикунандаи мурофиаро таъмин менамояд.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ягонаи байниидоравии мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо байни мақомотҳои давлатӣ пайваст мебошад, ки ин ҳолат имконият медиҳад, ки он дар вақти кӯтоҳтарин ва бидуни хароҷот барои интиқоли мактуби муқаррарӣ амалӣ карда шавад. Дар сомонаи расмии суд чорабиниҳои дар судҳои иқтисодӣ баргузоргардида, хабарҳо, мақолаҳо ва қонунҳои нав қабулгардида ва тағйироту иловаҳои воридшуда ба нашр мерасанд.

Айни замон ҷомеаи мутамаддин дар раванди босуръати пешрафти инноватсионӣ қарор дошта, истифодаи технологияи муосири ҳозиразамон дар ҳамаи самти фаъолияти давлатӣ аҳаммияти хосса дорад. Дар робита бо ин, ба кор бурдани манбаҳои электронӣ ҷиҳати дастрасӣ ба адолати судӣ ва тавассути он ба роҳ мондани амалигардии меъёрҳои мурофиавии судӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки бо сарфа намудани вақт ва манбаҳои дигар ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои худро аз маҳалли дилхоҳ ба суд пешниҳод намоянд. Дар баробари ин судяҳо низ имконяит пайдо карданд, ки оид ба амалҳои мурофиавии вобаста ба парванда анҷомдодашуда ба шахсони иштироккунанда фавран тавассути почтаи электронӣ хабар диҳанд.

Ба тариқи электронӣ вобаста ба ҳолати аризаи шаҳрванд бохабар намудани тарафҳои парванда имкон медиҳад, ки ҳарчӣ зудтар аз санадҳои судии қабулгардида огоҳӣ пайдо карда, ҷиҳати бартараф намудани вазъияти зери шубҳа қарордошта ва инчунин, аз вақт ва маҳалли баргузор гардидани маҷлиси судӣ хабардор шаванд. Амалӣ намудани адолати судӣ тариқи электронӣ дар баланд бардоштани дараҷаи фаъолияти ҳокимияти судӣ аҳамиятнок мебошад.

Гарчанде ҷорӣ намудани фаъолияти электронии судӣ вақт ва талошҳои зиёдеро талаб намояд, ҳам боиси ифтихор ва хушнудист, ки ин раванд зина ба зина амалӣ шуда истодааст. Ҷиҳати мусбии ҷорӣ намулани низоми электронии судӣ ин, пеш аз ҳама, сарфа намудани вақт, қувва ва хароҷоти мурофиавӣ аст, ки омили муҳимми дастрасии шаҳрвандон ба фаъолияти судҳо эътироф карда мешавад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки татбиқ намудани усули электронии коргузорӣ дар фаъолияти мақомоти судии кишвар аз зумраи дастовардҳои назаррас бошад.

Принсипҳои асосии фаъолияти судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон он принсипҳои амалигардонии адолати судӣ, ки судҳои салоҳияти умумӣ доранд, ба ҳисоб мераванд. Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда ва ё манфиатҳои ҳуқуқии мавриди баҳс қарордошта, метавонанд

ба суди иқтисодӣ мурочиат менамоянд ва аз ёрии он дар баррасӣ намудани баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ ба миён омада истифода баранд.

Баҳсҳое, ки бо иштироки корхонаҳои хориҷӣ ва ё баҳси миёни корхона бо иштироки шахсони хориҷӣ ба миён омадаанд, бо розигии тарафҳо тибқи тартиботи муқаррарнамудаи санади қонунгузорӣ ба баррасии судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда мешаванд. Нақши муҳимро дар ҳалли банизомдарории баҳсҳои вобаста ба тобеияти судии байналмилалӣ конвенсияҳои бисёртарафа ва шартномаҳои дутарафа (Созишномаи Киев аз 20 марти соли 1992 «Дар бораи тартиби ҳал намудани баҳсҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидории давлатҳои ИДМ», Конвенсияи Мински кишварҳои ИДМ аз 22 январи соли 1993 дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ ва ғ.) мебозанд, ки дар онҳо салоҳияти байналмилалии судҳои миллии мамлакатҳои созишкунанда инъикоси боз ҳам муфассали батартибандозии худро меёбанд.

Парвандаҳое, ки хусусияти баҳсҳои соҳибкориро доранд, ба судҳои иқтисодӣ шомил буда, ба онҳо баҳсҳои гуногуни муайяннамудаи қонунгузорӣ аз қабили пурра ё қисман беэътибор донистани санадҳои ғайримеъёрии мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ ва мақомоти дигар, ки ба қонунгузорӣ мутобиқ нестанд ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ташкилоту шаҳрвандонро вайрон мекунанд, дохил мешаванд.

Асосҳои қонунгузории ташаккули низоми судии кишварро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо бевосита ҷанбаҳои ҳуқуқии ташаккули ҳайат ва ташкили сохтори Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ муқаррар гардидаанд [106, с. 103].

Парвандаҳои тобеияти идоравӣ дошта дар суди марҳилаи якум аз ҷониби судҳои иқтисодии зинаи асосӣ, ба истиснои парвандаҳое, ки ба тобеияти судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, баррасӣ мегарданд. Аз ҷониби судҳои иқтисодӣ парвандаҳои дар тобеияти онҳо буда, бо риояи меъёрҳои муқарраргардида баррасӣ карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таҳти мафҳуми низоми судӣ ин маҷмуи мақомотҳое,

ки ба низоми судии ин ё он давлат дохил мешаванд ва тартиби тобеиятии онҳо фаҳмида мешаванд. Чӣ тавре қайд намудем, судҳои иқтисодӣ аз зинаҳои асосӣ ва олӣ иборат буда, он дар аксари давлатҳои Осиёи Миёна чунин ба назар мерасад, ки танҳо дар сатҳи вилоят ва пойтахти онҳо таъсис дода мешаванд. Зинаи болоии онро Суди Олии итқисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси судҳои иқтисодиро дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо муқаррар накардааст. Марҳилаҳои судии судҳои иқтисодиро функсияҳои судӣ доир ба баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои судӣ амалӣ менамоянд.

Фаъолияти судҳои иқтисодӣ бо сохторҳои маъмурӣ-ҳудудии ҷумҳурӣ алоқаманд буда, дар асоси зинаҳои асосӣ (сатҳи вилоятӣ) ва олӣ фаъолияти худро пеш мебаранд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси судҳои иқтисодиро дар сатҳи ноҳиявӣ муқаррар накардааст. Ба ҳамин асос, судҳои зинаи асосӣ сатҳи вилоятиро касб намуда, дар баррасии истеҳсолоти судӣ мавқеи марказиро ишғол менамоянд.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ парвандаҳоро дар марҳилаи якум, кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамояд. Ҳар як марҳилаҳои мазкур хусусияти хоси баррасии парвандаро доро мебошад. Судҳои иқтисодӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, аз дигар намудҳои судҳо бо ихтисоси парвандаҳо, тартиби баррасии баҳсҳо, мураккабии иқтисодӣ ва механизми иҷрои қарорҳо тафовут доранд. Аз қабили марҳилаи якум ин моҳиятан баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои иқтисодӣ, ки ба амалигардонии муносибатҳои соҳибкорӣ ва иқтисодӣ алоқаманданд. Санадҳои судии марҳилаи якум, ки эътибори қонунӣ надоранд, дар марҳилаи кассатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар марҳилаи назоратӣ бошад қонунӣ ва асоснок будани санадҳои судии марҳилаи якум ва марҳилаи кассатсионие, ки дорои эътибори қонунианд, амалӣ карда мешаванд.

Суди Олии иқтисодӣ ҳамчун суди марҳилаи якум баҳсҳои зеринро мавриди баррасӣ қарор медиҳад [32]:

- Баҳсҳои санадҳои ғайримеъёрӣ, ки хилофи қонунгузорӣ буда, ба ҳуқуқу

манфиатҳои шахс дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ дахл доранд;

- баҳсҳои байни ташкилотҳои воқеи ҳудуди ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва даъвоҳоеро, ки нисбати онҳо изҳор карда шудаанд;
- парвандаи мушаххасро зимни бори дуюм такроран бекор карда шудани санади судӣ ҳамчун суди марҳилаи якум ба истеҳсолоти худ қабул намуда, онро баррасӣ менамояд.

Чӣ тавре маълум аст, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ яке аз воҳидҳои марзиву ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, баҳсҳои байни ташкилотҳои ҳудуди ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва даъвоҳоеро, ки нисбати онҳо изҳор шудаанд, ҳамчун суди марҳилаи аввал аз ҷониби Суди Олии иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти ҳолати мазкур суди зинаи олӣ ба сифати суди зинаи асосӣ баромад мекунад.

Марҳилаҳо ва зинаҳои судӣ бо ҳамдигар бо хусусиятҳои фаъолияти якдигариашон фарқ мекунанд. Дар судҳои зинаи асосӣ (марҳилаи якум) парвандаҳои ба тобеияти судҳои иқтисодӣ қарордошта, бо қоидаҳои тобеияти судӣ муайян карда мешавад. Яъне, судҳои марҳилаи якум бо назардошти ҳудуди худ фаъолият намуда, аризаи даъвогӣ ба суди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳалли ҷойгиршавӣ ё маҳалли зисти ҷавобгар пешниҳод карда мешавад, ки меъёри мазкур нисбат ба Суди Олии иқтисодӣ тааллуқ дорад. Зеро, парвандаи мушаххасро зимни  такроран бори дуюм бекор карда шудани санади судӣ Суди Олии иқтисодӣ онро ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ намуда, ба истеҳсолоти худ қабул мекунад.

Ба қавли олимони ватанӣ аз ҷумла Н. Сидиқова: «Дар Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастаҷамъона баррасӣ намудани парвандаҳо дар марҳилаи якум аз ҷумлаи судяҳои он ҳайатҳои судӣ ташкил карда мешаванд» [107, с. 18].

Марҳилаҳои судӣ инчунин,, бо тартиби баррасии парвандаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, парвандаҳо дар марҳилаи якуми суди иқтисодӣ аз ҷониби судяҳо танҳо баррасӣ карда шуда, парвандаҳо оид ба муфлисшавӣ дар

ҳайати се нафар судяҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Парвандаҳо дар марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ низ дар ҳайати дастаҷамъии судяҳо баррасӣ карда шуда, дар Раёсати Суди Олии иқтисодӣ бошад бо иштироки на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои он мавриди баррасӣ қарор мегирад. Зимни бо тартиби назоратӣ баррасии парванда ҳамаи масъалаҳо бо ҷонибдории на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул карда мешаванд.

Дар ҳар як давраи мурофиаи иқтисодӣ муносибатҳои мурофиавӣ хусусиятҳои махсусро доранд, ки бо объекти ин муносибатҳо, ҳайати субъективии иштирокчиён дар ҳар як давра, мазмун ва мақсади ҳаракатҳои мурофиавӣ муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, давраи мурофиаи иқтисодӣ – ин маҷмуи ҳаракатҳои мурофиавӣ оиди парвандаи муайян мебошад, ки барои як мақсад муттаҳид гардонида шудаанд.

Мурофиаи иқтисодӣ дар давраи якум аз қабул намудани аризаи даъвогӣ ба истеҳсолот аз рӯйи парвандаҳои истеҳсолоти даъвогӣ ва аризаҳо аз рӯйи парвандаҳои истеҳсолоти махсус иборат мебошад. Объекти ҳаракатҳои мурофиавӣ ва баҳои ҳуқуқии судяи суди иқтисодӣ дар ин давра пешниҳоди аризаи даъвогӣ бо ҳамаи маводҳои ба он замимашуда омузиши онҳо аз нуқтаи назари тобеияти идоравӣ ва тобеияти судии парванда, инчунин, дигар меъёрҳое, ки барои баррасӣ қабул намудани парванда заруранд, мебошад.

Дар ин давра судя танҳо санади судӣ (таъинот) оид ба қабули аризаи даъвогӣ ба истеҳсолот мебарорад. Ҳангоми мавҷуд будани асосҳо судя танҳо метавонад аризаи даъвогиро бе ҳаракат монда, аризаи даъвогиро баргардонад ва инчунин, рад намояд. Баъд аз оғоз намудани парванда дар суди иқтисодӣ давраи омодасозии он ба муҳокимаи судӣ меояд. Мақсади ин давра аз ҳалли дуруст ва саривақтии парванда аз ҷониби суди иқтисодӣ дар як маҷлиси судӣ таъмин карда шавад [22].

Давраи асосии мурофиаи иқтисодӣ ин муҳокимаи судӣ мебошад. Ин давра ҳамчун давраи асосӣ муайян карда шудааст, чунки дар ин давра баҳсҳо моҳиятан баррасӣ карда шуда, ба талаботҳои арзшуда ҷавоби ниҳоӣ дода мешавад. Шакли баррасии парванда маҷлиси судии суди иқтисодӣ мебошад.

Чун қоида, ин давра бо қабули ҳалнома ба анҷом мерасад, аммо ҳолатҳои қатъ кардани истеҳсолоти парванда ё бе баррасӣ мондани даъво низ мавҷуданд. Дар давраи истеҳсолот дар марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ намудани парванда дар асоси далелҳои мавҷуд буда ва нав пешниҳодшуда (дар сурати мавҷуд будани шартҳои муайян) ба амал меояд. Давраи истеҳсолот ба тариқи назоратӣ – давраи истисноии мурофиаи судии иқтисодӣ буда, дар он аз нав дида баромадан ва баррасӣ намудани санадҳои судии судҳои иқтисодӣ ба амал меояд. Аз рӯйи мазмуни қонунгузорӣ оғоз намудани истеҳсолот ба тариқи назоратӣ фақат ҳангоми мавҷуд будани вайронкуниҳои ҷиддии ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ имкон дорад.

Яке аз давраи мурофиавӣ ин баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда буда, баҳриислоҳи камбудиҳои судӣ равона карда шудааст. Давраи иҷрои санадҳои судӣ барои татбиқи амалии ҳалнома, таъинот, қарорҳои қабулнамудаи судҳои иқтисодӣ дар ҳаракатҳои субъектони вазифадор равона карда  шудааст. Давраи иҷрои санадҳои судӣ барои татбиқи амалии ҳалнома, таъинот, қарорҳои қабул намудаи судҳои иқтисодӣ дар ҳаракатҳои субъектони вазифадор равона карда шудааст.

Қонунгузории мурофиавӣ навъҳои истеҳсолоти даъвогӣ, махсус, оммавӣ, фармонӣ, соддакардашуда ва истеҳсолоти парвандаҳо, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигари оммавӣ бармеоянд, пешбинӣ менамояд [107, с. 18].

Истеҳсолоти даъвогӣ – намуди асосии истеҳсолоти суди иқтисодӣ буда, баҳсҳои иқтисодие, ки аз муносибатҳои маданӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолияти иқтисодӣ бармеоянд, баррасӣ карда мешаванд. Истеҳсолоти даъвогӣ бо ташаббуси даъвогар бо роҳи ба суди иқтисодӣ пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ нисбати ҷавобгар оғоз карда мешавад. Меъёрҳои истеҳсолоти даъвогӣ қоидаҳои аз ҳама бештар умумии мурофиаи иқтисодиро муқаррар менамоянд, дар ҳоле ки истеҳсолоти ғайридаъвогӣ меъёрҳои махсусеро, ки хусусияти баррасии категорияҳои алоҳидаи парвандаҳоро муқаррар менамоянд, дар бар мегирад.

Дар танзими намудҳои ғайридаъвогии истеҳсолоти судӣ тарзи муайяни ҳуқуқӣ истифода мешавад, ки парвандаҳои истеҳсолоти ғайридаъвогӣ бо назардошти қоидаҳои хосе, ки хусусияти истеҳсолотро аз рӯйи ин парвандаҳо инъикос менамоянд, баррасӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, судҳои иқтисодӣ дар баробари парвандаҳои даъвогӣ, инчунин, «баҳсҳои муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигари оммавиро баррасӣ менамоянд, ки ба қатори онҳо истеҳсолотҳои судии парвандаҳо оиди мавриди баҳс қарор додани санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳо ва амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомот ва шахсони мансабдор, парвандаҳо оид ба ситонидани пардохтҳои ҳатмӣ ва муҷозот (санксия) шомил мебошанд» [22].

Яке аз намудҳои истеҳсолоти судии иқтисодӣ ин истеҳсолоти махсус мебошад. Дар истеҳсолоти махсус объекти ҳимояи судӣ на ҳуқуқи баҳсии субъективӣ, балки манфиати қонунии як субъекти ҳуқуқ мебошад. Ба тартиби истеҳсолоти махсус суди иқтисодӣ баррасии парвандаҳоро ҷиҳати муайян намудани факти дорои аҳаммияти ҳуқуқиро баррасӣ менамояд [22].

Тибқи тағйиротҳои охирине, ки ба Кодекси мурофиавии иқтисодӣ ворид карда шуданд, акнун судҳои мазкур парванда оиди барқарор намудани парвандаи судии гумшударо низ баррасӣ менамоянд. Бояд қайд кард, ки парвандаҳо оид ба барқарор намудани парвандаи судии гумшуда дар Кодекси мурофиавии иқтисодӣ дар зерфасли 4, ки «Истеҳсолоти махсус» [22] ном дорад, ҷой дода шудаанд. Бинобар ин дар мурофиаи иқтисодӣ парвандаҳо оид ба барқарор намудани парвандаи судии гумшударо низ ҳамчун истеҳсолоти махсус донистан мумкин аст.

Истеҳсолоти соддакардашуда дар он ҳолате истифода мешавад, ки агар тарафҳо зидди он набошанд ё агар сухан дар бораи парвандаҳои бебаҳс ё барои маблағи ночиз равад. Истеҳсолоти фармонӣ оиди аз қарздор тибқи меъёри қонунгузорӣ рӯёнидани маблағҳои пулӣ ва ё талаб карда гирифтани молу мулки манқул амалӣ карда мешавад. Бо тартиби истеҳсолоти фармонӣ

талаботҳое, ки ба аҳдҳои ба таври нотариалӣ тасдиқгардида асос ёфтаанд, баррасӣ карда мешаванд.

Дар мурофиаи иқтисодӣ дигар намудҳои истеҳсолот мавҷуданд, ки ба истеҳсолотҳои дар боло зикр гардида мансуб донистан мумкин нест. Зарурати барои ин гуруҳи парвандаҳо муқаррар намудани тартиби махсуси ҳуқуқии оғоз намудан, баррасӣ ва ҳал намудани онҳо ба монанди дигар намудҳои истеҳсолоти судӣ, бо хусусиятҳои ба худ хоси ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунии ба ҳимояи судӣ гирифташаванда асос шудаанд.

Тартиби баррасии парвандаҳо дар судҳои иқтисодӣ бо хусусияти мушаххаси худ фарқ мекунад. Баррасии парвандаҳо дар асоси далелҳои хаттӣ, аз ҷумла шартномаҳо, ҳисоботи муҳосибавӣ, санадҳои молиявӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор анҷом дода мешавад. Дар муқоиса бо судҳои салоҳияти умумӣ, ки дар онҳо гувоҳии шахсони воқеӣ ва шоҳидон нақши муҳим мебозанд, судҳои иқтисодӣ бештар ба таҳлили санадҳои расмӣ такя мекунанд.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар самти ҳокимияти судӣ санадҳои ҳам байналмилалӣ ва ҳам миллӣ зиёд қабул шуда, вазъи кунунӣ фаъолияти онҳо бо риоя намудани муқаррароти меъёрҳои қонунгузорӣ боз ҳам мукаммал гардида, натиҷаи самаранокро меоваранд. Натиҷаи таҳлили таърихӣ ва ҳуқуқии марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он ҳамчун институт яке аз унсурҳои муҳимми низоми судии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҳлили мавзуи таҳқиқшаванда ба заминаҳои назариявии илмӣ такя намуда, метавон судҳои иқтисодиро ҳамчун як институт ва падидаи низоми ҳуқуқӣ дар самти ҳалли баҳсҳои соҳаи соҳибкорӣ шомил намуд. Моҳияти аз лиҳози назариявӣ таҳлил намудани мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ на танҳо воситаи татбиқи қонун, балки заминаи асосии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Таҳқиқоти илмии мазкур нишон медиҳад, ки судҳои иқтисодӣ аз давраи шуравӣ то замони истиқлол марҳилаи зиёди таърихӣ ва ҳуқуқиро паси сар намуда, айни ҳол ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми низоми судӣ адолатро

барқарор менамоянд ва дар ҷодаи таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор ва рушди иқтисоди бозорӣ нақши назаррас доранд.

Мавқеи судҳои иқтисодӣ дар низоми умумии ҳокимияти судӣ устувортар гардида, онҳо ҳамчун унсури алоҳидаи низоми судӣ мавқеи муайянро соҳиб шуданд. Дар таҳқиқот равшан гардид, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти судҳои иқтисодӣ, ҳарчанд дар солҳои охир такмил ёфтааст, ҳанӯз ҳам ниёз ба бознигарӣ ва мувофиқсозӣ бо воқеиятҳои иқтисодиву ҳуқуқии замони муосир дорад.

Вазъи кунунии судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки новобаста аз як қатор пешравиҳо, рушди онҳо ҳанӯз ҳам дар марҳилаи мукаммалсозӣ қарор дорад. Дар ин замина, зарурати таҳияи стратегияҳои миллии рушд, ислоҳоти қонунгузорӣ ва боло бурдани самаранокии институтҳои судии иқтисодӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Ҳамин тавр, хулосаи умумӣ он аст, ки барои тақвияти нақши судҳои иқтисодӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон, зарурати гузаронидани ислоҳоти амиқ дар заминаҳои меъёрӣ ва амалии фаъолияти онҳо ба миён меояд. Ин тағйирот бояд дар асоси таҳлили таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ амалӣ гарданд, то судҳои иқтисодӣ воқеан ба як институти самараноки ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ табдил ёбанд.

# БОБИ II. СУДИ ИҚТИСОДИИ ИДМ ВА СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ОН: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

## 2.1. Вазъи ҳуқуқии суди иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

Бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ як зумра давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд, ки боиси чараёни тағйиротҳои сиёсӣ гардида, душвориҳо ва вазъи мураккаби иқтисодиро ба миён оварданд. Аз ин лиҳоз, таъсиси мақомоти байналмилалӣ, аз қабили Суди иқтисодии ИДМ сурат гирифт, ки он ҳамчун суди байнидавлатӣ, аз рӯйи мақоми ҳуқуқӣ, салоҳият ва аҳаммияти санадҳои дар доираи ИДМ қабулшуда бо Суди Байналмилалии СММ қобили муқоиса мебошад.

Дар таърихи таъсиси ИДМ суди иқтисодӣ яке аз аввалин суди байналмилалиест, ки фаъолияти амалиаш дар таҳкими самти судӣ назаррас мебошад. Мақомоти судии ИДМ таъсиси Суди иқтисодии ИДМ-ро ҳамчун қарори дурандешона арзёбӣ намуда, ҳамзамон, зарурати таҳлили ҳамачонибаи он ва муайян намудани самтҳо ва вазифаҳои минбаъдаи рушдро таъкид менамояд. Тақвият ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии байни давлатҳои аъзои ИДМ дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз вазифаҳои асосии Иттиҳод буда, бо иштироки мақомоту муассисаҳои махсусгардонидашуда, аз чумла Суди иқтисодии ИДМ, таъмин карда мешавад [85, с. 2].

Суди иқтисодии ИДМ бо мақсади амалӣ намудани ичрои вазифа ва уҳдадориҳои иқтисодии давлатҳои аъзо таъсис дода шуда, воситаи ҳамгироии ҳуқуқӣ ва таҳкими эътимод байни давлатҳо мебошад. Мутобиқи Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни судҳои арбитражии Чумҳуриҳои Беларусия, Федератсияи Русия ва Украина: «Суд ваколатдор аст, ки баҳсҳоро ҳангоми ичрои уҳдадориҳои иқтисодӣ тибқи шартномаҳои байналмилалӣ дар доираи ИДМ, баҳсҳои дигар бо мувофиқаи давлатҳои аъзо, тафсири шартномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои мақомоти ИДМ баррасӣ намояд» [55].

Аз лаҳзаи ба имзорасии Эъломияи Алма-ато идеяи таъсис ва ташкили мақоми судӣ дар фазои ИДМ чонибдорӣ карда шуда, дар Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни судҳои иқтисодӣ ва ҳакамии Чумҳурии Беларус, Федератсияи

Россия ва Украина аз 21 декабри соли 1991 қайд карда шудааст, ки судҳои миллии давлатҳои ИДМ таъсиси Суди иқтисодиро дар ИДМ пайгирӣ намуда, фаъолият намудани онро мувофиқи мақсад донистанд [53].

Аз байн рафтани ИҶШС роҳбарияти ҷумҳуриҳои собиқи шуравиро водор сохт, ки мустақилона сиёсати дохилӣ ва иқтисодии берунаи давлатҳои худро муайян намоянд. Таърихи 10 декабри соли 1991 Шурои Олии Ҷумҳурии Беларус ва Украина, инчунин, 12 декабри соли 1991 Шурои Олии Федератсияи Русия дар ҷаласаҳои ғайринавбатии худ Созишномаи ташкили Иттиҳоди Давлатҳои Мутақилро, ки 8 декабри соли 1991 ба имзо расида буд, тасдиқ намуда, таъсисёбии онро расман ба ҷомеаи байналмилалӣ эълон карданд. Дар баробари ин, вазъияти ногувори баамаломада аз бухрони шадиди иқтисодӣ ва аз байн рафтани низоми банақшагирии мутамарказ шаҳодат медод.

Роҳбарони давлатҳои навтаъсис ҷиҳати бартараф намудани мушкилии иқтисодии ба амал омада, ба мувофиқа омаданд, ки дар фазои ИДМ алоқаҳои иқтисодиро байни давлатҳои аъзои он барқарор намоянд. Ин тасмими роҳбарони давлатҳои аъзо дар он вақти муташанниҷи бухрони иқтисодӣ чун иқдоми оқилона ва саривақтии онҳо арзёбӣкарда мешуд. Бо назардошти баррасӣ ва мувофиқаи дарозмуддатии вазъияти ба миён омада, роҳбарони Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон сарҷамъона тасмим гирифтанд, ба ҳайати ИДМ ҳамчун муассис шомил шаванд.

Роҳбарони давлатҳои пасошуравӣ аз қабили Озорбойҷон, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Русия, Тоҷикистон, Туркманистон, Узбекистон ва Украина бо даъвати Назарбоев Н.А. 21 декабри соли 1991 дар шаҳри Алма-ато бо мақсади қабули қарори ниҳоӣ сарҷамъ шуда, Эъломияи муштаракро қабул намуданд, ки дар он мақсад ва принсипҳои асосии ИДМ инъикос ёфта буд.

Давлатҳои аъзо бо таъсиси ИДМ дар асоси принсипҳои рушду таҳкими минбаъдаи муносибатҳо, ризоияти байни миллатҳо, эътимод, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд дар назди худ як қатор вазифаю ҳадафҳоро

гузоштанд. Таъсиси Суди иқтисодии ИДМ ҳамчун ташкилоти байнидавлатии Иттиҳод дар амалӣ гардонидани фаъолияти худ дар асоси принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири самаранок расонидааст. Чӣ тавре Бекназаров Б.А. қайд менамояд, ташкили Суди иқтисодӣ дар қатори аввалин ташкилоти байнидавлатии ИДМ ифодаи иродаи иштирокчиёни аъзои ИДМ барои дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ фаъолият намудани онҳо мусоидат менамояд [69, с. 8].

Таъсиси суди иқтисодии ИДМ ба қабули «Созишнома оид ба чораҳо вобаста ба таъмини беҳтошти ҳисоббаробаркунӣ байни ташкилотҳои хоҷагидории давлатҳои аъзои ИДМ» [53] аз 15 майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд қабул карда шуд, рабт дорад. Заминаи асосии фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ ин Низомнома дар бораи Судҳои иқтисодии ИДМ мебошад, ки дар мутобиқа бо «Созишнома дар бораи мақоми Суди иқтисодии ИДМ» 6 июли соли 1992 ба имзо расида, қисми ҷудонашавандаи он ба ҳисоб меравад. Низомномаи мазкур шумораи судяҳоро аз давлатҳои аъзо, тартиби маблағгузории фаъолияти онҳоро тасдиқ кард [128,с. 5]. Дар асоси моддаи 5 Созишномаи мазкур: «Мақсади Суди иқтисодии Иттиҳод ҳалли баҳсҳои иқтисодии байнидавлатӣ буд, ки ба салоҳияти судҳои олии иқтисодии (ҳакамии) давлатҳои Иттиҳод мансуб карда намешаванд» [55].

Н.А. Қудратов ва Ф.Н. Ҷабборов чунин изҳор медоранд, ки: «Санаи 6 июли соли 1992 дар ҷаласаи мақомоти олии ИДМ Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ дар шаҳри Москвароҳбарони 8 давлат Ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Тоҷикистон, Узбекистон ва Федератсияи Русия Созишнома дар бораи мақоми Суди иқтисодии ИДМ ба имзо расонида шуд, ки соли 1992 барои Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Узбекистон, соли 1993 барои Ҷумҳурии Арманистон, соли 1994 барои Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва соли 1995 барои Ҷумҳурии Молдова қувваи ҳуқуқӣ пайдо намуд. Аз 1 январи соли 2006 Ҷумҳурии Арманистон дар фаъолият ва маблағгузории иқтисодӣ иштирок

намекунад. Парламенти Ҷумҳурии Молдова бошад, бо қонуни худ 23 декабри соли 2009 Созишномаи мазкурро бекор (денонсатсия) намуда, оид ба ҳолати мазкур Суди иқтисодии ИДМ бо нотаи худ Кумитаи иҷроияи ИДМ-ро 10 феврали соли 2010 хабардор намуд» [91, с. 158].

Дар робита бо ин, миёни Суди иқтисодӣ ва Ҷумҳурии Беларус ҷиҳати дар шаҳри Минск ҷойгир намудани бинои Суди иқтисодии ИДМ шартнома аз 22 ноябри соли 1996 баста шудааст, ки мавқеи он дар Созишнома дар бораи мақоми Суди иқтисодии ИДМ низ ҷойгир карда шудааст [11].

Роҳбарони кишварҳои ҶШФР, Украина ва Беларус зимни ба имзо расонидани Созишнома дар бораи ташкили ИДМ аз 8 декабри соли 1991 тағйиротҳои демократиро ба миён оварда, мавҷудияти ИҶШС-ро ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ба итмом расонида, барҳамхӯрии онро тасдиқ намуданд. Дар баробари ин, бо назардошти умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии халқиятҳои сермиллати давлатҳоии абарқудрат, инчунин, ҳаракатҳои бархе кишварҳо барои татбиқи тағйиротҳои демократӣ дар доираи ҳамин Созишнома тасмимҳои дахлдор қабул карда шуданд: [54]

- таъмини муносибати тарафайни эҳтиромона бо эътирофи дастовардҳои мустақилияти давлатӣ;
- кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои баробари шаҳрвандон сарфи назар аз баромадҳои иҷтимоӣ аз қабили миллат;
- тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ба шаҳрвандони дигар давлатҳо ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки дар ҳудуди маҳалли онҳо зиндагӣ менамоянд, новобаста аз миллаташон ва мансубияти диниашон амалигардии ҳуқуқ ва манфиатҳояшонро кафолат диҳанд;
- дар сатҳи байналмилалӣ самаранок намудани ҳамкориҳои байни халқу миллатҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- ба мубодилаи васеи иттилоотӣ, риояи ҳатмӣ ва иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои тарафайн мусоидат намоянд;
- эътироф ва риоя намудани ҳудуди сарҳадот ва дахлнопазирии он;
- кӯшишҳои мутақобилаи якдигарро ҷиҳати расидан ба мақоми

минтақаи бе яроқи ҳастаӣ ва кишвари бетараф пазироӣ намоянд;

- ҳифз ва нигоҳ дошатни фазои умумии ҳарбӣ – стратегӣ бо назардошти якканазоратии яроқи ҳастаӣ;
- таъмин намудани шартҳои ҷойгиршавӣ ва фаъолияти қувваҳои ҳарбӣ ва стратегӣ;
- фаъолияти соҳаҳои сиёсати берунаро ҳамоҳанг созанд;
- ҳамкориҳои бевосита дар соҳаҳои гумрук, нақлиёт ва алоқа, самтҳои экологӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил;
- таъмини ҳалли масъалаҳо ва мушкилотҳо ҳангоми машваратҳои байниҳамдигарии давлатҳои аъзо;
- риояи принсипи баробарҳуқуқӣ ва дахлнопазирии корҳои дохилӣ;
- аз байн бурдани зӯроварӣ, фишори иқтисодӣ ва истисно намудани амсоли ин гуна вазъиятҳо;
- риоя намудани принсипҳои санадҳои байналмилалӣ, аз қабили Оинномаи СММ, Санади Хелсинки ва дигар созишномаҳои ҳамкориҳо дар Аврупо.

Бо афзунёбии рушди ҷомеаи муосир ва суръат гирифтани раванди инкишофи иқтисоди ҷаҳонӣ, дар назди кишварҳои аъзои ИДМ вобаста ба таҳия ва татбиқи стратегияҳои муосири иктисодӣ мушкилот ва талаботи ҷиддӣ ба миён меоянд, ки дар заминаи ин тағйирот, аҳаммияти судҳои иктисодӣ барои рушди бомуваффақияти иқтисодиёти миллӣ нақши назаррасро касб мекунанд.

Қобили зикр аст, ки давлатҳои аъзо бо як зумра арзишҳои фарҳангиву диниашон ба ҳам муттаҳид гардида, зарурати такмил ва густариши низоми мурофиаи судӣ ва дар заминаи рушди муосири иқтисодӣ беҳтар намудани самаранокии қонунгузорӣ, тақвияти шаффофият ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъектони муносибатҳои иқтисодӣ ба миён меоваранд. Воқеан, низоми самараноки фаъолияти судӣ дар таъмини адолат, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои

субъектони муносибатҳои иқтисодӣ ва ташаккули фазои мусоид барои сармоягузорӣ нақши муҳимро мебозад.

Мавриди таҳқиқот ва таваҷҷуҳ қарор додани рушди судҳои иқтисодӣ дар кишварҳои ИДМ ҳамчун ҷанбаи муҳим ва аҳамиятнок эътироф карда шудааст. Ин самти таҳқиқот имконият медиҳад, ки аҳамият ва хусусияти ҳамкории низоми судӣ бо рушди иқтисодӣ дар заминаи ИДМ амиқтар фаҳмида шавад.

Дар заминаи мушкилоти актуалӣ, ба амсоли тағйиротҳои куллӣ дар савдои бозори ҷаҳонӣ, афзунёбии рақобати мутақобила дар муносибатҳои бозорӣ ва инчунин, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, судҳои иқтисодӣ дар кишварҳои ИДМ-ро зарур аст, ки низоми мурофиавии худро такмил дода, самаранокии ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодиро таъмин намоянд ва дар татбиқи стратегияҳои муосири иқтисодӣ фаъол бошанд.

Таҳлили он, ки чӣ гуна судҳо дар кишварҳои ИДМ риояи принсипҳои муқоисавӣ-ҳуқуқиро (адолати ҳуқуқӣ) дар раванди ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ таъмин мекунанд, таваҷҷӯҳи махсус дорад. Масъалаҳои фаъолияти судӣ, шаффофияти равандҳо ва самаранокии адолат ҷанбаҳои калидии таъсиррасонӣ ба фазои сармоягузорӣ буда, иқтидори умумии иқтисодии кишварҳои ИДМ мешаванд.

Суди иқтисодӣ чун мақоми доимии судии ИДМ ҷиҳати таъмини татбиқи меъёрҳои созишномаҳои байналмилалии байни давлатҳои аъзо фаъолияти самаранокро пеш бурда, баҳсҳои ба миён омадаро ба таври объективӣ ҳал намуда, дар ин мавқеи марказиро ишғол менамояд. Созишномаҳои байнидавлатӣ тарзи ташкил, тартиби фаъолият ва салоҳияти Суди иқтисодии ИДМ-ро муқаррар намуда, тартиби ҳалли баҳсро бошад низомномае, ки Пленуми Суди иқтисодии Иттиҳод тасдиқ мекунад, танзим менамояд.

Масъалаҳои таҳким ва густариши фаъолияти мақоми судии байналмилалӣ дар вазъияти муосири рушди муносибатҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ аз тарафи суд амалӣ карда шуда, дар муттаҳидсозии ҳамкориҳои ҳамаҷониба аҳаммияти хосро пайдо мекунад. Барои фаъолияти Судҳои иқтисодӣ таъмини моддии сохтори ташкилӣ, мавҷудияти судяҳои

баландихтисос ба суд имкон медиҳад, ки дар баробари баррасии масъалаҳои иқтисодӣ, инчунин, дигар масъалаҳо, аз қабили татбиқи самараноки қонунгузорӣ ҷиҳати боз ҳам босамар намудани фаъолияти онҳоро таъмин намояд. Воситаи асосии ҳалли масъалаҳои мазкур, пеш аз ҳама, дар боз ҳам устувор намудани мақоми судии ИДМ ба назар мерасад, ки ба самаранок намудани фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ мусоидат менамояд. Рушду густариши минбаъдаи ИДМ бо таъмин намудани робитаҳои бевоситаи ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои иштироккунанда амалӣ гардида, бо шарҳу возеҳ додани меъёрҳои созишномаи байналмилалӣ ва иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ифода меёбад.

Аз ин лиҳоз, ИДМ мисли дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ дар баррасии судии баҳсҳои аз ҷониби Суди иқтисодии ИДМ амалигардида диққати махсусро касб мекунад. Зарурати ислоҳоти иқтисодии суд дар заминаи баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ дар қисми хулосавии ҳисоботи таҳлилии «Натиҷаҳои фаъолияти ИДМ дар давоми 20 сол ва вазифаҳои барои оянда» инъикос гардидааст. Дар Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ: «Хулосаи давлатҳо оид ба зарурати нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани самарнокии фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ омадааст, ки он аз ҷониби Шурои сарони давлатҳо санаи 5 октябри соли 2007 қабул шудааст» [30].

Дар банди 5.6 «Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ - Механизми фаъолият ва рушди ташкилии Иттиҳод» [30] омадааст, ки пешрафти самти кории Суди иқтисодии ИДМ аз тарафи давлатҳои манфиатдор ин яке аз унсурҳои асосии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад. Пешрафти фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ ба хусус такмил, бозсозӣ ва бо назардошти мақсад ва вазифаҳои густариши минбаъда таҳияи сохторҳои босамари Иттиҳод амалӣ гардонида мешавад.

Ҷараёни ба расмиятдарорӣ, тартиб ва муттаҳидсозии фаъолияти мақомоти ИДМ дар асоси фасли 5 Консепсияи мазкур мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи собитшудаи он танзим карда мешавад.

Таҳлилҳои мунтазами масъалаҳои фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ ҳамчун мақоми оинномавии Иттиҳод асос ёфта, маротибаҳои зиёд дар сатҳи байнидавлатӣ бо шаклҳои гуногун мавриди омузиш қарор гирифтаанд.

Бозомӯзии Суди иқтисодии ИДМ, ки дар Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ инъикос ёфтааст, дар муқаррароти дахлдори лоиҳаи Созишнома дар бораи мақоми Суди иқтисодии Иттиҳод оварда шудааст. Қабули ҳуҷҷат, бешубҳа, самаранокии фаъолияти судро дар робита бо тамоюлҳои муосири ҳамкориҳои байнидавлатӣ афзоиш дода, дар маҷмуъ институти ҳаллу фасли баҳсҳои судиро дар доираи Иттиҳод тақвият мебахшад. Лоиҳаи Созишнома ду самти асосии бозомӯзии суд, яъне васеъ намудани салоҳияти он ва такмили фаъолияти ташкилиро бо ҳам алоқаманд медонад.

Салоҳияти Суди иқтисодии ИДМ-ро ҳалли баҳсҳои иқтисодии байнидавлатӣ, иҷрои уҳдадориҳои иқтисодии байнидавлатӣ; таъмини мутобиқати санадҳои меъёрӣ ва дигар санадҳои давлатҳои аъзо оид ба масъалахои иқтисодиёт ташкил медиҳанд.  Дар баробари ин, созишномаҳои давлатҳои аъзо, ки тобеияти Суди иқтисодиро доранд, дигар масъалаҳо ва баҳсҳо ҷиҳати иҷрои созишномаҳо ва дигар санадҳои Иттиҳодро, ки дар асоси онҳо қабул шудаанд, дар бар мегиранд.

Ҳамзамон, салоҳияти Суди иқтисодӣ бо меъёрҳои Оинномаи ИДМ ва Низомнома дар бораи Суди иқтисодӣ, ки бо Созишнома дар бораи мақоми суди иқтисодӣ тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад. Чӣ тавре, дар Оинномаи ИДМ оварда шудааст: «Суд ваколатдор аст баҳсҳоеро, ки аз иҷрои уҳдадориҳои иқтисодӣ дар доираи ИДМ бармеоянд, муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои ИДМ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ шарҳ диҳад, инчунин, метавонад мувофики созишномахои давлатхои аъзои ИДМ баҳсҳои дигареро, ки дар ИДМ зикр шудаанд, ҳал намояд» [43].

Ба тобеияти Суди иқтисодӣ ҳалли баҳсҳои иқтисодии байнидавлатии зерин дохил мешаванд [91, с. 160-161]:

1. «баҳсҳое, ки зимни иҷрои уҳдадориҳои иқтисодӣ, ки дар созишномаҳо, қарори Шурои сарони давлатҳо, Шурои сарони ҳукуматҳо ва дигар ниҳодҳои он пешбинӣ шудаанд, ба миён меоянд;

2. оид ба мутобиқати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар масъалаҳои иқтисодӣ қабулшуда бо созишномаҳо ва дигар санадҳои ИДМ» [42].

Аз ҷумла, Суди иқтисодӣ баҳсҳои ба тафсири шартномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ ва созишномаҳои кишварҳои узви Иттиҳод вобастабударо ҳал мекунад. Суди иқтисодӣ аз ҳисоби шумораи баробари судяҳо (ду нафар) аз ҳар як кишвари аъзо ташкил карда шуда, бо тартиби муқарраршуда дар муҳлати 10 сол дар асоси қатъии касбӣ ва бо доштани маълумоти олии ҳуқуқӣ интихоб ва ё таъин карда мешаванд.

Дар натиҷаи таҳқиқҳои гузаронидашуда, чунин ақидаронӣ намудан мумкин аст, ки дар асоси талошҳои самараноки якҷояи давлатҳои аъзо бунёди заминаҳои ҳуқуқӣ ва мустаҳкам намудани самти фаъолияти Суди иқтисодӣ дар ИДМ, рушд намудани таҷрибаи судӣ, ташкили фаъоляити суд ва фаъолияти касбии судяҳо боз ҳам натиҷаи муваффақро зери назар овардааст. Бо дарназардошти ин, дар фазои ИДМ мақомоти байналхалқии судӣ амал мекунад, ки дар таҳкими заминаи ҳуқуқии ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ мусоидат менамоянд. Моҳият ва мақсадҳои ҳамкории байни давлатҳо, инчунин, функсия ва салоҳияти Суди иқтисодии ИДМ дар ҳалли баҳсҳои байнидавлатии иқтисодӣ дар доираи санадҳои ИДМ амалӣ мешаванд.

Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳо дар Суди иқтисодии ИДМ фаъолиятро ба роҳ мондааст, ки таъсиси он роҳи қонунӣ ва муносибест, ки бо зарурати бетаъхир такмил додани шаклҳои мутамаддини ҳалли баҳсҳо ва низоъҳои субъектҳои хоҷагидорие, ки фаъолияти иқтисодии берунаро дар давлатҳои аъзои ИДМ амалӣ менамоянд, ба ҳисоб меравад. Мурочиат ба ин суди байнамилалӣ имконият медиҳад, ки вазъиятҳои мунокишавӣ аз муҳити сиёсӣ ё дипломатӣ берун оварда шуда, ба муҳити ҳуқуқӣ гузаронида шаванд.

Г.К. Нурбаев чунин гуфтааст, ки мурочиати давлатҳо ба ин суд на ҳамчун нишонаи заифии давлат ва ё бесалоҳиятии мақомоти он, балки чун як усули мутамаддин ва осоиштаи ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсӣ арзёбӣ мегардад. Мавҷудияти институти баррасии судии баҳсҳои байнидавлатӣ дар доираи як созмони ҳамгироии минтақавӣ, унсури муҳимми инфрасохтори муосири муносибатҳои юайналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти пойгоҳи ҳуқуқии мавҷуда, Суди иқтисодии ИДМ чун як минбаре барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳои баҳснок ё вазъиятҳои мунокишавӣ нақши босазоро бозад [200].

Фаъолият намудани ин суди байналмилалӣ барои ИДМ кафолати иҷрои софдилонаи уҳдадориҳое мебошад, ки аз рӯйи шартномаҳои байналмилалӣ, ки дар доираи ИДМ ба имзо расидаанд, ба зиммаи давлатҳо гузошта шудаанд. Имконияти мурочиати давлатҳои аъзо ба суд ҷиҳати баррасии вазъиятҳои мунокишавӣ ва масъалаҳои баҳсноки байни онҳо дорои аҳаммияти ташкилии муносибатҳо ва устуворсозии робитаҳои байнидавлатӣ дар фазои он мебошад.

Омори судии давлатҳои аъзои ИДМ чунин тасдиқ мекунад, ки сарбории судҳои давлатӣ аз рӯйи категорияи васеи баҳсҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ меафзояд. То соли 2016 Суди иқтисодӣ 111 парванда вобаста маънидодкуниро (шарҳдиҳӣ) баррасӣ намудааст, ки онҳоро ба чунин категорияҳо ҷудо намудан мумкин аст [91, с. 165]:

1. 17 адад парванда оид ба маънидодкунии созишномао ва дигар санадҳои ИДМ вобаста ба масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои иқтисодии байни давлатҳо;
2. 5 адад парванда вобаста ба маънидодкунии ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва вазъи ҳуқуқии ИДМ;
3. 11 адад парванда доир ба шарҳи созишномаҳо ва дигар санадҳои ИДМ, ки мақом ва ваколати мақомотро дар фазои ИДМ танзим менамоянд;
4. 9 адад парванда вобаста ба маънидодкунии мувофиқати муқаррароти созишномаҳое, ки дар чаҳорчӯбаи ИДМ бо принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ баста шудаанд;

5. 45 адад парванда вобаста ба маънидодкунии созишномаҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии ИДМ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоии шаҳрвандони давлатҳои аъзои ИДМ.

Инчунин, аз оғози воқеии фаъолияти судӣ то ба ҳолати 14 апрели соли 2017 бошад Суди иқтисодӣ 127 парвандаро баррасӣ кардааст, ки аз рӯйи онҳо 136 санади ниҳоии судӣ бароварда шудааст, ки аз онҳо: 108 ҳалнома ва хулосаи машваратӣ, 18 таъинот дар бораи рад қабули ариза (дархост) барои баррасӣ ва ё аз истеҳсолот қатъ намудани парванда, 8 таъинот дар бораи фаҳмонидани қарори қаблан қабулшудаи суд ва 2 қарори Пленуми Суди иқтисодии ИДМ. Аз шумораи умумии санадҳои судӣ 13 санад ё 10,23 фоизаш аз рӯйи парвандаҳои ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодии байнидавлатӣ дар бораи аз ҷониби давлатҳо номатлуб иҷро накардани уҳдадориҳои иқтисодӣ ва ҷуброни зарар, дар бораи риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳо бароварда шудаанд, давлатҳои аъзои Иттиҳод аз рӯйи масъалаҳои иқтисодӣ созишномаҳо ва дигар санадҳои ИДМ дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият ва дигар масъалаҳо санадҳои дахлдор қабул кардаанд [212].

Аз моҳи феврали соли 1994, яъне аз оғози фаъолияти амалии худ то 1 августи соли 2025 ин суд 130 адад парвандаро баррасӣ намудааст, ки аз рӯйи онҳо тақрибан 150 санади судӣ қабул карда шудааст. Оморҳои парвандаҳои баррасишудаи суд бо оморҳои дигар судҳои байналмилалӣ, ки салоҳияти ҳалли баҳсҳои байнидавлатиро доранд, қобили муқоиса мебошанд [200].

Дар байни парвандаҳои баррасишуда парвандаҳо оид ба шарҳи созишномаҳо ва санадҳои дигари ИДМ 114 адад ва ё 89,76 фоизро ташкил медиҳад. Баҳсҳои иқтисодии байни давлатҳо дар доираи салоҳияти суди иқтисодӣ нисбат ба парвандаҳои дигар шумораи кам доранд, зеро дар тӯли фаъолияти худ судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 13 адад парвандаро вобаста ба масъалаи байни давлатҳо баррасӣ ва ҳал намудааст.

Дар доираи ин гуфтаҳо ва таҳлилҳои илмӣ муаллиф доир ба самти мазкур ба чунин ақида омадааст, ки самаранокии фаъолияти ҳар як суди байналмилалӣ на ба шумораи парвандаҳои баррасишуда, балки ба омилҳое

чун сифати қарорҳои қабулшуда, таъсири онҳо ба амалияи татбиқи ҳуқуқ, инчунин, таъмини низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ва суботи сиёсӣ дар ҷаҳон асос меёбанд. Санадҳои судӣ аз қабили қарорҳои Суди иқтисодии ИДМ на танҳо манфиатҳои иқтисодии давлатҳо ва субъектҳои хоҷагии онҳо, балки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро низ дарбар мегирад.

Қарорҳои Суди иқтисодии ИДМ оид ба тафсири санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амалияи татбиқи онҳоро дар фазои Иттиҳод ислоҳ намуда, заминаи тафсири нодурусти онҳоро дар фаъолияти минбаъда бартараф мекунанд. Қарорҳои қабулнамудаи суд дар амалияи мақомоти миллии судӣ татбиқ меёбанд ва ҳамчунин дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои аъзо васеъ истифода мешаванд.

Ҳамзамон, дар таҷрибаи ҷаҳонии ҳуқуқэътирофкунӣ ҳалли алтернативии баҳсҳо бидуни дахолати ниҳодҳои ҳуқуқии давлатӣ фаъолона истифода мешавад. Аз замони таъсисёбӣ ба Суди иқтисодии ИДМ шумораи зиёди парвандаҳо оид ба ҳалли баҳсҳои субъектони соҳибкорӣ ворид шудааст, ки мутаассифона баъзеи онҳо аз доираи салоҳияти суди мазкур берун аст. Аз ин рӯ, зарурияти ташкили мақомоти махсус дар баррасии баҳсҳои шартномавии тамоми субъектони ҳуқуқ зимни татбиқи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар фазои ИДМ ба миён омад.

Ба ин муносибат, дар асоси бозомӯзии фаъолияти Суди иқтисодӣ баҳри боз ҳам такмил ва самаранок намудани сифати корбарии Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳо дар санаи 4 апрели соли 2008 аз ҷониби Суди иқтисодӣ Шурои байналмилалии ҳуқуқшиносон таъсис дода шуд, ки бинои он дар шаҳри Санкт-Петербурги Русия қарор дошта, фаъолияти худро самаранок пеш бурда истодааст. Дар баробари ин дар дигар давлатҳои аъзо низ бо иштироки ҳакамҳо ва ё намояндагони ин давлатҳо бо мувофиқаи тарафҳо баррасӣ намудани баҳсҳои ҳакамӣ имконпазир аст. Сохтори Марказро суди доимии ҳакамӣ ва Палатаи миёнаравон ташкил медиҳад. Марказ аз кадрҳои баландихтисос таъмин буда, сатҳи кофии таъминоти моддию техникиро доро мебошад. Низомномаи Маркази байналмилалии назди Суди иқтисодӣ ҳалли

баҳсҳо ва низоъҳо, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва муассисаву ташкилотҳо, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили қонунгузориро муайян мекунад.

Эътимоди баланди давлатҳо ба Суди иқтисодии ИДМ аз он гувоҳ медиҳад, ки имрӯз дар ИДМ санадҳои ҳуқуқии байналмилалие мавҷуданд, ки созишномаҳои давлатҳоро дар бар мегиранд. Созишномаи мазкур салоҳияти моддӣ ва ҳам субъективии Судро васеъ намуданд. ИДМ аз 6 июли соли 1992 дар бораи ба суди иқтисодӣ фиристодани баҳсҳои характери иқтисодӣ доштаро мавриди баррасӣ қарор дод. Масалан, ба салоҳияти суд на танҳо баҳсҳо оид ба масъалаи амният, илм инчунин, баҳсҳои соҳаҳои мухталифи давлатҳои аъзои Иттиҳод мансубанд.

Ҳар як судя уҳдадор аст, ки дар ҷаласаи Суди иқтисодӣ ба вазифаи худ ба кор даромада, савганди зеринро бихӯрад: «Ман бо тантана савганд ёд мекунам, ки вазифаамро софдилона ва бо амри виҷдон ба ҷо меорам, дар фаъолияти касбиам беғараз ва баинсоф бошам» (банди 2.8. Низомнома).

Суди иқтисодии ИДМ ҳамчун мақоми бонуфузи судии байналмилалӣ, ҷузъи ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатиро дар соҳаҳои гуногуни ҳамгироӣ бевосита пайгирӣ намуда, ҷанбаҳои рушди умумии Иттиҳодро фаъолона инкишоф медиҳад. Ҳоло, Суди иқтисодӣ оид ба масъалаҳои мубрами ҳамкории байнидавлатӣ, таъмини волоияти қонун қатъиян қарорҳои судӣ дорад. Дар аксари мавридҳо қарорҳои суд ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкории давлатҳои аъзои Иттиҳод дахл доранд.

Л.Э. Каменкова чунин қайд менамояд, ки «Қарорҳои Суди иқтисодии ИДМ ба рушди таҷрибаи ягонаи татбиқи созишномаҳои байналмилалии дар кишварҳои Иттиҳод басташуда дар сатҳи миллӣ мусоидат мекунанд, ки самаранокии фаъолияти онро равшан нишон медиҳад. Суди иқтисодии ИДМ дар ташаккул ва рушди заминаи ҳуқуқии институти ҳалли баҳсҳои судӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё саҳм гузоштааст. Аз ҷониби Суди иқтисодии ИДМ муваққатан иҷрои вазифаҳои Суди иқтисодии Иттиҳоди

Авруосиё (аз соли 2004 то соли 2011) ба кишварҳои узви Суди иқтисодии Иттиҳоди Авруосиё ва мақомоти Иттиҳод бо назардошти таҷриба ва имконоти Суди иқтисодии ИДМ заминаи ҳуқуқиеро, ки барои оғоз намудани фаъолияти Суди иқтисодии Иттиҳоди Авруосиё ба сифати мақоми мустақили судӣ аз 1 январи соли 2012 зарур аст, фароҳам оварда ва дар амал санҷида шавад» [85, с. 3]

Мақоми олии коллегиалии Суди иқтисодӣ Пленум мебошад, ки аз раиси суд, муовинони ӯ ва судяҳои суди мазкур иборат аст. Ба он инчунин, раисони судҳои олии иқтисодӣ, арбитражӣ ва дигар мақомоти олии давлатӣ, ки баҳсҳои иқтисодии кишварҳои узвро ҳал мекунанд, дохил мешаванд. Ба зиммаи Суди иқтисодӣ барои ҳалли баҳсҳои иқтисодии байнидавлатӣ ва тафсири татбиқи санадҳои ИДМ дар фазои давлатҳои иштироккунанда масъулияти бузург гузошта шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқи илмӣ гуфтан мумкин аст, ки Суди иқтисодии ИДМ дар давоми фаъолияти худ оид ба такмили шаклҳои мутамаддини ҳалли баҳсҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодӣ дар фазои ИДМ заҳматҳои зиёдеро анҷом додааст. Дар самти қабули санадҳо низ якчанд санадҳои дахлдор аз он ҷумла, Созишнома дар бораи мақоми Суди иқтисодии ИДМ, Низомнома дар бораи Суди иқтисодии ИДМ ва ғайраҳо қабул гардида, мавриди амал қарор гирифтаанд.

В.С Каменкова чунин изҳори ақида намудааст: «Солҳои охир Суди иқтисодии ИДМ тавонист, таҷрибаи ғании ҳалли босифати баҳсҳои байнидавлатиро таъмин намуда, дар ташаккули таҷрибаи амалии ҳуқуқӣ саҳми арзанда гузошт, ки дар асоси он қонунгузории иқтисодӣ инкишоф ва такмил дода шуда, муносибатҳои иқтисодӣ дар фазои ИДМ ба тартиб оварда шуданд» [85, с. 7].

Масъалаи баррасии баҳсҳои иқтисодии байни давлатҳои аъзо бар души суди иқтисодии ИДМ гузошта шуда, раванди иҷрои уҳдадориҳои иқтисодӣ дар асосу заминаи шартномаҳои байналмилалии давлатҳои аъзо, қарорҳои шурои роҳбарони давлатҳо, шурои сарварони ҳукуматҳо ва дигар созмонҳои

дахлдор дар ҳудуди ИДМ амалӣ гардонида мешавад. Дар баробари ин, суд инчунин, баҳсҳои оиди мувофиқати санадҳои меъёрии давлатӣ ва дигар санадҳои қабулшуда дар давлатҳои аъзо, ки бо масъалаҳои иқтисодии байналмилалӣ алоқамандӣ доранд, ё санадҳои иловагӣ дар контексти шартномаҳои байналмилалӣ ва қарорҳои ИДМ-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Инчунин, судҳои иқтисодӣ салоҳияти иҷрои шартномаи байналмилалӣ ва дигар санадҳои дар доираи ИДМ қабулшударо дар асоси Созишномаҳои байни давлатҳо доранд.

Тавре дар Низомнома муқаррар карда шудааст, ҳуқуқи муроҷиат ба суд ҷиҳати баррасии басҳсҳо ба давлатҳои манфиатдор, ки мақомоти ваколатдори онҳо инчунин, муассисаҳои ИДМ-ро намояндагӣ мекунанд, дода мешавад. Давлатҳо ҳуқуқ доранд, ки барои гирифтани тафсири шартномаҳои байналмилалии ИДМ ва дигар санадҳои дар доираи он қабулшуда тариқи мақомотҳои дахлдор аз қабили мақомоти олии давлатӣ, идора ва муассисаи давлатӣ, судҳои олии иқтисодӣ, ҳакамӣ ва дигар ниҳодҳои баландпоя, ки баҳсҳои иқтисодиро дар дохили кишвар ҳал мекунанд, ба суди иқтисодии ИДМ муроҷиат намоянд.

Бо ариза ба Суди иқтисодӣ давлатҳои манфиатдор, инчунин, мақомот, ниҳодҳои ИДМ дар шахсияти мақоми ваколатдори онҳо ё намояндаҳои онҳо муроҷиат карда метавонанд. Ариза ва дигар ҳуҷҷатҳо бояд мувофиқи қоидаҳои ҳуҷҷатнигорӣ ба расмият дароварда шуда, аз ҷониби шахси мансабдор, ки ваколати он аз ҷониби Суди иқтисодӣ зери шубҳа қарор надошта бошад, бо ваколатномаи махсус ё ҳуҷҷати дахлдори дигари тасдиқшуда имзо карда мешавад. Ҳамзамон,, дар таҷрибаи амалии суд ҳолатҳои баррасии чунин аризаҳое, ки ба таври ғайримустақим тавассути мақомоти салоҳиятдори давлатҳо ва муассисаҳои ИДМ ба суд ирсол шудаанд, ҷой доранд [31].

Мувофиқи Низомнома: «Суд зимни баррасии баҳс қарор қабул мекунад, ки дар он далели вайрон кардани шартнома ё санадҳои байналмилалии ИДМ аз ҷониби давлатҳои аъзо ё муассисаҳои марбут нишон дода мешавад. Суд

инчунин, тадбирҳоеро муайян менамояд, ки ба давлатҳои дахлдор барои бартараф кардани вайронкуниҳо ва асароти манфии онҳо тавсия дода мешаванд» [42]. Давлате, ки нисбат ба он қарори Суди иқтисодии ИДМ бароварда шудааст, иҷрои онро таъмин менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда адабиёт чунин нишон дод, ки қарорҳои суд дар робита бо муайян намудани ҳолатҳои ҳуқуқии парванда дар шакли ҳатмӣ ва машваратӣ ҷиҳати бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо қабул карда мешавад.

Ҳайати судии Суди иқтисодии ИДМ аз ҳисоби шумораи баробари судяҳо аз ҳар як давлати иштирокчии Созишнома дар бораи мақоми Суди иқтисодӣ ташкил карда мешавад. «Судяҳои Суди иқтисодии ИДМ мустақил ва дахлнопазир буда, ба юрисдиксияи давлати будубош дохил намешаванд, онҳоро бе розигии Суди иқтисодии ИДМ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидан, ба ҳабс гирифтан, маҷбуран овардан мумкин нест»[42].

Ҳадафи асосии фаъолияти суди иқтисодӣ ин эътирофи созишномаҳои давлатҳои аъзои ИДМ мебошад, ки дар он ухдадориҳои иқтисодии ҳар як давлат ва роҳҳои ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ, инчунин, эътирофи санадҳои судии онҳо мебошад. Суди иқтисодӣ дар ИДМ дар рушди муносибатҳои байни давлатҳо нақши назаррас дошта, бо аксарияти мақомоти ҳокимияти давлатии давлатҳои аъзо оиди масъалаҳои тарафайни байналмилалӣ ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории зичро ба роҳ мемонад. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Судҳои иқтисодии ИДМ инҳоянд:

1. Созишнома дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани ҳисоби байни ташкилотҳои иқтисодии мамлакатҳои иштироккунандаи ИДМ аз 15 майи соли 1992;

2. Созишнома ва Низомнома, ки мавқеи ҳуқуқии Суди иқтисодии ИДМ дар он инъикос гардидаанд;

3. Беларусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва Узбекистон давлатҳои иштироккунандаи Созишномаи мазкур мебошанд;

4. Суди иқтисодӣ дар мутобиқа бо Низомнома ИДМ ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадориҳои иқтисодии байни давлатҳои аъзо фаъолият менамояд;

5. Суди иқтисодӣ истеҳсолоти судиро дар асоси Низомномаи Суди иқтисодии ИДМ пеш мебарад.

Мавриди зикр аст, ки дар таҳким ва густариши заминаҳои ҳуқуқии ИДМ санадҳои судии Суди иқтисодии ИДМ дар пешбарии фаъолияти ҳокимияти судии давлатҳои аъзо аҳаммияти хосса дошта, дар амалигардонии он нақши босазо доранд. Бунёди ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият Суди иқтисодии ИДМ бо Шурои раисони арбитражи олӣ, судҳои ҳакамӣ, иқтисодӣ ва дигар судҳо, ки парвандаҳоро оид ба баҳсҳои соҳаи иқтисодӣ баррасӣ менамоянд, дар афзоиши парвандаҳо ва таҳким ёфтани ҳамкориҳои муштарак мусоидат мекунад.

Фаъолияти муштараки мақомоти болозикр боиси таъмин намудани роҳҳои ҳалли имконпазири масъалаҳои дар мақомоти судӣ дучоргашта гардида, тавсияҳо ҷиҳати татбиқи амалии шартномаҳо ва бартараф намудани мухолифатҳои дар қонунгузории миллӣ мавҷуда таҳия ва пешниҳод карда шаванд.

Тавре Б.А. Бекназаров иброз медорад: «Чунин ҳамкориҳои судманд бояд боз ҳам инкишоф дода, таҷрибаи ягонаи судӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ инкишоф дода шавад. Таҷрибаи ҳамкории якҷоя дар фазои ИДМ асосан барои амиқсозии равандҳои ҳамгироӣ дар чаҳорчӯбаи Суди иқтисодии Авруосиё ва Фазои ягонаи иқтисодӣ заминаи асосӣ гардидааст» [69, с. 8].

А.И. Евсеева қайд мекунад, ки: «Ба таҷрибаи Иттиҳодияҳои Аврупо рӯ оварда, метавон тахмин кард, ки чунин як институти муҳим, ба мисли Суди иқтисодии ИДМ бояд дар рушди равандҳои ҳамгироӣ, назорати иҷрои шартҳои созишномаҳои байналмилалии ИДМ нақши муҳим бозад ва давлатҳои аъзо таъмини якхелаи татбики онхоро амалӣ гардонад» [183, с. 104].

Суди иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баҳри танзими ҳисоббаробаркуниҳо миёни ташкилотҳои хоҷагидор, ташкил шуда, баҳсҳое ки дар робита бо иҷрои уҳдадориҳои иқтисодӣ ба миён меоянд, баррасӣ

менамояд, инчунин, дигар масъалаҳои вобаста ба созишномаи давлатҳои аъзои Иттиҳод таҳия намуда, дар баробари ин, ҳуқуқ дорад муқаррароти созишнома ва дигар санадҳои Иттиҳодро оид ба масъалаҳои иқтисодӣ шарҳ диҳад.

Суди иқтисодӣ дар маҷмуъ ду категорияҳои баҳсҳоро баррасӣ менамоянд. Якум, масъала ва баҳсҳои марбут ба иҷрои уҳдадории иқтисодии дар санадҳои байналмилалии байни давлатҳои аъзо ва дигар муассисаҳои он пешбинӣ шудаанд. Дуввум, баҳсҳо оиди таҳлили мутобиқатии байни санадҳои меъёрӣ ва дигар санадҳои давлатҳои аъзо, ки хоси масъалаҳои иқтисодӣ мебошанд [50].

Н.А. Қудратов ва Ф.Н. Ҷабборов қайд менамоянд: «Суди иқтисодии ИДМ кӯшиш мекунад, ки аз тамоми имкониятҳои тибқи санадҳои байналмилалии Иттиҳод ба фаъолияташ мансуббударо пурра истифода барад. Ҳамин тариқ, банди 2 Низомнома, ки ба Пленуми Суди иқтисодӣ ҳуқуқ медиҳад, тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки тартиби ҳалли баҳсҳоро муқаррар мекунанд, амалӣ намояд. Суди иқтисодӣ ҳамчун мақомоти судӣ мувофиқи регламенти худ, ки бо қарори «Пленуми Суди иқтисодии ИДМ аз 10 июни соли 1997 таҳти №2» тасдиқ шудааст, аз коллегияи Суди иқтисодӣ, ҳайати пурраи Суди иқтисодӣ ва Пленуми Суди иқтисодӣ иборат мебошад» [91, с. 159].

«Дар ҳайати 3 ё 5 нафар шумораи судяҳо коллегияи суди иқтисодиро ҳайати пурраи Суди иқтисодии ИДМ таъсис дода, барои баррасии баҳсҳое, ки ба салоҳияти Суди иқтисодӣ дохил мебошанд, масуъ мебошанд. Фаъолияти онро раисикунанда роҳбарӣ намуда, ӯро ҳайати пурраи Суди иқтисодӣ аз шумораи судяҳое, ки ба ҳайати коллегия шомиланд, интихоб мекунад» [42]. Судяи Суди иқтисодии ИДМ, ки аъзои коллегия мебошад дорои як овоз буда, ҳуқуқи дар овоздиҳӣ бетараф буданро надорад. Қарори коллегия ҳамон вақт қабулшуда ҳисобида мешавад, ки агар ба он аксарияти аъзоёни коллегия овоз дода бошанд. «Коллегияи судӣ аз рӯйи салоҳияташ ба муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ (на дертар аз сӣ шабонарӯз баъд аз

баровардани таъинот дар бораи қабули парванда ба истеҳсолот) ҷаласаи амрдиҳӣ гузаронида, дар он чунин масъалаҳоро ҳал мекунад» [91, с. 164]:

1. Оид ба муайян кардани талаб ва эътирози тарафҳо бо нишон додани муҳлати пешниҳоди маводҳои зарурии иловагӣ;
2. Оид ба ҳаракатҳое, ки бояд ҳар як тараф дар рафти омодагӣ ба муҳокимаи судӣ анҷом диҳанд, бо нишон додани муҳлати иҷроиши онҳо;
3. Оид ба таъини экспертиза;
4. Додани супориш ба Мушовири генералии Суди иқтисодии ИДМ;
5. Дигар масъалаҳо.

Ҳайати пурраи Суди иқтисодӣ бошад аз ҳамаи судяҳои Суди иқтисодӣ иборат буда, салоҳияти қабули қарорро доранд.

Пленуми Суди иқтисодӣ мақоми олии роҳбарикунандаи Суди иқтисодӣ буда, ба ҳайати он судяҳои Суди иқтисодии ИДМ ва сардорони судҳои олии иқтисодӣ, арбитражӣ ва дигар мақомоти олии давлатӣ, ки давлатҳои аъзои ИДМ мувофиқи Созишнома оид мақоми Суди иқтисодии ИДМ ҳуқуқи ҳал кардани баҳсҳои иқтисодиро доранд, дохил мешаванд.

Пленуми суди иктисодӣ татбики амалии чунин руйхат кори ояндаи дурро дарк намуда, муқаррар намуд, ки ин баҳсҳоро ба суд пешниҳод кардан имконпазир аст, агар ин дар шартномаю созишномахои байнидавлатӣ бевосита пешбини шуда бошад. Муқаррароти номбаршудаи Низомномаи Суди иқтисодии ИДМ дарки аҳаммияти эҳтимолии ин ниҳодро барои раванди муттаҳидшавӣ ҳам аз ҷониби судяҳо ва ҳам аз ҷониби роҳбарони мақомоти олии давлатие, ки баҳсҳои иқтисодиро дар судҳо ҳал мекунанд, пурра нишон медиҳанд [183, с. 114].

Муқаррароти меъёрҳои дахлдор метавонанд барои фаъолияти Суд оид ба таҳкими ҳамгирой асос гарданд, агар онҳо дар сатҳи созишномаи байнидавлатӣ тасдиқ гардида, қувваи зарурии ҳуқуқӣ пайдо кунанд. Дар шароити мавҷуда, беҳтараш, онҳоро метавон ба унсурҳои аввалин шомил намуд, ки тавассути он дар оянда ба Суди иқтисодӣ мақоме дода мешавад, ки ақалан ба мақоми Суди Аврупоӣ наздик мешавад.

Тақвият ва инкишоф додани робитаҳои байни давлатҳои аъзо вазифаи асосии Иттиҳод ба шумор рафта, дар якҷоягӣ бо ҳамкориҳои мақомот ва муассисаҳои махсус баррасӣ ва ҳал карда мешавад, ки Суди иқтисодӣ низ ба ин гуруҳ шомил мебошад. Фаъолияти ин суд дар фазои пасошуравӣ яке аз аз аввалин суди байналмилалӣ буда, таъсис додани он бо мақсади амалӣ намудани татбиқи якхела ва ҳамоҳангсозии созишномаҳои давлатҳои аъзои ИДМ мебошад. Вазифаҳои асосии он дарёфти роҳҳои ҳалли баҳсҳои байнидавлатӣ дар соҳаи иқтисод, тафсири созишномаҳои иқтисодии байнидавлатӣ ва ягонакунии қонунгузории кишварҳои ИДМ мебошад.

Ба ақидаи Н.М. Мансуров: «Маҳз, ба шарофати кӯшишу заҳматҳои якҷояи давлатҳои аъзо раванди таъсис ва таҳкими заминаи рушди Суди иқтисодӣ, рушди таҷрибаи судӣ ва ташкили фаъолияти он зиёд ба назар расид. Таҷрибаи чандинсолаи Суди иқтисодии ИДМ нишон дод, ки он эътимоди баланди давлатҳоро дар фазои ИДМ комилан зиёд гардонад» [94, с. 11].

Суди иқтисодӣ ба ташаккули фазои ягонаи ҳуқуқии ИДМ ва татбиқи якхелаи созишномаҳои давлатҳои аъзои ИДМ мусоидат намуд. Дар айни замон Суди иқтисодӣ як навъ омили дастгирии ҳуқуқии рушди устувори равандҳои самарабахши ҳамгироӣ дар фазои пасошуравӣ мебошад. Албатта, ки баҳри таъсиси ин мақоми судӣ дар сатҳи байналмилалӣ душвориҳо низ мушоҳида мешуданд. Вале, новобаста аз ин судяҳои Суди иқтисодӣ ҳама гуна душвориҳоро паси сар карда, дар мураттабсозии Низомномаи суди иқтисодӣ дастурамали воҳидҳои сохторӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилӣ, ки бидуни онҳо фаъолияти мақомот ғайриимкон аст, мусоидат намуданд. Дар солҳои аввали фаъолияти худ тақрибан то соли 2012 аз ҷониби Суд 109 парванда баррасӣ гардида, аз рӯйи онҳо 118 қарори судӣ бароварда шудааст. Ҳангоми муқоисаи ҳаллу фасли парвандаҳо дар судҳои созмонҳои байналмилалӣ дар марҳилаи ташаккули онҳо, бояд қайд кард, ки шумораи парвандаҳои дар Суди иқтисодӣ баррасӣ шуда аз Суди СММ, Суди Аврупо ба ҳеҷ ваҷҳ кам нестанд, гарчанде онҳо салоҳияти хеле васеъ дар муқоиса бо Суди иқтисодӣ доранд.

Л.А. Дашук чунин ақидаронӣ намудааст, ки: «Агар салоҳиятҳои Суди иқтисодиро таҳлил намуда, онро бо салоҳияти дигар судҳои байналмилалӣ муқоиса намоем, ба осонӣ мушоҳида мешавад, ки доираи салоҳияти Суди иқтисодии ИДМ каме маҳдудтарак ба назар мерасад». Аз ин чунин масъала ба миён меояд, ки кадом мақомот ҳуқуқи баррасӣ намудани баҳсҳои байни мақомотҳои ИДМ дорад ва кадом мақомот метавонад, парванда оид ба поймолшавии ҳуқуқҳои граждании шаҳрвандонро дар ҳудуди давлатҳои ИДМ дорад ва чунин саволҳо бисёр мисол шуда метавонанд. Аз ин лиҳоз Л.А. Дашук чунин пешниҳод менамояд, ки зимни таъсисёбии мақомотҳои Иттиҳод Суди иқтисодии ИДМ-ро метавон ҳамчун Суди ИДМ номгузорӣ намуда, салоҳиятҳояш низ васеъ карда шавад. Бо дарназардошти чунин ҳолатҳо зиёд намудани шумораи судяҳои суд аз ҳар як давлатҳои аъзо баҳри фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ-ро боз ҳам босамар намудан ба мақсад мувофиқ аст, зеро маҳз тасмими мазкур устувории самараи кор ва фаъолияти судро таъмин намуда, беҳтар намудани масъалаи молиявии судро дар фаъолияти мунтазами кори суд мусоидат менамояд [75, с. 14].

Ҳамзамон, Суди иқтисодии ИДМ дар рушд ва ташаккули Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва дар таъсиси муассисаҳои ҳалли судии баҳсҳо дар доираи он саҳми арзанда гузошта, ҳамчун як созмони байналмилалӣ вазифаҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё то замони таъсиси он дар асоси Созишнома иҷро мекард. (аз 3 марти соли 2004 то 1 январи соли 2012).

Созишномаи байни ИДМ ва Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё дар бораи аз ҷониби Суди иқтисодии ИДМ амалӣ намудани вазифаҳои суди Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз 3 марти соли 2004 қабул карда шуда, баъди таъсисёбии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар асоси тағйироти протоколи 17 январи 2011 амали он бекор карда шудааст. Ҳангоми иҷроиши вазифаҳои мазкур ба салоҳияти Суди иқтисодӣ ҳалли баҳсҳои байнидавлатии иқтисодие, ки аз татбиқи шартномаҳои байналмилалии Суди иқтисодии Авруосиё бармеоянд, дохил карда мешуданд. Чунин санадҳо ва дигар баҳсҳое, ки хусусияти иқтисодӣ доранд, албатта, ки дар шарномаҳои байналмилалӣ ва дигар

қарорҳои мақомоти Авруосиё инъикос гардидаанд. Амали ҳамоҳангии Авруосиё таъмини татбиқи якхелаи шартномаҳои байналмилалиро фароҳам оварда, зарурати боз ҳам такмили воситаҳои ҳуқуқии ҳалли баҳсҳои иқтисодиро тақозо мекунад.

Ҳамин тавр, Суди Иқтисодии ИДМ ҳамкориҳои байналмилалиро фаъолона инкишоф дода, бо дигар сохторҳои ҳамгироии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамкорӣ менамояд. Бо мақсади инъикоси амалияи судӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили заминаи ҳуқуқии ҳамгироӣ намояндагии фаъолонаи суд дар ҳамоишҳо, конфронсҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалӣ таъмин карда мешавад.

Хулоса, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни ҳол тавачҷуҳ ба фаъолияти судҳои давлатҳои хориҷа ҷиҳати гирифтани таҷрибаи байналмилалӣ бо мақсади истифода дар сатҳи қонунгузории миллӣ зиёд ба назар мерасанд. Бо назардошти ҳолати мазкур таҳлили ҳуқуқии судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ ба миён меояд, ки чунин имтиёзҳо ба беҳбуд донистани вазъи кунунӣ, баланд бардоштани самараи фаъолияти онҳо ва таъмини ҳуқуқии танзими меъёрҳои дахлдори самти судӣ мусоидат менамояд. Таҳлили ҳуқуқии судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ яке аз тадбирҳои воқеие ба шумор меравaнд, ки баҳри самаранок намудани натиҷаи корӣ ва дар сатҳи муайян нигоҳ доштани мақоми хизматчиёни давлатӣ хусусан кормандони дастгоҳи суд мебошад.

## 2.2. Суди иқтисодии ИДМ ва тафовути он аз судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ

Дар Созишнома оид ба таъсис додани ИДМ аз 8 декабри соли 1991 давлатҳои муассис дар назди худ вазифаҳои рушди ҳамаҷониба ва мутаносиби давлатҳоро дар доираи фазои ягонаи иқтисодӣ, ҳамкорӣ ва ҳамгироии байнидавлатӣ, даст кашидан аз истифодаи зӯроварӣ ва дигар усулҳои фишороварӣ қарор доданд. Дар Эъломияи Алма-ато, чунин оварда шудааст: «Ҳамкории аъзои ИДМ дар асоси принсипи баробарӣ тавассути ниҳодҳои ҳамоҳангсозии ташкилшуда ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи созишномаҳои байни давлатҳои аъзо амалӣ мешавад» [63].

Дар доираи Созишномаҳои байни давлатҳои ИДМ баста шуда, оиди ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумоти ҳуқуқи байни Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди иқтисодии ИДМ ба имзо расонида шудааст. Ҳамкории дуҷониба инчунин, бо шакли мулоқотҳои корӣ дар сатҳҳои гуногун оиди гузаронидани маслиҳатҳои дуҷониба, роҳҳои мувофиқакардашуда, мубодилаи таҷриба ва ҷамъбасти амалияи судӣ гузаронида мешавад.

Чӣ тавре М.М. Ширинҷонова қайд менамояд, таърихи 31-уми октябри соли 2008 бинои Суди Олии иқтисодии ҶТ маросими бо тантана ба имзо расонидани Созишномаи ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумоти ҳуқуқӣ байни суди мазкур ва Суди иқтисодии ИДМ гузаронида шудааст. Аз ин бармеояд, ки байни судҳои мазкур аз лаҳзаи таъсисёбӣ ҳамкории зич ва самаранок дар соҳаҳои гуногун вуҷуд дошт. Созишномаи мазкур бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани ҳамкориҳои дуҷониба дар барқарор намудани адолат дар ҳокимияти судӣ баста шуда буд [126, с. 48].

Ҳамзамон, дар доираи ИДМ заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои гуногун фаъолона ташаккул ёфт. Ин ҳолат зарурати ба таври фаврӣ таъсис додани як ниҳоди муассири байналмилалиро барои ҳалли баҳсҳои эҳтимолии байни субъектҳои соҳибихтиёри ҳуқуқи байналмилалӣ ва барои риоя ва ҳифз намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ бо таъмин намудани вазъи баробарии

тарафайн мусоидат намуд. Муҳим будани масъала ба андозаи зиёд аз он сабаб муқарар гардид, ки дар доираи Иттиҳод сохтори мустақил вуҷуд надошт, ки иҷрои муқаррароти шартномаҳои байналмилалии дар ИДМ баста шуда ва санадҳои мақомоти ИДМ-ро таъмин намуда, шумораи онҳоро афзун гардонад.

Илова бар ин, дар давоми чанд сол аз замони таъсиси Иттиҳод санадҳои алоҳидаи қонунгузории собиқ ИҶШС амал мекарданд. Аз ин лиҳоз, дар амал дар байни онҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии ИДМ ихтилофи салоҳиятҳо давра ба давра ба вуҷуд меояд. Чунин вазъият боис гардид, ки дар самти мазкур мақомоти судии байналмилалӣ таъсис дода шавад, ки мавҷудияти чунин мақомоти судӣ барои баррасӣ ва ҳалли парвандаҳое, ки аз доираи салоҳияти судҳои миллии давлатҳои аъзо берунанд, зарур мебошад..

Суди иқтисодӣ татбиқи якхелаи созишномаҳои байни давлатҳои аъзо ва уҳдадориҳои иқтисодӣ, инчунин, созишномаҳои ба онҳо асосёфтаро бо роҳи ҳалли баҳсҳои ба муносибатҳои иқтисодӣ таъмин менамояд. Ҳадафи асосии фаъолияти суд дар рушди ҳамкории байнидавлатӣ, пешгирии вазъиятҳои мунокишавӣ ва муосидат ба танзими пеш аз судии онҳо, инчунин, таҳкими ҳамкорӣ миёни мақомоти судӣ ва дигар ниҳодҳои ҳуқуқии давлатҳои аъзо мебошад.

Суди иқтисодии ИДМ фаъолияти мурофиавии худро ҳамчун мақоми судии байналмилалӣ тавассути судяҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби давлатҳо интихоб ё таъин карда мешаванд, амалӣ менамояд. Таъмини ташкилии ҳуқуқӣ ва дигар паҳлуҳои фаъолияти суд бар души дастгоҳи суд вогузор карда шудааст. Салоҳиятҳои Суди иқтисодии ИДМ дар маҷмуъ ин ҳалли баҳсҳои иқтисодии байнидавлатӣ, иҷрои уҳдадориҳои иқтисодие, ки дар созишномаҳои байнидавлатӣ пешбинӣ шудаанд ва инчунин, санҷиши мутобиқатии санадҳои меъёрӣ ва дигар санадҳои давлатҳои аъзои Иттиҳод оид ба масъалаҳои иқтисодиётро дар бар мегирад.

Судяҳо мустақил ва ҳуқуқи дахлнопазирӣ дошта, тибқи тартиби муқарраргардида онҳоро бе розигии Суди иқтисодӣ ба ҷавобгарӣ кашидан ва ба ҳабс гирифтан, мумкин нест. Дар баробари ин, судяи суди мазкур

намояндаи давлате, ки ӯро интихоб кардааст (таъин кардааст) шуда наметавонад. Инчунин, манфиатҳои давлатеро, ки ӯро бо супориши махсус интихоб кардааст (таъин кардааст), новобаста аз сатҳи мақом (шахси мансабдор), ки чунин супориш додааст, ифода карда наметавонад.

Чӣ тавре дар саҳифаҳои қаблӣ қайд намуда будем, суди иқтисодиро ҳайати суд (коллегия), ҳайати пурраи суд ва Пленуми суд ташкил дода, ҳайати коллегияи суд аз 5 нафар судя иборат аст. Онҳо ба муҳлати як сол таъин карда шуда, дар доираи салоҳиятҳояш санадҳои аз ҷониби давлатҳои аъзо воридшударо тавзеҳ медиҳад ва инчунин, масъалаҳои ташкилӣ, кадрӣ ва дигар масъалаҳоро амалӣ мегардонад.

Қарорҳои Пленум асосан аз ҷониби аъзои Пленум қабул гардида, бо мақсади таъмини татбиқи ягонаи созишномаҳо ва санадҳои дига, ки аз ҷониби Иттиҳод ва муассисаҳои он қабул шудаанд, татбиқ мешаванд. Иҷрои қарорҳои Пленум ҳатмӣ буда, дар он ҷиҳати ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ тавсияҳо таҳия карда шудаанд. Ҳамчунин, дар қарори Пленум пешниҳодҳо дида мешавад, ки он ҷиҳати рафъи ихтилофот дар қонунгузории давлатҳои аъзо равона карда шудааст.

Дар асоси Дастурамал дар бораи фаъолияти суд ва Низомнома раис вазифаҳои мурофиавӣ, ташкилӣ ва маъмуриро амалӣ менамояд. Амали қарорҳои Суди иқтисодӣ ва қарорҳои Пленуми он ҳатмӣ буда, дар нашрияҳои Иттиҳод ва васоити ахбори оммаи давлатҳои аъзо интишор мешаванд. Дар баробари ин, Котиби Генералӣ ва Мушовири генералӣ дар навбати худ ҳайати Суди иқтисодии ИДМ-ро ташкил медиҳад, ки ҷараёни пешбурди самти фаъолияти кориии судро пеш бурда, дар доираи салоҳияти худ вазифаҳои муайяни маъмурӣ ва дигарро иҷро мекунад.

Аз рафти фаъолияти суд Мушовири генералӣ метавонад тафтиш гузаронад ва аз рӯйи маводи парванда ва тафтиши анҷомдодааш хулосабарорӣ намояд. Ба ҳайси котиби генералӣ ва мушовири генералии суд шахсони дорои маълумоти олии ҳуқуқӣ ва на камтар аз панҷ сол собиқаи кории касбӣ ба муҳлати се сол таъин карда мешаванд. Дар назди суд шурои илмии машваратӣ

амал мекунад. Фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ ба таври доимӣ буда, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дорои муҳр бо номи худ мебошад. Айни замон, чунон ки маълум аст, раванди такмили ташкил ва фаъолияти мақомоти ИДМ, аз ҷумла Суди иқтисодӣ идома дошта, масъалаи салоҳияти суд ва доираи субъектҳои ҳуқуқи муроҷиат ба ин мақоми судӣ баррасӣ мешаванд.

Аз тарафи мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Беларус ва Федератсияи Русия Шартнома дар бораи таъсиси давлати иттифоқӣ ба тавсиб расонида шудааст, ташкили Суди ин давлатро пешбинӣ мекунад. Мувофики талаботи шартномаи мазкур Суд барои таъмини якхела тафсиру татбиқи шартнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ИДМ масъул мебошад.

Давлатҳои аъзо, ки доир ба масъалаи ба татбиқи Шартнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ИДМ вобаста шудаанд, метавонанд ба суд муроҷиат кунанд. Қарорҳои суд эътибори қонунӣ дошта, расман интишор мешаванд. Масъалаҳои ташкил ва салоҳияти Суди иқтисодӣ дар Шартнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди Русия ва Беларус [10] низ оварда шудааст.

Бо мақсади таҳлил ва омузиши ҳамаҷониба ва амиқи институти мазкур моро мебояд ба таҷрибаи судҳои иқтисодӣ дар кишварҳои ИДМ асосан аз раванди таърихии рушд вобаста аст, нигарем, зеро аксари давлатҳои минтақаи мазкур низоми арбитражи давлатии шуравиро ба мерос гирифтаанд. Дар ҷараёни ислоҳоти низомҳои судӣ, ин мақомот ба судҳои мустақил табдил ёфта, ба баррасии баҳсҳои хоҷагидорӣ уҳдадор гардонида шуданд.

Дар баробари доштани тафовути зиёд, судҳои иқтисодии давлатҳои ИДМ умумиятҳои гуногун доранд, ки баррасии танҳо баҳсҳои хусусияти иқтисодидоштаро байни субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла муассисаҳои давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ҳамчун соҳибкорон ба қайд гирифта шудаанд, дар бар мегирад. Сарфи назар аз хусусиятҳои умумӣ, низомҳои судии кишварҳои ИДМ вобаста ба сатҳи мустақилият, самаранокии баррасии парвандаҳо ва сатҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосир фарқ мекунанд.

Дар Федератсияи Россия судҳои арбитражӣ фаъолият менамоянд, ки адолати судиро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ

тавассути баррасӣ ва ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ, инчунин, дигар парвандаҳое, ки тибқи қонунгузории Федератсияи Россия ба салоҳияти онҳо мансуб дониста шудаанд, амалӣ менамоянд. Судҳои арбитражӣ дар Федератсияи Россия адолати судиро тавассути ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ ва баррасии дигар парвандаҳое, ки тибқи Қонуни конститутсионии федералӣ «Дар бораи судҳои арбитражӣ дар Федератсияи Россия», Кодекси мурофиавии арбитражии Федератсияи Россия ва дигар қонунҳои федералӣ, ки мутобиқи онҳо қабул шудаанд, амалӣ менамоянд.

Ба ақидаи А.Н. Кукарсева: «Дар Федератсияи Россия баҳсҳои иқтисодӣ аз ҷониби судҳои арбитражӣ баррасӣ гардида, назорати судиро амалӣ менамоянд. Сохтори онро судҳои арбитражии субъектҳои Федератсияи Россия, судҳои арбитражии аппелятсионӣ ва Суди Олии Федератсияи Россия ташкил медиҳанд. Санади асосии меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти адолати судии иқтисодӣ Кодекси мурофиаи арбитражии Федератсияи Россия мебошад, ки тартиби баррасии парвандаҳоро муфассал муайян мекунад. Яке аз бартариҳои асосии низоми судии Россия ҷорӣ намудани мурофиаи судии электронӣ мебошад, ки имкон медиҳад даъвоҳо ба таври фосилавӣ пешниҳод карда шаванд, иштирок дар мурофиаҳо сурат гирад ва қарорҳои судӣ ба таври онлайн дастрас бошанд» [157, с .45-58].

Вазифаҳои асосии судҳои арбитражӣ дар Федератсияи Россия «ҳангоми баррасии баҳсҳое, ки ба салоҳияти онҳо мансубанд аз ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии вайроншуда ё мавриди баҳс қароргирифтаи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ, инчунин, аз мусоидат ба таҳкими қонуният ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ, иборат мебошад, ки муқаррароти мазкурро моддаи 5 Қонуни конститутсионии федералӣ «Дар бораи судҳои арбитражӣ дар Федератсияи Россия» кафолат медиҳад» [60].

Мутобиқи моддаи 2 Кодекси мурофиавии арбитражии Федератсияи Россия вазифаҳои мурофиавии арбитражӣ инҳоянд [2]:

- «ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии вайроншуда ё мавриди баҳс қароргирифтаи шахсоне, ки фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодиро амалӣ менамоянд, инчунин, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Федератсияи Россия, субъектҳои Федератсияи Россия, воҳидҳои мунисипалӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ, мақомоти ҳокимияти давлатии Федератсияи Россия, мақомоти ҳокимияти давлатии субъектҳои Федератсияи Россия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар соҳаи зикршуда» [2];

- таъмини дастрасии адолати судӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

- баррасии одилона ва ошкорои судӣ дар мухлати оқилона аз ҷониби суди мустақил ва бетараф;

- таҳкими қонуният ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

- «ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба қонун ва суд;

- мусоидат ба ташаккул ва рушди муносибатҳои шарикии тиҷоратӣ, ҳалли осоиштаи баҳсҳо, инчунин, ташаккули урфу одатҳо ва ахлоқи муомилоти тиҷоратӣ» [2].

Ҳамин тариқ, таҳлили судҳои арбитражии Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки онҳо дар низоми судии давлат нақши муҳимро дар таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони муносибатҳои иқтисодӣ ва иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ иҷро менамоянд. Меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти судҳои арбитражӣ ба таъмини адолати судӣ, таҳкими қонуният ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо равона гардидаанд. Таҷрибаи судҳои арбитражии Федератсияи Россия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад барои таҳқиқи муқоисавии низоми судии дигар давлатҳо истифода гардад.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон мурофиаи судии иқтисодӣ аз ҷониби низоми умумии судӣ бидуни ҷудо кардани судҳои махсусгардонидашуда амалӣ мегардад. Аммо дар баробари ин палатаҳои тиҷоратӣ низ дар кишвар амал

мекунанд, ки ба баррасии баҳсҳои иқтисодӣ салоҳият доранд. Яке аз афзалиятҳои назарраси Ҷумҳурии Қазоқистон ин ҷорӣ намудани медиатсияи ҳатмӣ дар марҳилаи пеш аз судии баррасии парвандаҳои иқтисодӣ мебошад, ки имкони коҳиш додани сарбории судҳо ва суръат бахшидани ҳалли баҳсҳо фароҳам овардааст [41]. Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳлили низоми судии Ҷумҳурии Қазоқистон муайян карда шуд, ки 16 январи соли 2001, бо мақсади таҷрибаомӯзӣ, дар шаҳри Алма-ато ва Қарағанда судҳои иқтисодии махсусгардонидашудаи байниноҳиявӣ таъсис дода шуданд. Таҳлили фаъолияти ин судҳои иқтисодии таҷрибавӣ дар давоми соли 2001 нишон дод, ки таъсиси судҳои иқтисодӣ дар ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ ва дар шаҳри Остона мақсаднок мебошад. Айни замон, дар Ҷумҳурии Қазоқистон судҳои арбитражӣ фаъолият намуда, баҳсҳои хоҷагӣ ва дигар баҳсҳои марбут ба фаъолияти соҳибкориро мутобиқи қонунгузории амалкунандаи давлат ҳаллу фасл менамоянд, инчунин, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодиро таъмин месозанд.

Судҳои арбитражии Ҷумҳурии Қазоқистон баҳсҳои хоҷагиро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи суди арбитражии Ҷумҳурии Қазоқистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи тартиби ҳаллу фасли баҳсҳои хоҷагӣ аз ҷониби судҳои арбитражии Ҷумҳурии Қазоқистон» ҳаллу фасл менамоянд. Хусусиятҳои ҳаллу фасли намудҳои алоҳидаи баҳсҳо метавонанд бо санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар карда шаванд.

Мутобиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи суди арбитражии Ҷумҳурии Қазоқистон» вазифаҳои суди арбитражӣ ин таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, инчунин, татбиқи якрангу дурусти қонунҳо ҳангоми ҳаллу фасли баҳсҳо тавассути амалӣ намудани адолати судӣ ва мусоидат ба риояи қонуният бо воситаҳои ҳуқуқӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ мебошад [16].

Дар асоси моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи тартиби ҳаллу фасли баҳсҳои хоҷагӣ аз ҷониби судҳои арбитражии Ҷумҳурии Қазоқистон» ба судҳои арбитражии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, аз ҷумла, корхонаҳои инфиродӣ, муштарак ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ, ки дар Ҷумхурии Қазоқистон ва дигар давлатҳо ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҳуқуқ доранд барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии вайроншуда ё баҳсноки худ муроҷиат намоянд [14].

Суди арбитражии Ҷумҳурии Қазоқистон яке аз муассисаҳои асосии ҳаллу фасли баҳсҳои тиҷоратӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Ба шарофати мустақилият ва мувофиқати он бо меъёрҳои байналмилалӣ, суд эътирофи васеъро ҳам дар миёни ширкатҳои қазоқӣ ва ҳам ширкатҳои байналмилалӣ ба даст овардааст.

Дар натиҷаи таҳлили суди арбитражии Ҷумҳурии Қазоқистон муайян гардид, ки он барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ ва дигар ташкилотҳо низоми муассирро фароҳам меорад, амалан мутобиқи қонунгузорӣ ва стандартҳои байналмилалӣ кор мекунад ва қобилияти ҳаллу фасли баҳсҳои оддӣ ва мураккабро бо роҳи судӣ таъмин менамояд.

«Вобаста ба низоми баррасии баҳсҳои иқтисодӣ дар кишварҳои ҳамсоя, аз қабили Ҷумҳурии Узбекистон то соли 2017 низоми алоҳидаи судҳои хоҷагӣ вуҷуд доштааст, аммо дар натиҷаи ислоҳот онҳо ба низоми умумии судӣ шомил карда шудаанд» [203]. Ҷумҳурии Узбекистон Протоколи аз 13 сентябри соли 2017-ро, ки ба ворид намудани тағйирот ба Созишномаи аз 6 июли соли 1992 бахшида шудааст, имзо накардааст, аз ин рӯ, айни замон дар фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ иштирок намекунад [205]. Айни замон иштирокчиёни Созишнома оид ба мақоми Суди иқтисодии ИДМ аз 6 июли соли 1992 (бо таҳрири Протоколи аз 13 сентябри соли 2017) панҷ давлати аъзои ИДМ мебошанд, аз қабили Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон. Дар Ҷумҳурии Узбекистон баҳсҳое, ки аз шартномаҳои иқтисодӣ байни мақомоти идоракунии давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ сар мезананд, тавассути Суди Олии Ҷумҳурии Узбекистон баррасӣ карда мешаванд.

Дар моддаи 2 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Узбекистон оварда шудааст, ки «вазифаҳои мурофиаи судии иқтисодӣ аз ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои поймолшуда ва ё баҳсноки шаҳрвандон, ширкатҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо дар соҳаи иқтисодӣ ва аз мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва пешгирии вайронкунии қонун дар соҳаи иқтисодӣ, инчунин, ташаккул додани муносибати эҳтиромона нисбати қонун ва суд иборат мебошад» [62].

Дар Ҷумҳурии Узбекистон ҳуҷҷатгузориҳои судӣ дар шакли электронӣ рушд кардааст ва имкон медиҳад, ки парвандаҳо ва ҳуҷҷатҳо на танҳо ба шакли коғазӣ, балки дар шакли электронӣ низ ташкил ва баррасӣ шаванд. Аз он ҷумла, мутобиқи моддаи 4 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Узбекистон [62] парвандаи иқтисодӣ метавонад ба шакли электронӣ низ ташкил карда шавад. Ҳангоми ташкил кардани парванда ба шакли электронӣ иштирокчиёни парванда ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ метавонанд ҳуҷҷатҳоро дар шакли электронӣ бо тасдиқи имзои рақамии худ пешниҳод кунанд. Ҳуҷҷатҳои коғазӣ, ки ба суд пешниҳод шудаанд, низ метавонанд ба шакли электронӣ илова карда шаванд ва пас аз ин коғазҳо ба пешниҳодкунандагони онҳо баргардонида мешаванд. Қарорҳои судӣ бо имзои рақамии судя тасдиқ мешаванд ва протоколҳои ҷаласаҳои судӣ ва дигар амалиёти раванди судӣ бо имзои рақамии раиси ҷаласа ва котиби ҷаласа тасдиқ карда мешаванд. Интиқоли парвандаи иқтисодӣ ба шакли электронӣ ба суд ё дигар мақомоти судӣ тавассути каналҳои телекоммуникатсионӣ сурат мегирад. Парвандаи иқтисодӣ, ки ба шакли электронӣ ташкил шудааст, метавонад нусхаи коғазӣ низ дошта бошад.

Дар натиҷаи таҳлили низоми судии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон метавон дид, ки ҷорӣ кардани шакли электронӣ дар ҳуҷҷатгузории судӣ равандҳои судиро содда, суръатнок ва шаффофтар гардонидааст. Ташкили парвандаҳо ва ҳуҷҷатҳо ба шакли электронӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои ширкатҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар соҳаи иқтисодӣ самаранок ҳифз шаванд. Суди иқтисодӣ на танҳо ба ҳалли баҳсҳои молиявӣ ва ҳуқуқӣ машғул аст, балки ба тақвияти қонунгузорӣ, пешгирии вайронкунии

қонун ва ташаккули муносибати эҳтиромона нисбати қонун ва суд низ мусоидат мекунад. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки пешрафти технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи ҳуқуқ метавонад низоми судиро муосир, дастрас ва боэътимод гардонад ва ба рушди иқтисоди кишвар саҳмгузор бошад.

М.И. Пастухов қайд менамояд, ки «дар Ҷумҳурии Беларус судҳои хоҷагӣ амал намуда, фаъолияташонро ҳамчун мақоми судӣ дар баррасии парвандаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолиятҳои хоҷагидорӣ бо иштироки субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пеш мебаранд»[163, с. 83-101]. Мутобиқи моддаи 59 Кодекси Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи сохтори судӣ ва мақоми судяҳо» [18] ба низоми судҳои хоҷагии Ҷумҳурии Беларус судҳои хоҷагии вилоятҳо (ҳамчунин шаҳри Минск) ва Суди Олии Хоҷагии Ҷумҳурии Беларус дохил мешуданд, ки баъдан ба Кодекси мазкур ва Конститутсияи Ҷумҳурии Беларус [29] тағйирот ворид шуда, аз 1 январи соли 2014 дар ҷумҳурӣ судҳои умумӣ ва судҳои хоҷагӣ ба як низоми ягонаи судҳои умумӣ муттаҳид карда шуданд. Роҳбарии онро Суди Олии Ҷумҳурии Беларус ба уҳда дорад [163, с. 83-101]. «Ҳамоҳангӣ ва муттаҳидсозии судҳо маҳз бо мақсади такмил додани низоми судӣ, таъмини таҷрибаи ягонаи судӣ, амалисозии адолати судӣ, рушди минбаъдаи тахассусияти судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо ва беҳтарсозии таъминоти моддию техникӣ ва кадрии судҳо ташкил карда шудааст» [163, с. 83-101].

Мувофиқи моддаи 2 Кодекси мурофиавии хоҷагидории Ҷумҳурии Беларус адолат дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ тавассути судҳое, ки парвандаҳои иқтисодӣ баррасӣ мекунанд, амалӣ мегардад. Судҳо дар доираи салоҳиятҳои муқарраршуда баҳсҳои иқтисодӣ ва хоҷагидориро, ки аз муносибатҳои маданӣ, маъмурӣ, заминӣ, молиявӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқии оммавӣ бармеоянд [61]. Ҳадафи мурофиавии онҳо аз таъмин намудани ҳалли қонунӣ ва одилонаи баҳсҳое, ки ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ (иқтисодӣ) ба миён меоянд, дар муҳлатҳои ҳарчи кӯтоҳтар, дар доираи меъёрҳое, ки санадҳои қонунгузорӣ муқаррар кардаанд, иборат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Беларус «дар ҳар як вилоят ва шаҳри Минск судҳои иқтисодӣ фаъолият менамоянд, ки шаҳрвандон аз рӯйи тобеияти идоравӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии худ ба судҳои иқтисодӣ метавонанд мурочиат кунанд: шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, шаҳрвандон дар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст, ва ташкилотҳое, ки шахсони ҳуқуқӣ нестанд» [204]. Ҳамчунин барои ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатии худ прокурор низ ҳақ дорад ба суди иқтисодӣ мурочиат кунад. Ба суди иқтисодӣ метавон бо аризаи даъвоӣ, ариза барои оғоз кардани раванди фармони судӣ, ариза дар бораи нотавонии иқтисодӣ (банкротӣ), шикоятҳо (апеллятсионӣ, кассатсионӣ, дар тартиби назоратӣ), протести судӣ ва дархостҳо мурочиат кард. Аризадиҳанда ҳангоми мурочиат ба суди иқтисодӣ бояд дуруст муайян кунад, ки парванда ба кадом суд ва кадом сатҳ таҳти ихтиёри он мебошад [204]. Суд ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони иштироккунандаи парвандаро бо ҳамаи роҳҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст, амалӣ мекунад. Баҳсҳо дар марҳилаи якуми суди одатан аз ҷониби як судя ва парвандаҳои марҳилаи апеллятсионӣ, кассатсионӣ ё назоратӣ бошанд, ба таври коллегиалӣ баррасӣ карда мешаванд. Ҳангоми баррасии коллегиалӣ, қарор бо аксарияти овозҳо қабул карда мешавад ва раисикунандаи парванда охирин овоз медиҳад. Судяе, ки бо аксарияти овозҳо розӣ нест, ҳақ дорад фикри алоҳидаи худро навишта ба парванда замима кунад, вале қарор ё ҳукми асосӣ ҳатман бояд аз ҷониби ӯ имзо шавад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили суди иқтисодии Ҷумҳурии Беларус муайян гардид, ки низоми баррасии парвандаҳои иқтисодӣ дар кишвар ба таври муназзам амал намуда, ба ҳифзи самараноки ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, таъмин намудани ягонагии таҷрибаи судӣ ва баррасии қонунию саривақтии баҳсҳои иқтисодӣ равона шудааст. Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Беларус нишон медиҳад, ки судҳои иқтисодӣ накши муҳимро дар ҳалли қонунию саривақтии баҳсҳои иқтисодӣ, ҳифзи самараноки ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, таъмин намудани

ягонагии таҷрибаи судӣ ва тақвияти қонунмандӣ дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ иҷро менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон Суди Олии арбитражӣ фаъолият менамояд, ки ба баррасии баҳсҳои иқтисодӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкорӣ вобаста аст. Ин ниҳод баҳсҳоро миёни шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, инчунин, байни субъектҳои соҳибкорӣ ва мақомоти давлатӣ баррасӣ менамояд. Фаъолияти судҳои арбитражӣ ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ, татбиқи дурусти қонунгузорӣ ва таҳкими адолати судӣ равона гардидааст. Дар ҷараёни баррасии парвандаҳо суд меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, иқтисодӣ ва мурофиавиро татбиқ намуда, қарорҳои асоснок ва қонунӣ қабул мекунад. Ҳадафи асосии фаъолияти чунин судҳо фароҳам овардани муҳити устувори ҳуқуқӣ барои рушди иқтисод, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани эътимоди иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ба низоми судӣ мебошад.

Дар робита бо моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи низоми арбитражи судӣ»: «Судҳои арбитражии Ҷумҳурии Қирғизистон мақомоти адолати судӣ мебошанд, ки аз номи Ҷумҳурии Қирғизистон баҳсҳоеро, ки дар соҳаи иқтисод ва дар ҷараёни идоракунии он байни субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бар асоси шаклҳои гуногуни моликият фаъолият менамоянд, ба миён меоянд, ҳал менамоянд. Судҳои арбитражии Ҷумҳурии Қирғизистон муассисаҳои давлатӣ буда, дорои ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқӣ мебошанд» [13]. Салоҳият, тартиби таъсис ва фаъолияти судҳои арбитражӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон, Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи низоми арбитражи судӣ», инчунин, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон муқаррар карда мешаванд. Тартиби мурофиаи судӣ дар судҳои арбитражии Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон, Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи низоми арбитражи судӣ» ва дигар қонунҳо муайян карда мешавад. Низоми судҳои арбитражӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистонро Суди Олии арбитражии Ҷумҳурии Қирғизистон, судҳои арбитражии вилоятҳо ва шаҳри

Бишкек ташкил медиҳанд. Судҳои арбитражӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҷузъи низоми судии Ҷумҳурии Қирғизистон ба шумор меравтанд. Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи низоми арбитражи судӣ» вазифаҳои асосии судҳои арбитражӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳангоми баррасии баҳсҳои ба салоҳияти онҳо вобаста чунинанд:

1. «ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ё мавриди баҳс қарордошта ва манфиатҳои қонунии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд ва мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун мақоми соҳибкори инфиродиро дар самти соҳибкорӣ ба даст овардаанд ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

2. мусоидат ба таҳкими қонуният ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

3. таъмини татбиқи ягона ва дурусти қонунҳо ҳангоми ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар баҳсҳо» [13].

Таҳлил нишон медиҳад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон танҳо принсипҳои умумии ташкили ҳокимияти судӣ ва низоми судии давлатро муқаррар намуда, номгӯи муфассали ҳамаи судҳои махсусгардонидашударо муайян намекунад. Мутобиқи моддаи 98 Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон «Суди Олӣ дар асоси мурочиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ қарорҳои судиро аз рӯйи парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва дигар парвандаҳо тибқи тартибе, ки қонун муайян менамояд, баррасӣ менамояд» [26]. Бо дарназардошти моддаи мазкури Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон метавон хулоса кард, ки зикри «парвандаҳои иқтисодӣ» дар Конститутсия зарурати мавҷудияти судҳои махсусгардонидашударо инкор намекунад. Баръакс, қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи судҳои арбитражӣ» ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ баромад намуда, меъёри умумии конститутсиониро мушаххас ва амалӣ мегардонад.

Дар ҳамин замина, мақом, салоҳият ва фаъолияти судҳои арбитражӣ асосан тавассути қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон

«Дар бораи судҳои арбитражӣ» танзим мегарданд. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки судҳои арбитражӣ ҳамчун судҳои махсусгардонидашуда дар доираи низоми ягонаи судии Ҷумҳурии Қирғизистон амал мекунанд. Бо вуҷуди он ки мавҷудияти судҳои арбитражӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон мустақиман пешбинӣ нашудааст, қонуни соҳавӣ ва Кодекси мурофиавии иқтисодӣ механизми амалисозии меъёри конститутсионии баррасии баҳсҳои иқтисодиро таъмин менамоянд. Ин санадҳо салоҳият, сохтор ва тартиби фаъолияти судҳои махсусгардонидашударо мушаххас намуда, меъёри умумии конститутсиониро ба сатҳи амалӣ мегузаронанд.

Дар Ҷумҳурии Озарбойҷон ҳокимияти судӣ тибқи талаботи қисми 2 моддаи 125 аз ҷониби Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ, судҳои апелятсионӣ, ҳамчунин судҳои умумӣ ва махсусгардонидашудаи Ҷумҳурии Озарбойҷон амалӣ карда мешавад. Мутобиқи моддаи 131 Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон «Суди Олӣ мақоми олии судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ (аз ҷумла баҳсҳои иқтисодӣ), ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар парвандаҳое мебошад, ки ба истеҳсолоти судҳои умумӣ ва судҳои махсусгардонидашуда мансуб дониста шудаанд» [25]. Судҳои маъмурӣ-иқтисодӣ, дар доираи ҳудуди салоҳияти худ, ба баррасии парвандаҳо машғул мешаванд, ки ба баҳсҳои маъмурӣ байни шахсони алоҳида марбутанд, новобаста аз сохтори идоракунӣ ва вобастагӣ ё тобеъият, ҳамчунин новобаста аз мақоми иқтисодӣ ва ҳуқуқии онҳо. «Ин судҳо инчунин, баҳсҳоро миёни шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолияти соҳибкориро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, ва шахсони воқеӣ, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун мақоми соҳибкори инфиродӣ доранд, баррасӣ менамоянд» [202].

Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Озарбойҷон Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи суд ва судяҳо» амал мекунад, ки боби 8 он ба суди иқтисодии маҳаллӣ дар Озарбойҷон бахшида шуда, дар доираи салоҳиятҳои муқаррарнамудаи қонун парвандаҳои иқтисодиро ҳамчун суди зинаи авввал баррасӣ мекунанд. Судҳои иқтисодии маҳаллӣ инчунин, омори судиро таҳлил,

таҷрибаи судиро омӯхта ҷамъбаст менамоянд ва дигар вазифаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷонро иҷро менамоянд.

Дар асоси моддаи 43 қонуни мазкур «Суди иқтисодии маҳаллӣ тибқи тақсимоти маъмурии ҳудудӣ ё минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Озарбойҷон ташкил карда мешавад. Ташкил, макон ва доираи фаъолияти суди иқтисодии маҳаллӣ аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷон таъин ва муқаррар мешавад. Суди иқтисодии маҳаллӣ аз раис ва судяҳо иборат аст. Теъдоди судяҳои суди иқтисодии маҳаллӣ мувофиқи банди 32 моддаи 109 Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон муайян карда мешавад. Ба салоҳиятҳои раиси суди иқтисодии маҳаллӣ тибқи моддаи 45 қонуни болозикр инҳо дохил мешаванд» [12]:

1. роҳбарии фаъолияти суд ва аппарати судиро ба уҳда дорад ва риояи интизоми меҳнатӣ ва иҷроияро таъмин менамояд;

2. дар ҷаласаҳои судӣ раисӣ мекунад ва бо назардошти ҳаҷм ва шумораи парвандаҳо онҳоро байни судяҳо тақсим менамояд;

3. масъалаҳои қабул ба кор ва озод намудани кормандони аппарати суд, инчунин, ташвиқ ва ҷазо додани онҳо бо тартиби интизомиро ҳал мекунад;

4. дар Пленуми Суди Олӣ ва Президиуми Судҳои иқтисодӣ оид ба вазъи иҷрои адолати судӣ дар суди иқтисодии маҳаллӣ маълумот медиҳад;

5. фаъолияти омузиш ва ҷамъбасти таҷрибаи судӣ ва нигоҳдории статистикаи судиро роҳбарӣ мекунад;

6. қабули шаҳрвандонро ба уҳда дорад ва фаъолияти судро оид ба баррасии пешниҳодҳо, аризаву шикоятҳо ташкил менамояд;

7. дигар салоҳиятҳоро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷон муқаррар намудааст, иҷро мекунад.

Аз таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷон аён мегардад, ки суди иқтисодии маҳаллӣ дар низоми судии давлат ҳамчун суди махсусгардонидашуда мавқеъ ва мақоми муайян дорад. Ин судҳо парвандаҳои иқтисодиро ҳамчун суди зинаи авввал баррасӣ намуда, таҳлили статистикаи

судӣ, омузиш ва ҷамъбасти таҷрибаи судиро ба уҳда доранд ва вазифаҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории давлатӣ, аз ҷумла қабули шаҳрвандон ва назорат бар фаъолияти дастгоҳи судиро иҷро менамоянд.

Суди иқтисодии маҳаллӣ аз раис ва судяҳо иборат буда, салоҳиятҳои роҳбарӣ ва тақсимоти парвандаҳоро иҷро мекунанд. Тарзи ташкил ва фаъолияти суди иқтисодии маҳаллӣ дар Озарбойҷон гувоҳи он аст, ки давлат мавқеи конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавии судҳоро бо ҳам муттаҳид намуда, ҳамзамон, ба судҳои иқтисодӣ салоҳият ва хусусиятҳои махсуси амалӣ додааст.

Дар Молдова суди арбитражӣ адолатро тавассути ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳо, ки ба салоҳияти он мувофиқи Кодекси мурофиавии арбитражӣ ва дигар қонунҳо тааллуқ доранд, ба иҷро мерасонад. «Мурофиаи судӣ дар суди арбитражӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ амалӣ мешавад, инчунин,, он ба таҳкими қонунгузорӣ ва пешгирии қоидавайронкуниҳо дар соҳаи иқтисодӣ ва таъмин намудани баррасии одилонаи судӣ дар муҳлати муқаррагардида аз ҷониби суди мустақил ва бетараф равона шудааст» [27].

Мутобиқи моддаи 27 қонуни конститутсионӣ «Дар бораи низоми судӣ дар Ҷумҳурии Молдова» «Суди арбитражии Ҷумҳури Молдова мақоми олии судӣ оид ба ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳо мебошад, ки ба доираи салоҳияти Суди арбитражии Ҷумҳури Молдова тааллуқ дорад» [27]. Суди арбитражии Ҷумҳури Молдова парвандаҳоро мувофиқи қонун ҳамчун суди зинаи аввал, марҳилаи кассатсионӣ, дар тартиби назорат ва оид ба ҳолатҳои нав оғозшуда баррасӣ намуда, оид ба масъалаҳои таҷрибаи судӣ тавзеҳот медиҳад. Ваколатҳо, тартиб ва шакли ташкил ва фаъолияти суди арбитражии Ҷумҳури Молдова аз ҷониби қонуни конститутсионӣ оид ба Суди арбитражӣ муайян карда мешаванд.

Дар маҷмуъ, суди арбитражии Ҷумҳурии Молдова мақоми олии судӣ дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ мебошад, ки парвандаҳоро дар зинаҳои

аввал, кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамояд. Ваколатҳо ва сохтори он бо қонунҳои конститутсионӣ муайян карда шуда, ҳамзамон, оид ба таҷрибаи судӣ тавзеҳот пешниҳод мекунад. Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Молдова нишон медиҳад, ки муқаррар намудани Суди арбитражӣ ҳамчун мақоми олии судӣ дар соҳаи баҳсҳои иқтисодӣ ба ташаккули низоми муназзам ва бисёрзинагии ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, инчунин, ба таъмини ягонагӣ ва устувории таҷрибаи судӣ равона гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Арманистон мақоми баҳсҳои иқтисодиро баррасикунанда судҳои иқтисодӣ ном дошта, онҳо ҳамчун суди махсусгардонидашуда тамоми баҳсҳои иқтисодиро аз рӯйи моҳият баррасӣ менамоянд, инчунин, дигар парвандаҳоро, ки қонунгузорӣ ба салоҳияти онҳо вогузор кардааст, ҳал мекунанд. Суди иқтисодӣ дар марҳилаи якум тибқи тартиби муқаррраргардида уҳдадор аст, ки парвандаро дар муҳлати як моҳ аз рӯзи қабули аризаи даъвогӣ баррасӣ намуда, ҳалнома қабул намояд, ба истисноя ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи ба Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи низоми судӣ» ворид намудани тағйиру иловаҳо» суди иқтисодӣ ҳамаи баҳсҳои иқтисодиро аз рӯйи моҳият, инчунин, дигар парвандаҳоро, ки тибқи Кодекси мурофиавии гражданӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Арманистон ба салоҳияти он мансуб дониста шудаанд, баррасӣ менамояд. Дар низоми суди Ҷумҳурии Арманистон низ ҳамаи баҳсҳои иқтисодӣ аз рӯйи моҳият дар суди зинаи аввал аз ҷониби як судя баррасӣ мегарданд. Баррасии такрории парванда, яъне ҳангоми овардани шикояти кассатсионӣ аз болои санади судии суди марҳилаи якум тибқи қоидаҳои мурофиаи кассатсионӣ, ки дар Кодекси мурофиавии гражданӣ муқаррар шудаанд, анҷом дода мешавад. Қонун метавонад тартиби махсуси баррасии парвандаҳои дорои хусусияти махсусро дар Суди иқтисодӣ пешбинӣ намояд. Парвандаҳои иқтисодие, ки бо қарорҳои Суди кассатсионӣ бекор карда шудаанд, «ба истисноии парвандаҳои муфлисшавӣ ва дигар парвандаҳои дар

қонун пешбинишуда, дар Суди иқтисодии Ҷумҳурии Арманистон ба таври коллегиалӣ, дар ҳайати судяҳо баррасӣ мешаванд» [15].

Дар асоси қисми 4 моддаи 221 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Арманистон «қарорҳои суди иқтисодӣ пас аз понздаҳ рӯзи нашри он ба қувваи қонунӣ медарояд. Қарори Суди иқтисодӣ тибқи тартиби муқаррааргардида ба шахсоне, ки дар парванда иштирок менамоянд, дар муҳлати ҳафт рӯз аз рӯзи эълони он ирсол карда мешавад. Қарори Суди иқтисодӣ танҳо дар тартиби кассатсионӣ метавонад мавриди эътироз қарор гирад» [8]. Дар Ҷумҳурии Арманистон суди иқтисодӣ дар ҳайати раиси суд ва 15 судя фаъолият мекунад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи ба Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи низоми судӣ» ворид намудани тағйиру иловаҳо» салоҳиятҳои Раиси суди иқтисодии Ҷумҳурии Арманистон инҳоянд [15]:

1. ҳамаи ваколатҳоеро, ки қонун ба судяҳои Суди иқтисодӣ вогузор намудааст, амалӣ менамояд;
2. риояи интизоми меҳнатии судяҳоро назорат мекунад;
3. ба судяҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун рухсатӣ медиҳад;
4. омузиш ва ҷамъбасти таҷрибаи судӣ, инчунин, пешбурди омори судиро ташкил менамояд;
5. дар доираи меъёрҳо ва фонди музди меҳнате, ки Ҳукумат муқаррар намудааст, кормандони дастгоҳи Судро ба кор қабул ва аз кор озод намуда, роҳбарии умумии дастгоҳи Судро амалӣ месозад;
6. судро дар муносибатҳо бо дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо намояндагӣ мекунад;
7. маблағҳои молиявии Судро ихтиёрдорӣ менамояд;
8. ташкили фаъолияти муътадили Судро таъмин мекунад;
9. дигар ваколатҳое, ки қонун ба ӯ вогузор намудааст, амалӣ мегардонад.

Ҳамин тавр таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Арманистон нишон медиҳад, ки судҳои иқтисодӣ ҳамчун мақоми махсуси судӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъектҳои иқтисодӣ ва таъмини ягонагӣ ва устувории фаъолияти

судӣ таъсис ёфтааст. Судҳои иқтисодӣ ҳамчун мақоми махсуси судӣ тамоми баҳсҳои иқтисодиро бар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ ва марҳилаҳои муайян баррасӣ менамоянд. Фаъолияти онҳо марҳилавӣ ва асосан бо тартиби кассатсионӣ танзим мешавад ва роҳбарии суд тавассути раиси суд бо назорат ба интизоми судяҳо ва идораи дастгоҳи судӣ амалӣ мегардад.

Бо дар назардошти таҳлили низоми судии иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ метавон ба чунин хулоса омад, ки ҳар як кишвар бо назардошти шароити ҳуқуқӣ ва институти миллии худ роҳҳои хоси ташкил ва амалисозии адолати судиро дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ интихоб намудааст.

Мустаҳкам намудани минбаъда масъалаҳои асосии салоҳияти Суди иқтисодии ИДМ ва мавқеи он ҳамчун мақоми оинномавӣ дар моддаи 32 Оинномаи ИДМ [43] инъикос ёфтааст: «Суди иқтисодӣ бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои иқтисодӣ амал мекунад». Суди иқтисодӣ дар ҳудуди ИДМ ҳуқуқ дорад муқарарроти созишномаҳо ва дигар санадҳои онро вобаста ба масъалаҳои иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои хусусияти иқтисодӣ дошта, шарҳ диҳад. Мавқеи Суди иқтисодии ИДМ дар низоми мақомоти оинномавии ИДМ мушаххас оварда шудааст.

Дар Оинномаи ИДМ омадааст: «Судяҳо бо тартиби муқаррарнамудаи давлатҳои аъзо дар муҳлати 10 сол тибқи талаботи касбӣ аз байни судҳои иқтисодӣ, ки дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ таҷрибаи баланди касбӣ ва маълумоти олии ҳуқуқӣ доранд, таъин карда мешаванд. Раиси Суди иқтисодии ИДМ ва муовинони ӯ тавассути овозҳои аксарияти судяҳои суди мазкур ба муҳлати 5 сол бо овоздиҳии аксарияти судяҳои суди мазкур интихоб гардида, баъдан аз ҷониби Шурои сарони давлатҳои аъзо тасдиқ карда мешаванд» [50].

Моҳи марти соли 1993 ҷаласаи ташкилии судяҳои Суди иқтисодии ИДМ гузаронида шуд, ки дар он раиси аввали Суди Иқтисодии ИДМ Леонид Дашук Андреевич, ки пештар вазири Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Беларус буд, бо овоздиҳии аксарияти судяҳои суди мазкур интихоб шуд. Албатта, ки судяҳои Суди иқтисодии Иттиҳод мустақил ва дахлнопазиранд. Онҳо аз имтиёзҳои дипломатӣ бархурдор буда, бидуни розигии Суди иқтисодӣ ба ҷавобгарии

ҷиноятӣ ва ё маъмурӣ кашида намешаванд. Ба судяҳои Судҳои иқтисодӣ бо ба охир расидани муҳлати ваколаташон, ҳангоми истеъфо ва ё беморӣ кафолатҳои дар қонунгузории давлатҳои аъзо овардашуда таъмин карда мешавад.

Муҳимтарин самти фаъолияти суди байналмилалӣ дар марҳилаи аввал ин таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии маҳаллӣ мебошад. Аз ин рӯ, вобаста ба фаъолияти байналмилалии судҳо якчанд навъи санадҳои ҳуқуқӣ қабул шудааст, ки баҳри пешрафти самти кори судҳо мусоидат намудааст.

Дар навбати аввал таҳияи Низомнома, ки фаъолияти мурофиавии Суди иқтисодии ИДМ ва инчунин, салоҳиятҳои ба самти кории суд дахлдоштаро муайян мекунад, зарурат дошт. Фаъолияти минбаъдаи таҷрибаи судӣ зарурияти коркард ва тағйиру иловаҳоро ба Низомномаи мазкур ба миён овард. Аз ин рӯ, ба ҳолати 1 июли соли 2012 Низомнома аз 10 июли соли 1997 бо тасдиқи Пленуми Суди иқтисодии ИДМ мавриди қарор гирифт.

Қобили қайд аст, ки ҳуҷҷати асосии Суди иқтисодӣ, ки тартиби бурдани фаъолияти мурофиавии судро муайян мекунад, дар асоси таҷрибаҳои судии Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Русия ва Иттиҳоди Аврупо, ки муносибатҳои ҳуқуқии дахлдорро танзим менамоянд, таҳия карда шудааст.

Чӣ тавре дар боло оварда шудааст, масъалаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи фаъолияти кории судиро мақоми олии колегиалӣ ин Пленум мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Бо мақсади танзими кори он бо қарори Пленум аз 13 марти соли 2009 таҳти №3 Низомномаи Пленуми Суди иқтисодии ИДМ тасдиқ карда шуд. Барои таъмини фаъолияти Суди иқтисодӣ саривақт ҳал намудани масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ки бевосита ба амалисозии фаъолияти мурофиавӣ алоқаманд нестанд, аҳаммияти калон дорад.

Барои ҳалли чунин масъалаҳо дар Суди иқтисодӣ ҷаласаҳои ташкилӣ баргузор мегардад, ки дар онҳо ҳам судяҳо ва ҳам кормандони дастгоҳи суд иштирок менамоянд. Чунин шакли кор имкон медиҳад, ки фикру мулоҳизаҳои судяҳо оид ба масъалаҳои гуногуне, ки ба ҷиҳатҳои ташкилию ҳуқуқии ҳозираи фаъолияти Суди иқтисодӣ дахл доранд, ба назар гирифта шаванд. Дар

асоси қарори Пленуми Суди иқтисодии ИДМ тартиби омода намудани муҳокимаҳо ва қабули қарорҳо аз ҷониби суд бо Низомномаи ҷаласаҳои ташкилии Суди иқтисодии ИДМ, муқаррар карда мешавад.

Инчунин, Суди иқтисодии ИДМ муқарраротро дар бораи сохтори судӣ оид ба таъмини фаъолияти ҳуқуқӣ ташкилӣ соддӣ-техникӣ иттилоотӣ, қоидаҳои дохилии интизоми меҳнати кормандони дастгоҳи суд, дастурамал оиди корбарии суд ва як қатор санадҳои маҳаллии ҳуқуқӣ, ки танзимкунандаи соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар Суди иқтисодӣ мебошанд, муқаррар намуд [128]. Сохтори дохилии Суди иқтисодии ИДМ инҳоянд:

1. Пленуми Суди иқтисодӣ;
2. Раиси Суди иқтисодӣ;
3. Муовини Суди иқтисодӣ;
4. Судяҳои Суди иқтисодӣ;
5. Котиботи Раис;
6. Шуъбаи мурофиавӣ-ҳуқуқӣ;
7. Шуъбаи молия ва баҳисобгирӣ.

Тавре дар зербобҳои қаблӣ қайд намуда будем, суд ҳамчун мақоми судӣ фаъолияташро дар ҳайати коллегия, ҳайати пурраи суд ва инчунин, Пленум пеш бурда, ҷиҳати баррассӣ ва ҳалли баҳсҳои марбут ба салоҳияти онҳо амал менамоянд. Раиси коллегия аз ҷониби судяҳои аъзои коллегия интихоб карда шуда, зимни овозгирии аксарияти ҳайат қарори коллегия қабул карда мешавад ва дар сурати баробарии овозҳо қароре қабулшуда эътироф карда мешавад, ки ба он раисикунандаи ҳайати коллегия овоз дода бошад. Шахсони иштироккунандаи парванда нисбати қарори коллегия ҳангоми норозӣ будан ба он ҳуқуқи бо шикоят ба Пленуми Суди иқтисодӣ муроҷиат карданро доранд.

Функсияи судҳои иқтисодӣ на танҳо бо шаклҳои фаъолияти он дар самаранок татбиқ намудани мурофиаи суди байналмилалӣ, балки бо инкишоф ва такмили таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ алоқаманд аст. Қарори Пленум дар таъмини таҷрибаи ягонаи қабули созишномаҳо, дигар санадҳои Иттиҳод ва

институтҳои он дар ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ, инчунин, рафъи ихтилофот дар қонунҳои давлатҳои иштирокчӣ саҳми муҳим дорад.

Пленум ҳамчун мақоми олии колегияи судии Суди иқтисодии ИДМ дорои сохтори ягона буда, тафовути онро аз дигар мақоми судии байналмилалӣ ифода намуда, аз Раис, муовинон ва судяҳо, инчунин, раисон ва намояндагони судҳои арбитражӣ ва дигар мақомотҳои олии давлатӣ, ки баҳсҳои иқтисодро баррасӣ ва ҳал менамоянд, иборат мебошад. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи суд дар Пленум бештар шикоятҳо нисбати санади Суди иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад. Қароре, ки дар Пленум қабул карда шудааст, аз ҷониби аксарияти иштирокчиёни Пленум эътироф карда шуда, санади қатъӣ мебошад. Инчунин, рафъи ихтилофот дар қонунҳои давлатҳои иштирокчӣ коркард намуда, ба баррасии давлатҳои иштирокчӣ ва институтҳои дигари Иттиҳод пешниҳод менамояд.

Раванди ҷаласаи кории Пленумро раиси Суди иқтисодии ИДМ роҳбарӣ намуда, бо таклифи расмии ӯ намояндагони давлатҳои аъзо ва мақомотҳои он, инчунин, роҳбарони мақоми судии дигар давлатҳо ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ташриф меоваранд.

Бояд қайд кард, ки қарорҳои Пленум на танҳо ба ҷанбаҳои босамари фаъолияти суд, балки ба масъалаҳои мубрами иҷроиши санадҳои қабулшуда низ бахшида шудаанд. Дар тӯли фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ дар маҷмуъ 18 ҷаласаи Пленум гузаронида шудааст, ки дар натиҷа 83 қарор пешниҳод карда шудааст. Таҳлили масъалаҳои баррасишуда ва қарорҳои дар Пленум қабулшуда имкон медиҳанд, ки ба масъалаҳои такмили фаъолияти Суди иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса дода шуда, ба давлатҳои аъзо ва мақомотҳои олии он самту равишҳои мухталиф ва роҳҳои ислоҳи онро пешниҳод менамояд.

Пеш аз ҳама, таклифҳоеро қайд кардан лозим аст, ки дар лоиҳаи Протокол дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Созишнома дар бораи мақоми Суди иқтисодии ИДМ аз 6 июли соли 1992 чунин пешниҳод омадааст, ки дар назди Суди иқтисодии ИДМ Маркази байналмилалӣ оид ба ҳалли баҳсҳо таъсис дода шавад.

Мавзуи баррасии Пленуми Суди иқтисодӣ инчунин, ташкили фаъолият ва масъалаҳои молиявӣ ва маблағгузории Суди иқтисодӣ мебошад. Дар ҷаласаҳои Пленуми Суди иқтисодӣ оид ба фаъолияти суд ва маблағгузории он, рафти иҷрои ҳалномаҳо маълумотҳо оварда шуда, мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Бо мақсади самаранок намудани муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамкории зич бо мақомотҳои олии судии баҳсҳои иқтисодиро баррасикунанда дар Суди иқтисодии ИДМ маҷлисҳои Пленум ба таври сайёр дар биноҳои суди иқтисодии давлатҳои аъзои Иттиҳод гузаронида мешавад. Аз он ҷумла, чунин маҷлисҳои сайёри Пленум дар Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Тоҷикистон баргузор шудааст.

Дастгоҳи Суди иқтисодии ИДМ фаъолияти суди мазкурро таҳти роҳбарии бевоситаи Раиси Суди иқтисодӣ таъмин намуда, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд [51]:

1. Ҳамаҷониба омода намудани маводҳои баррасии парванда ва амалӣ гардонидани фаъолияти суд;
2. Таъмини фаъолияти ҳуқуқӣ, иттилоотӣ-маълумотӣ ва ташкилии Суди иқтисодӣ;
3. Самаранок намудани ҳамкориҳои суд ва ҷонибдории рушди муносибатҳои байни давлатҳои аъзо, мақомотҳои олии судии баҳсҳои иқтисодиро ҳалкунанда ва инчунин, муассисаҳои илмӣ, ки бо мушкилоти ҳуқуқӣ машғуланд;
4. Инъикоси Суди иқтисодӣ дар Васоити ахбори омма;
5. Иҷрои дигар вазифаҳои тибқи Дастурамали Дастгоҳи суд муқаррargардида.

«Дастгоҳи Суди иқтисодии ИДМ аз Котиботи раиси суд, шуъбаи мурофиавии ҳуқуқӣ, шуъбаи молия ва шуъбаи таъмини ташкили кори суд иборат аст. Раиси Суди иқтисодӣ воҳидҳои сохториро дар асоси Дастурамал дар бораи Дастгоҳи Суди иқтисодӣ, ки санаи 29 декабри соли 2005, №50 тасдиқ намуда, шартҳои пардохти музди меҳнати кормандон ва дигар

ваколатҳоро дар доираи салоҳияти худ амалӣ менамояд»[51]. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пештар шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон ва Молдова дар ҳайати кормандони дастгоҳи суд кору фаъолият намуда, баҳри рушду нумуи самти судии он саҳми арзанда гузоштаанд.

Албатта, ки кормандони дастгоҳи суд мутахассисони ботаҷриба ва баландихтисос мебошанд. Аз он ҷумла, ба ҳайси сардорони шуъбаҳо Т.С. Лагун, В.И. Мирошник, машваратчиёни асосӣ Г.А. Богачев, В.В Винник, В.М. Макаренко, Л.Ш. Маҳмудова ва маърӯзачиён Т.П. Анташкевич, Т.И. Гребенчук, Т.Е. Медведова, Т.М. Ширинская ва дигарон дар самти пешрафти фаъолияти суд саҳми босазо гузоштаанд [128, с. 42].

Мавриди ба зикр аст, ки Суди иқтисодии ИДМ баҳри ноил гардидан ба ҳадафҳои фаъолияти худ талошҳои босамар намуда, таъмини татбиқи якхелаи созишномаҳо, уҳдадориҳои иқтисодӣ ва шартномаҳои ба онҳо асосёфтаро тавассути тафсири муқаррароти созишномаҳои дар доираи Иттиҳод басташуда ба даст меорад.

Дар Суди иқтисодии ИДМ баҳсҳои иқтисодӣ тариқи аризаи давлатҳои манфиатдор дар намояндаи мақоми ваколатдор ва ё институти Иттиҳод баррасӣ карда шуда, пас аз он қарор қабул мекунад, ки дар он вайрон кардани шартномаҳо ва дигар санадҳои бо далелҳо муқаррар карда мешавад. Дар баробари ин, суд чораҳое, ки бояд барои бартараф намудани вайронкуниҳо ва оқибатҳои онҳо аз ҷониби давлати дахлдор амалӣ шаванд, муайян менамояд. Таъмини иҷрои санади қабулшударо давлате, ки нисбати онҳо санади судӣ бароварда шудааст, амалӣ менамояд.

«Баҳсҳое, ки аз меъёрҳои ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ ба монанди баҳсҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ, инчунин, шикоятҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро оиди нокомии давлат Суди иқтисодии ИДМ дар истеҳсолоти худ қабул намекунад. Зимни баррасии парвандаҳои мушаххас аз ҷониби суд ба қарорҳои қабулшуда эзоҳ дода шуда, бо дархости мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои дигари Иттиҳод, Судҳои Олии иқтисодӣ, арбитражӣ ва

дигар мақомоте, ки баҳсҳои иқтисодиро баррасӣ менамоянд, амалӣ карда мешавад» [51]. Зимни ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои дигари хусусияти иқтисодӣ дошта суд дорои салоҳиятҳои ҳатмӣ ва ихтиёрӣ мебошад.

Созишномаҳои давлатҳои аъзо баҳсҳое, ки барои иҷроиши санадҳои байнидавлатӣ аз қабили созишномаҳо ва дигар санадҳои мақомоти ИДМ равона карда шудаанд, ки ҳолати мазкур ба салоҳияти ихтиёри давлатҳои аъзо шомил мебошад. Имрӯз дар ИДМ дар маҷмуъ 36 адад санади ҳуқуқии байналмилалӣ мавҷуд аст, ки созишномаҳо оид ба интиқолро дар бар мегиранд. Мисоли он, Созишнома аз 12 октябри соли 2005 дар бораи ба вуҷуд овардани вазъи ҳуқуқӣ ва иқтисодии мусоид ва инчунин, ба вуҷуд овардани шартҳои муфиди ташкили густариши фаъолияти лизингӣ дар ИДМ мебошад, ки тарафҳои он Ҷумҳурии Арманистон, Молдова ва Украина буданд.

Бо дарназардошти таҷрибаи баррасии парвандаҳои иқтисодӣ ва таҳлили қарорҳои қабулгардидаи суди иқтисоди ИДМ метавон чунин қайд намуд, ки ҷамъбасти амалияи судӣ ба муайян намудани тамоюлҳои асосии ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ, таъмини ягонагии татбиқи қонунгузорӣ ва такмили фаъолияти судӣ мусоидат менамояд.

Оиди ҷамъбасти амалияи судӣ чунин қайд кардан мумкин аст, ки салоҳияти махсуси ҳалли баҳсҳои байнидавлатӣ зимни иҷрои уҳдадориҳои иқтисодӣ ба миён меояд. Суди иқтисодӣ бо қарорҳои судии худ шарҳи муқаррароти созишномаҳо ва санадҳои мақомоти Иттиҳодро доир ба масъалаҳои мухталифи ҳамкории байнидавлатӣ ба эътибор мегирад. Аз моҳи феврали соли 1994 аз оғози фаъолияти амалии суд, ки базаи моддию техникӣ таъсис ёфта, сохтори судӣ ташкил шуда буд, ба ҳолати 1 июни соли 2012 Суди иқтисодии ИДМ дар 109 адад парвандаҳоро баррасӣ намуда, аз рӯйи онҳо 118 санади судӣ бароварда шудааст. Зимни баррасии парвандаҳо дар умум 266 санади судӣ бароварда шудааст.

Тавре таҷрибаи судҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, меъёри самаранокии фаъолияти онҳо на дар нишондиҳандаҳои микдорӣ, балки аз

аҳаммияти масъалаҳои ҳалли онҳо вобаста аст. Гузашта аз ин, аксарияти баҳси байнидавлатии иқтисодии аз ҷониби суд баррасӣ шаванда, хусусияти хосро касб мекунанд, зеро онҳо ба моҳият ва оқибатҳои эҳтимолии ҳуқуқи он нисбат ба баҳсҳои байни субъектҳои хоҷагидор номуносиб буда, дар натиҷа метавонад ба манфиати буҷетии давлатҳои аъзо таъсир расонанд.

Ҷамъбасти амалияи судӣ оид ба тафсир ва маънидодкунии парвандаҳо дар суд зиёд ба назар мерасад, ки шарҳи онро дар зер гуфта мегузарем. Бештари парвандаҳое, ки Суди иқтисодӣ дар давраи фаъолияти худ мавриди баррасӣ қарор додааст, ин парвандаҳо оид ба шарҳи муқаррароти созишномаҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ буда, як гурӯҳи муҳимми парвандаҳоро ташкил медиҳанд ва дар такмили минбаъдаи фаъолияти суди иқтисодӣ самари бузурги амалӣ доранд. Бо назардошти ҳолатҳои мазкур ва омилҳои овардашуда метавон чунин арзёбӣ намуд, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ-ро маҳз шарҳ додани муқарраротҳои Созишнома ва дигар санадҳои Иттиҳод ташкил медиҳад.

Суди иқтисодии ИДМ ба ҳолати 1 июни соли 2012 дар маҷмуъ 96 адад парвандаҳои категорияҳои зеринро таснифбандӣ кардааст:

1. Оид ба тафсири Созишномаҳо ва дигар санадҳои Иттиҳод, ки иҷрои уҳдадориҳои иқтисодии байнидавлатии давлатҳои аъзоро танзим мекунад;
2. Вобаста ба ҳуҷҷатҳои таъсисии ИДМ;
3. Оид ба тафсири созишномаҳо ва дигар санадҳое, ки мақом ва салоҳиятҳои ташкилотҳо ва мақомотҳои ИДМро танзим мекунанд;
4. Оид ба тафсири муқаррароти шартномаҳои ду ё якчандҷониба, ки ҳамкориҳоро дар ҷодаи амалӣ сохтани адолати судии иқтисодӣ дар худ мустаҳкам менамоянд;
5. Оиди тафсири созишномаҳо ва дигар санадҳои мақомоти иттиҳод, ки масъалаҳои таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳодро танзим мекунад.

Дар доираи салоҳияти махсуси худ суди иқтисодӣ парвандаро бо дархости Кумитаи ҳамгироии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё оид ба тафсири қисми 2 моддаи 1 ва қисми 1 моддаи 14 Шартнома оиди таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз 10 октябри соли 2000 баррасӣ намуд. Мавзуи тафсири Суди иқтисодии ИДМ муқаррароти 47 адад созишнома ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии ИДМ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё буд.

Аксарияти мақомоти давлатии давлатҳои аъзо пас аз омузиши аризаи субъектони соҳибкорӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳод ба Суди иқтисодӣ муроҷиат намуданд. Ариза ва дархостҳое, ки аз тарафи мақоми давлатии Иттиҳод оид ба шарҳу эзоҳ ворид мешаванд, дар асоси муроҷиати мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ва субъектони соҳибкорӣ мебошанд. Чунин усули муроҷиати ғайримустақим ба Суди иқтисодӣ тавассути мақомотҳои Иттиҳод аз он сабаб аст, ки дар банди 5 Низомнома дар бораи Суди иқтисодии ИДМ доираи қатъиян муайяншудаи субъектҳоро, ки ҳуқуқи ба Суди иқтисодӣ пешниҳод намуданро доранд, оварда шудааст [50].

Инҳо мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои давлатӣ, муассисаҳои Иттиҳод, судҳои олии иқтисодӣ, судҳои ҳакамӣ ва дигар мақомоти олие мебошанд, ки баҳсҳои иқтисодиро дар давлатҳо баррасӣ ва ҳал мекунанд. Барои субъектони дигари ҳуқуқ, ки дар банди 5 Низомнома ҳуқуқи муроҷиат карданашон оварда нашудааст, чунин имконият дода шудааст, ки онҳо метавонанд бо муроҷиати пешакӣ ба мақомотҳои Иттиҳоди ҳуқуқӣ муроҷиат карданашон дар банди 5 Низомнома оварда шудааст, муроҷиат намоянд. Яъне, онҳо тавассути мақомот метавонанд ба Суди иқтисодӣ муроҷиат намоянд. Ҳолати мазкур зарурати васеъ намудани субъект ва тобеияти Суди иқтисодии Иттиҳодии Давлатҳои Мустақилро нишон медиҳад.

Чӣ тавре дар боло қайд намудем, яке аз самтҳои асосии фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ ин таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои иқтисодӣ дар доираи Иттиҳод мебошад. Суди иқтисодӣ дар тӯли фаъолияти амалии худ категорияҳои гуногуни парвадаҳоро бо тафсири муқарраротҳои шартномаҳои байналмилалӣ

ва дигар санадҳои мақомоти Иттиҳодро дар сатҳи ҳамкории байнидавлатии иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба ин парвандаҳо соҳаҳои гуногун аз он ҷумла, муносибатҳои байналмилалии соҳаи гумрук, соҳаи савдо ва соҳибкорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ байни ташкилотҳои давлатҳои аъзо дохил мешаванд. Аксарияти парвандаҳои аз ҷониби Суд баррасӣ шуда ба масъалаҳои мушаххаси амалӣ мансуб буданд.

Таҳлили вазъи ҳуқуқии субъектоне, ки барои тафсир дархост пешниҳод менамоянд, чунин нишон медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба амалияи татбиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии ИДМ дар соҳаи иқтисодӣ ҳам дар байни давлатҳои аъзои Иттиҳод ва ҳам дар байни субъектҳои хоҷагидоре, ки фаъолияти иқтисодии хориҷӣ машғуланд, ба миён меояд. Суди иқтисодӣ зимни баррасии парвандаҳо санадҳои зиёдеро таҳлил кард, ки ин имкон дод, аз рӯйи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ баҳо дода шуда, як қатор норасоиҳои дар қонунгузорӣ мавҷудбуда, ки самаранокии фаъолияти минтақаи озоди савдо ва монеъ шудан ба ҳадафҳои ҳамгирой дар соҳаи иқтисодиро паст мекунанд, муайян карда шавад. Қарори Суди иқтисодии ИДМ дар бораи шарҳи муқаррароти созишномаҳо ва санадҳои мақомоти Иттиҳод ки мақом ва ваколатҳои мақомоти ИДМ ва ташкилотҳои онро дар доираи Иттиҳод танзим менамояд, аҳаммияти хосро доро мебошад.

Ҷамъбасти амалияи судии Суди иқтисодии ИДМ оид ба парвандаҳои тафсири созишномаҳо ва дигар санадҳое, ки ваколатҳои мақомот ва ташкилотҳои ИДМ-ро муайян мекунанд, дар робита бо санадҳои оинномавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои Иттиҳод мунтазам анҷом дода мешаванд. Ҳолатҳои мазкур имкон медиҳанд, ки оиди ҷамъбасти амалияи судии Суди иқтисодии ИДМ чунин хулоса пешниҳод намоем:

1. Санадҳои судӣ мавқеи ҳуқуқиро муайян намуда, барои ба тартиб даровардани сохтори ташкилии Иттиҳод аҳаммияти хоссаро соҳибанд;
2. Хулоса ва тавсияҳои судӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзо дар муносибат бо мақомот ва ташкилотҳои ИДМ ба инобат гирифта мешаванд.

Санадҳои судии аз ҷониби суд баровардашуда, ки муқарраоти дахлдорро ташкил медиҳанд, дар самти қонунэҷодкунӣ хусусан зимни омодасозии ҳуҷҷатҳо оиди масъалаҳои сохтори ташкилии ИДМ ҳамчун манбаи муҳимми ёрирасони ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Категорияи махсуси парвандаҳо дар Суди иқтисодӣ парвандаҳо оид ба шарҳи татбиқи муқарраоти созишномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои мақомоти Иттиҳод мебошанд, ки кафолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди давлатҳои аъзо зиндагӣ мекунанд, муқаррар менамояд.

Бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта Суди иқтисодиии ИДМ ба давлатҳои аъзои Иттиҳод чунин тавсияҳо пешниҳод намуд, ки дар шароити ташаккули низоми гуногуни нафақа барои пурзӯр намудани фаъолияти якҷоя дар такмил додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии таъминоти нафақа барои шаҳрвандон чораҳои зарурӣ андешанд. Зимни баррасии парвандаҳои мазкур Суди иқтисодӣ дар баробари тавзеҳи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инчунин, диққати давлатҳои аъзоро ба зарурияти риоя ва ҳалли мушкилоти мавҷуда дар таъмини татбиқи қонунҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон ҷалб намуд. Пешкаш намудани ин гуна тавсияҳо, пеш аз ҳама, баҳри ҳимоя намудани ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандони гурӯҳи эҳтиёҷманд ва инчунин, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, нафақахӯрони ҳарбӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳоло Комиссияи ҳуқуқи инсон ҳамчун мақоми машваратӣ оид ба иҷрои ухдадориҳои давлатҳои аъзои Иттиҳод оид ба риояи ҳуқуқҳои инсон ҳамчун ниҳоди муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Бидуни мавҷудияти Комиссияи мазкур маҳз Суди иқтисодии ИДМ ягона мақомоти байналмилалии Иттиҳод шуморида мешавад, ки низоъҳо ва ихтилофоти ҳуқуқиро дар татбиқи шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон баста шудаанд, баррасӣ ва ҳал намояд.

Тавре ки таҷрибаи амалии судӣ нишон медиҳад, новобаста аз он ки айни ҳол муассисаи махсус барои муроҷиати шахсони воқеӣ ба Суди иқтисоди ИДМ мавҷуд набошад ҳам, шаҳрвандони кишварҳои аъзои он метавонанд ба

мақомотҳои дигари он фаъолона мурочиат намоянд. Дар сурати мавчуд будани асосҳои муайян дар шикоят мақомотҳое, ки ба онҳо мурочиати шахсони воқеӣ ворид гардидааст, метавонанд аз рӯйи тобеият ба Суди иқтисодии Иттиҳод дархости дахлдор ирсол намоянд.

Самтҳои муҳимми фаъолияти Суди иқтисодӣ дар баробари мурофиаи судӣ ин гузаронидани корҳои санчишӣ-таҳлилӣ дар доираи ҳамкорӣ бо давлатҳои аъзои ИДМ ва мақомотҳои он мебошад, ки инҳоянд:

1. Дар таҳия ва омоданамоии лоиҳаи созишномаҳои байналмилалӣ ширкат меварзанд;
2. Доир ба омода намудани лоиҳаҳои мазкур таклифу пешниҳодҳо манзур менамоянд;
3. Оиди ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, лоиҳаи намунавии қонунгузорӣ ва санадҳои дигари мақомоти ҳамкории байнипарлумонии давлатҳои аъзо тавсияву таклифҳои босамар пешниҳод менамоянд;
4. Пешниҳоди таклифу тавсияҳо чиҳати боз ҳам беҳтар намудани ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар доираи ИДМ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё;
5. Ҳамкорӣ бо як қатор мақоми сатҳи олӣ ва таҳлили фаъолияти қонунгузории давлатҳои аъзо бо мақсади таҳияи пешниҳодҳо оид ба татбиқи якхелаи созишномаҳо ва санадҳои дигар;
6. Фаъолияти низомию таҳлилӣ оид ба омузиши асосҳои ҳуқуқии Иттиҳод бо мақсади мониторинги созишномаҳои байналмилалии давлатҳои ИДМ ва бартараф намудани мушкилотҳо дар татбиқи амалии онҳо.

Самти асосии кори санчишӣ-таҳлилӣ ин таҳияи чамъбасти амалияи судии Суди иқтисодӣ мебошад. Мақсади гузаронидани чамъбасти амалияи судии мазкур ин ба низом даровардани санадҳои судӣ ва ба маълумоти давлатҳо ва мақомоти Иттиҳод расонидани онҳо, ки барои таъмини якхела дар амалияи татбиқи қонуни давлатҳои аъзо нигаронида шудааст. Аз чониби Суди иқтисодии ИДМ маълумотномаҳои зерин омода шудааст:

1. Ҷамъбасти амалияи судӣ оид ба эътирофи шартномаи байналмилалӣ дар бораи таъмини нафақа, ки байни давлатҳои аъзо баста шудааст;
2. Ҷамъбасти амалияи судӣ дар бораи шарҳи созишномаҳои байнидавлатӣ оид ба кафолати таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии категорияи гуногуни шаҳрвандони давлатҳои аъзо;
3. Оид ба иҷроиши санадҳои судии Суди иқтисодӣ дар давлатҳои аъзо;
4. Ҷамъбасти амалияи судӣ оиди тавзеҳи меъёрҳои созишномаҳо ва дигар санадҳое, ки салоҳиятҳои муассиса ва ташкилотҳои ИДМ-ро муайян мекунад.

Фаъолияти санҷишӣ-таҳлилӣ имкон медиҳад, ки таъмини татбиқи якхелаи меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ дар амал ҷорӣ карда шавад. Суди иқтисодӣ  дар муддати фаъолияти худ корҳои зиёди санҷишӣ-таҳлилӣ ҷиҳати омоданамоии лоиҳаи ҳуҷҷатҳо баҳри такмили фаъолияти минбаъда анҷом дода шудааст.

Ба сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, роҳбарони вазорату идораҳои кишварҳои аъзо маълумотномаи таҳлилӣ ва асосноккунӣ оид ба зарурати такмили фаъолияти Суди иқтисодӣ ирсол гардидааст.

Ҳамкорӣ бо мақомоти судӣ ва дигар мақомот, ташкилоту муассисаҳои дар доираи давлатҳои аъзои ҳам дар асоси созишномаҳои дахлдор ва ҳам дар асоси дар доираи ҳамкории доимӣ оид ба масъалаҳои иҷро ва татбиқи санадҳои судӣ дар сатҳи дохилӣ, баррасии парвандаҳо оид ба шарҳи муқаррароти созишномаҳои байналмилалӣ дар доираи ИДМ, иштироки Суди иқтисодӣ дар кори гурӯҳҳои экспертӣ-санҷишии намояндагони ваколатдори давлатҳо оид ба мувофиқа кардани лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалӣ сурат мегирад.

Дар доираи созишномаҳои басташуда оид ба ҳамкории мутақобила ва табодули иттилооти ҳуқуқӣ байни низомҳои судии давлатҳои аъзо оиди амалияи татбиқи қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ пеш бурда, санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти судҳоро мубодила мекунанд. Ҳамкории судии байни давлатҳои номбаршуда чунинанд [149, с.67]:

1. Дар самтҳои гуногуни корӣ баргузор намудани вохӯриҳои корӣ ва машваратҳои илмӣ ҷиҳати таҳияи омилҳои умумӣ дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ;
2. Доир ба ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи судӣ таҳия намудани маводҳои лозима;
3. Шарҳи масъалаҳои ҳуқуқии ҷорӣ ва тавзеҳи ҳуҷҷатҳо;
4. Пеш бурдани фаъолияти судӣ дар самти манфиатҳои тарафайни давлатҳо.

Суд дар давоми фаъолияти кории худ баҳри боз ҳам такмил ва рушди соҳаҳои гуногуни фаъолияти судӣ бо Маркази миллии қонунгузорӣ ва таҳқиқоти ҳуқуқӣ, Маркази миллии иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Беларус ва Маркази ҷумҳуриявии иттилоотӣ-ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Қазоқистон шартномаҳои ҳамкорӣ бастааст. Зеро, таҷрибаи татбиқи меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои мушаххас муҳим аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва коҳиши вобастагиҳои дуҷонибаи давлатӣ ба як қатор конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ ҳамроҳ гардидааст, ки инҳоянд:

- Созишнома оид ба тартиби ҳалли баҳсҳои марбут ба амалигардонии фаъолияти хоҷагидорӣ аз 20 марти соли 1992 дар шаҳри Киев (Соглашение о порядке разрешения споров, связанных с осуществлением хозяйсвенной деятельности);
- Созишнома оид ба чораҳо оид ба таъмини беҳтар намудани ҳисоббаробаркунӣ байнии мақомоти хоҷагии кишварҳои ИДМ аз 15 майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд (Соглашение о мерах по обеспечению улучшения расчетов между хозяйственными организациями стран – участниц СНГ);
- Конвенсия оид ба эътироф ва иҷрои қарорҳои ҳакамии хориҷӣ соли 1958 дар Ню-Йорк (Конвенция о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений);

- Созишнома оиди тартиби иҷрои мутақобилаи қарорҳои судҳои ҳакамӣ, хоҷагӣ ва иқтисодӣ дар ҳудуди давлатҳои аъзои ИДМ аз 17 январи соли 1997 дар Ҷумҳурии Қазоқистон (Соглашение о порядке разрешения споров, связанных с осуществлением хозяйственной деятельности);

Ба имзо расонидани ин санадҳои байналмилалӣ заминаи ҳуқуқиро барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои босамар фароҳам оварда, аз нақши фаъол ва иштироки масъулонаи Тоҷикистонро дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дарак медиҳад.

Ҳамкории алоҳидаи Суди иқтисодии ИДМ дар шакли мулоқотҳои расмӣ, инчунин, вохӯриҳои кории раис ва судяҳо бо сарони давлатҳои аъзо ва намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ гардида, иштироки намояндагони Суди иқтисодии ИДМ дар чорабиниҳои гуногун, ки дар дигар давлатҳои аъзо дар сатҳи олии намояндагӣ баргузор мешавад.

Суди иқтисодӣ инчунин, конфронсҳои илмию амалӣ оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва фаъолияти судӣ баргузор намуда, дар он намояндагони давлатҳои аъзо бо маърузаҳои худ баромад менамоянд. Вобаста ба гуфтаҳои овардашуда метавон конференсияи илмию амалии дар шаҳри Остона баргузоршударо мисол овард. Чунин гуна конференсияҳои илмию амалӣ дар сатҳи байналмилалӣ борҳо дар таърихи фаъолияти суд баргузор шуда, доир ба самти фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ дар муассисаҳои таълимӣ лексияҳо низ омода шудааст.

Ҳамкориҳои суди иқтисодӣ бо мақомоти Иттиҳод махсусан бо Кумитаи иҷроияи ИДМ фаъол буда, ҳамчун мақомоти оинномавии ИДМ ва хусусиятҳои фаъолияти он муайян карда мешаванд. Кумитаи иҷроияи ИДМ бо дархости тафсир аз рӯйи вокуниш ба мактубҳои аз шаҳрвандони кишварҳои узви ИДМ расида, муроҷиат мекунад.

Суди иқтисодӣ дар таҳияи лоиҳаҳои созишномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои мақомоти Иттиҳод ташаббус намуда, дар фаъолияти Шурои иқтисодӣ ва Комиссия оид ба масъалаҳои иқтисодии назди Шурои иқтисодии ИДМ иштирок мекунад.

Дар баробари ин, дар яке аз Созишномаи Суди иқтисодии ИДМ чунин омадааст: «Бо ташаббуси Суди иқтисодӣ Шурои раисони судҳои олии ҳакамӣ, иқтисодӣ ва дигар судҳо дар бораи таъсис додани Шурои раисони Судҳои Олии арбитражӣ, иқтисодӣ ва дигар судҳо, таъсис дода шудааст, ки фаъолияти он ба ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳамкории судҳои давлатҳои аъзои ИДМ равона гардидааст» [56].

Таҳлили масъалаи мазкур ба чунин хулосаи қатъӣ оварда расонид, ки мавриди омузиши минбаъда ва таҳлили илмӣ қарор додани фаъолияти судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ имкон медиҳад, ки ҳалли масъалаҳо ва баҳсҳои байнидавлатӣ тавассути ҳамкориҳои муштарак амалӣ карда шавад. Зеро, чунин тадбирҳои воқеӣ баҳри ба даст овардани натичаҳои самараноки корӣ ва баланд бардоштани сатҳи бонуфузи созмонҳои байналмилалӣ хусусан дар самти ҳокимияти судӣ мусоидат намуда, дар оянда барои таъмин ва пойдории ҷомеаи мутамаддин нақши калидӣ мебозад.

Дар боби дуюм, ки ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ бахшида шудааст, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки гарчанде кишварҳои ИДМ дар асоси як низоми ҳуқуқии умумӣ, яъне низоми ҳуқуқи шуравӣ рушд ёфтаанд, пас аз барҳамёбии ИҶШС ҳар як давлат роҳи миллии ташаккул ва рушди низоми судии худро интихоб намудааст. Таҳлили муфассали сохтор ва мақоми судҳои иқтисодӣ дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки дар баъзе давлатҳо (ба монанди Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Беларус) судҳои иқтисодӣ сохтори мустақил дошта, ҳамчун зинаи алоҳидаи ҳокимияти судӣ амал мекунанд, дар ҳоле ки дар дигар кишварҳо (монанди Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон) фаъолияти онҳо ба судҳои умумӣ ворид карда шудааст.

Дар ин замина, таҷрибаи давлатҳое, ки судҳои иқтисодиро ҳамчун сохтори мустақил нигоҳ медоранд, аз он дарак медиҳад, ки чунин шакл фаъолияти судҳоро махсусгардонидашуда ва самаранок водор месозад. Ваколатҳои он ба баррасии парвандаҳои иқтисодии байни шахсони ҳуқуқӣ

паҳн нагардида, танҳо ба баҳсҳо дар доираи санадҳои ташкилоти ИДМ ва ҳаллу фасли ихтилофоти байни давлатҳо маҳдуд мегардад. Ин тафовут нишон медиҳад, ки вазифа ва сохтори Суди иқтисодии ИДМ аз судҳои иқтисодии кишварҳои алоҳида куллан фарқ мекунад. Дар натиҷаи таҳқиқоти муқоисавӣ равшан гардид, ки таҷрибаи кишварҳои ИДМ дар самти рақамикунонӣ ва рушди механизмҳои муосири ҳалли баҳсҳо метавонад барои Тоҷикистон ҳамчун намунаи арзишманд хизмат кунад.

Бо вуҷуди умумиятҳои таърихию ҳуқуқӣ, заминаҳои ҷорӣ намудани судҳои иқтисодӣ дар ин кишварҳо нишон медиҳанд, ки барои рушди устувори ин институтҳо зарурати мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ бо муҳити миллии ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидашуда тасдиқ мекунад, ки барои ислоҳ ва таҳкими низоми судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои ИДМ метавонад самти муҳим ва стратегӣ бошад. Аз ҷумла, такмили заминаҳои меъёрӣ дар асоси таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ИДМ метавонад ба таҳкими нуфуз ва самаранокии ин институт дар Тоҷикистон мусоидат намояд.

## БОБИ III. НАҚШИ СУДҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Маҷмуи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон асоси вазъи ҳуқуқии шахсият эътироф гардида, ҳамчун принсипи асосии низоми ҳуқуқӣ дар ҷодаи низоми арзишҳои ҳуқуқии давлати муосири демократӣ ва ҳуқуқбунёд мавқеи марказиро ишғол менамояд. Муҳимтарин вазифаи давлат ҷиҳати устувор нигоҳ доштани пояҳои истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ ин таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин ва амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз ҳадафҳои асосии ва рӯзмарраи фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад, ки ноил гардидан ба ин ҳадафҳо, пеш аз ҳама, аз таъмини волоияти қонун ва арзиши оли эътироф намудани ҳуқуқҳои инсон бармеояд. Ҳамзамон,, ҳадафи мазкур аз муқаррароти Конститутсия бармеояд, ки дар моддаҳои 5 ва 14-и он ҳуқуқу озодиҳои шахсро ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ эътироф мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 чунин таъкид кардаанд, ки: «Таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти судҳо бо инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ алоқамандии ногусастанӣ дорад» [45]. Ҳамчунин дар паёми худ аз 22 декабри соли соли 2017 Пешвои миллат таъкид доштанд, ки «кишвари мо роҳи бунёди ҷомеаи ҳуқуқиро интихоб кардааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон мебошад. Ин принсип вазифадор мекунад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳама соҳаҳо тавассути қонунҳое танзим карда шаванд, ки ба меъёрҳои ахлоқ, адолат ва гуманизм ҷавобгӯ бошанд» [47].

Эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон яке аз вазифаҳои муҳимми конститутсионии давлат мебошад, ки барои таъмини озодиҳои асосӣ, адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона гардидааст.

Сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самаранокии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври мусбӣ таъсири худро мерасонад. Ҳокимияти судӣ дар рушди бомароми ҷомеа ва давлат ҳамчун омили муҳимми таъмин ва барқарории адолат ва устувории ҳуқуқӣ арзиши ифода мекунад. Густариш ва рушди фаъолияти ҳокимияти судӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди принсипҳои демократии ҳаёти ҷамъиятӣ, шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо баромад намуда, ба таҳкими волоияти қонун ва эътимод ба низоми адл мусоидат менамояд.

Ба ҳамин асно, Ҷ. Саъдизода дар таҳқиқоти чунин овардааст, ки «нақши фарҳанги ҳуқуқи инсоро дар амалишавӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чунин арзёбӣ кардан мумкин аст: 1) фарҳанги ҳуқуқи инсон фарогири арзишҳои фарҳангӣ-ҳуқуқии мусбате мебошад, ки ба амалишавии ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад; 2) вай дар шуури инсон фаҳмишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва нишондодҳои арзиширо оид ба зарурати эҳтиром ва риояи ҳуқуқи инсон ташаккул медиҳад; 3) тавассути ҳавасмандсозии руҳӣ ба равон ва шуури шахс таъсир расонида, бо ёрии арзишҳои ахлоқӣ дар ҳар як фард аз рӯйи эҳтиром муносибат кардан ба инсонро тарғиб месозад; 4) фарҳанги ҳуқуқи инсон дар ҷараёни таълим ва омузиш, тарбияи ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, маҳз тавассути стандартҳои таълимӣ дар шуур ва рафтори инсон барои барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд, ки яке аз талаботи он сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аст, хизмат мерасонад» [193, с. 241].

Б.Ч. Исозода дар таҳқиқоти илмиаш гуфтааст, ки «Дар робита ба ин масъала пайваста силсилаи мақсаднок аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида мешаванд. Аз ҷумла, қабули як қатор барномаҳои муҳимми давлатӣ, ба монанди Барномаи системаи давлатии омузиши ҳуқуқи инсон аз 12 июни соли 2001, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии

шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 аз 29 апрели соли 2009 ва Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 аз 3 декабри соли 2012 далели равшани сиёсати ҳадафмандонаи кишвари мо дар самти ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад» [184, с. 163].

Дар Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 аз 3 декабри соли 2012 бисёр бамаврид ишора шудааст: «Ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маданияти баланди ҳуқуқиро талаб менамояд, ки бе он чунин арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, ба монанди волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд наметавонанд пурра амалӣ шаванд» [7]. Ин тадбирҳо бо мақсади татбиқ ва баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон равона карда шудаанд, зеро самаранокии фаъолияти ҳокимияти судӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои инсон маҳз аз сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон пайванди ногусастанӣ дорад.

Аз лиҳози таърихӣ, дарк ва фаҳмиши моҳияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо ивазшавии як марҳилаи таърихӣ ба марҳилаи дигари таърихӣ мунтазам дигаргун мешуд. Дар замони муосир муносибат ва фаҳмиши мардум нисбати мафҳумҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон боз ҳам равшантар гардида, ба он пеш аз ҳама, рукнҳои таъсирбахшанда, аз қабили барҳамхурии давлати Шуравӣ, мутобиқшавӣ бо иттиҳоди ҷаҳонӣ ва мубрамияти масъалаҳои муосир ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон равона шуда, таъсир расонидаанд. Дар робита, бо мавзуи назарияи ҳуқуқи инсон дар замони шуравӣ И.Е. Фарбер чунин ибрози ақидаронӣ намудааст: «Дар давраи Шуравӣ масъалаи назарияи ҳуқуқи инсонро чун ғояи умумиичтимоӣ ва умумидемократӣ баҳогузорӣ менамуданд» [171, с. 29-33].

Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳон як дастоварди муҳим ва арзишманд ба ҳисоб меравад, ки тавассути қонунгузорӣ ва амалишавии меъёрҳои байналмилалӣ ҳифз ва таъмин мешавад. Бояд қайд намуд, ки таъмини ҳуқуқи инсон на танҳо дар самти ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, балки дар самти ҳуқуқҳои иқтисодӣ

ва иҷтимоӣ низ аҳаммияти баланд дошта, яке аз шартҳои асосии рушди устувори ҷомеа ва таҳкими адолати иҷтимоӣ маҳсуб мешавад. Ҳуқуқи инсон дар соҳаи иқтисодӣ бо ҳуқуқҳои марбут ба меҳнат, манзил, хизматрасонӣ, таълим, моликият ва таъмини зиндагии арзандаи инсонҳо вобаста мебошад. Ҳимояи ин ҳуқуқҳо, махсусан дар муносибатҳои иқтисодӣ ва молиявӣ яке аз масъалаи асосии давлатҳои муосир мебошад. Бо дар назардошти он, ки дар замони муосир рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як давлат аз сатҳи баланди сиёсати иқтисодии он вобаста мебошад ва амалӣ гардидани ҳуқуқҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд дар ин раванд нақши назаррас мебошанд, танзими ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ин қабил ҳуқуқҳо беш аз ҳар вақти дигар аҳаммияти муҳимро касб мебошад.

Мувофиқан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи танзим ва ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодии шахсон диққати махсус дода, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии сатҳи гуногун масъалаи мазкур инъикоси худро ёфтааст. Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шахс тавассути меъёрҳои конститутсионӣ инъикос гардида, мустақиман амал менамоянд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои шохаҳои ҳокимияти давлатиро дар танзими ҳуқуқӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон муайян менамояд. Ҳокимияти қонунгузорӣ қонунҳо қабул менамояд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо дар таҳкими меъёрӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ифода меёбанд. Ҳокимияти иҷроия бошад, чораҳои зарурииро барои таъмин намудани имконияти пурраи шаҳрвандон дар татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои худ амалӣ месозад. Таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият бошад, ба зиммаи шохаи ҳокимияти судӣ гузошта шудааст. Меъёрҳои конститутсионӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар маҷмуъ муҳтаво ва татбиқи қонунҳо, инчунин, фаъолияти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроияро муайян намуда, тариқи адолати судӣ таъмин карда мешавад. Дар сатҳи конститутсионӣ ҷой гирифтани таъмини ҳуқуқҳои инсон барои дарки адолати судӣ дар давлати ҳуқуқбунёд аҳаммияти хосса дорад.

Воқеан, бо ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои куллӣ дар соҳаҳои иқтисодиву сиёсии ҳаёти ҷомеа ва давлат ба миён омада, дар заминаи он бори нахуст идеологияи нави ҳуқуқӣ аз ҷониби умум эътироф гардида, дар қонунгузорӣ дар шакли арзиши олии рушди ҷамъиятӣ ва давлатӣ мустаҳкам гардид.

Арзиши олӣ донистани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бояд тариқи қонунгузориҳои амалкунанда татбиқ гардида, давлат ҳимояи онҳоро аз ҳама гуна поймолкунӣ ва маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ таъмин намуда, кафолат медиҳад. Баҳри амалӣ гардонидани ин гуна кафолатҳо аз ҷониби давлат мақомоти дахлдор дар ин самт ташкил карда шудааст, ки ин ҳам бошад мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад. Ҳимояи судии шаҳрвандон мавқеи худро дар сатҳи конститутсионӣ ишғол намудаанд.

Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд истифодаи санадҳои судӣ ҳамчун манбаи муҳимми таҳқиқи илмӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Таҷрибаи судӣ имкон медиҳад, ки татбиқи воқеии меъёрҳои ҳуқуқи инсон дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ таҳлил карда шавад. Қарорҳои судӣ на танҳо воситаи ҳаллу фасли баҳсҳо, балки кафолати амалии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд. Аз ин рӯ, омузиши санадҳои судӣ барои арзёбии нақши судҳои иқтисодӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Бо назардошти аҳаммияти таҷрибаи судӣ дар ҳифзи ҳуқуқи инсон, дар идома таҳлили санадҳои судии судҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Ҳадафи ин таҳлил муайян намудани тарзи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи инсон дар раванди баррасии баҳсҳои иқтисодӣ мебошад. Дар ин замина, санадҳои алоҳидаи судӣ ҳамчун мисоли амалии фаъолияти судҳо таҳлил карда мешаванд.

Дар таҷрибаи судии судҳои иқтисодӣ баҳсҳои замин, аз ҷумла баҳсҳои вобаста ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ, мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки дар ҷараёни онҳо нақши суд дар таъмини адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу

манфиатҳои қонунии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба моликият басо назаррас мебошад.

Бо дар назардошти ин ба мақсад мувофиқ аст, ки парвандаи №1-107/24 аз 28 майи соли 2024 [217] оид ба аризаи даъвогии роҳбари хоҷагии деҳқонии Х.О. ба ҷавобгарии роҳбари хоҷагии деҳқонии М.Р., шахсони сеюм Кумитаи идораи замин ва КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар бораи бартараф кардани монеагӣ ҷиҳати истифодабарии қитъаи замин, мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Мувофиқи моддаи 47 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсҳо, ки аз муносибатҳои вобаста ба замин бармеоянд, аз ҷониби суд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

Тавре аз маводҳои парванда бармеояд, бо қарори Раиси шаҳр ба шаҳрванд Х.О. ва аъзоёнаш барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ аз ҳисоби заминҳои хоҷагии деҳқонии дигар, мувофиқи саҳмашон ба миқдори муайян, ки аз он 2,42 га корами лалмӣ ва 2,42 га зери ток мебошад, бо истифодаи меросии якумра дода шудааст.

Дар асоси қарори мазкур хоҷагии деҳқонии Х.О. аз тарафи Кумитаи идораи замин бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин карда шудааст. Мувофиқи рӯйхати саҳдорони хоҷагии деҳқонии мазкур ба он 4 нафар бо 1,21 га саҳми замин шомил мебошанд.

Мувофиқи санад дар бораи интихоб ва додани замин ба хоҷагии деҳқонии Х.О. нусха аз харитаи баҳисобгирии замини хоҷагии «Г», нақшаи қитъаи замин ва санади гузаронидани хати сарҳади қитъаи замин, замини хоҷагии деҳқонии Х.О. аз ду қитъа бо масоҳати умумии 4,84 га, аз он 2,42 га корами лалмӣ ва 2,42 га токзор иборат буда, дар тарҳҳои 75 ва 642 ҷойгиранд. Яке аз қитъаҳои замини хоҷагии деҳқонии Х.О (корами лалмӣ) дар тарҳи 75 бо заминҳои хоҷагии деҳқонии М.Р. ҳамсарҳад мебошад.

Ҳамчунин аз маводҳои парванда дида мешавад, ки ба хоҷагии деҳқонии М.Р. бо қарори Раиси шаҳр қитъаи замин ба масоҳати 50,72 га ва қарори қитъаи

замин бо масоҳати 24,32 га, дар маҷмуъ 75,04 га, аз он 8,48 га корами лалмӣ, 9,93 токзор, 50,91 чарогоҳ, 1,82 зери роҳ ва 3,90 дигар заминҳо барои истифодаи якумраи меросӣ дода шудааст. Замини хоҷагии деҳқонии М.Р. аз се қитъа бо масоҳати умумии 75,04 га иборат буда, дар тарҳҳои 747, 749, 821, 822 ва як қисми 745, 746 ҷойгиранд. Қитъаи замини дуюми хоҷагии деҳқонии М.Р. (корами лалмӣ) бо заминҳои хоҷагии деҳқонии «Э» (ҳоло ба хоҷагии деҳқонии Х.О. дода шудааст) ҳамсарҳад мебошад.

Суд бо ҳолатои дар боло зикргардида муайян намудааст, ки воқеан як қисми қитъаи замини хоҷагии деҳқонии Х.О. дар истифодабарии ғайриқонунии хоҷагии деҳқонии М.Р. қарор дошта, монеагӣ ҷиҳати истифода намудани замин ҷой доштааст.

Тибқи хулосаи Кумитаи идораи замин дар истифодабарии хоҷагии деҳқонии М.Р. қитъаи замини хоҷагии деҳқонии Х.О. дар масоҳати 0,75 га вуҷуд дошта, монеагӣ барои истифодабарии замин ҷой дорад.

Бояд қайд кард, ки баҳри муайян намудани ҳолатҳои воқеии кор ва бартараф намудани мухолифатҳои ҷойдошта дар масоҳати замини баҳсӣ, суд лозим донист, ки экспертизаи судӣ-заминшиносӣ таъин намояд.

Аз хулосаи ташхиси судӣ, ки аз тарафи шӯъбаи баҳисобгирии давлатии заминҳои таъиноти кишоварзии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, бармеояд, ки қитъаи замини баҳсӣ дар ҳузури тарафҳо дар маҳал бо истифода аз барномаҳои компютерии ҳозиразамон ченак карда шуда, муайян карда шудааст, ки дар истифодабарии хоҷагии деҳқонии М.Р. қитъаи замини хоҷагии деҳқонии Х.О. бо масоҳати 0,59 га дар тарҳи 75 ва аз тарафи ҷануб майдони 0,25 га қитъаи замин зери истифодаи роҳи мардумгузарор қарор гирифтааст.

Дар чунин ҳолат суд чунин шуморидааст, ки ҷавобгар-роҳбари хоҷагии деҳқонии М.Р. бар хилофи муқаррароти қонун ҳуқуқҳои заминистифодабаранда-хоҷагии деҳқонии Х.О.-ро вайрон намуда, ҷиҳати истифодаи қисми замини ба онҳо дахлдошта монеагӣ ба вуҷуд овардааст. Яъне ҳуқуқу манфиатҳои қонунии даъвогар оид ба истифодаи 0,59 га замини

хоҷагӣ  аз тарҳи 75, ки бо қарори раиси шаҳр ба хоҷагии деҳқонии Х.О. дода шудааст, бе розигии саҳмдорони хоҷагӣ ва асосҳои қонунӣ дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии ҷавобгар маҳдуд карда шудааст ва роҳбари хоҷагӣ њуқуқи талаб кардани онро дорад.

Мутобиқи моддаи 12 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои маданӣ бо  барқарор намудани ҳолате, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд, ҳимоя мешаванд [21].

Моддаи 50 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки ҳуқуқи вайроншуда оид ба замин дар мавриди худсарона ишғол намудани қитъаи замин барқарор карда мешавад [20].

Аз мукарароти моддаҳои 274 ва 277 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки молик ҳуқуқ дорад ашёро аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона талаб карда гирад [21]. Молик ва ё шахсе, ки дорои ҳуқуқи маҳдуди ашё мебошад, ҳуқуқ дорад бартараф намудани ҳама гуна вайронкунии ҳуқуқашро, ки ба маҳрум кардан аз соҳибӣ  алоқаманд намебошад, талаб намояд.

Ҳамин тариқ, бо таҳлили маводҳои парванда муайян гаштааст, ки  айни ҳол дар истифодабарии ғайриқонунӣ ва худсаронаи ҷавобгар-роҳбари хоҷагии деҳқонии М.Р. 0,59 га қитъаи замини ба хоҷагии деҳқонии Х.О. мансуббуда қарор дорад ва он бояд ба заминистифодабарандаи қонунӣ баргардонида шавад.

Мувофиқи моддаи 172 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон  «ҳангоми қабул намудани ҳалномае, ки ҷавобгарро барои анҷом додани амали муайяни ба интиқоли молу мулк ё маблағҳои пулӣ вобастанабуда ӯҳдадор мекунад, суди иқтисодӣ бояд дар ҳамин ҳалнома  нишон диҳад, ки агар ҷавобгар ҳалномаро дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро накунад, пас  даъвогар ҳуқуқ дорад ин амалро бо роҳи ситонидани хароҷоти зарурӣ аз ҳисоби ҷавобгар  анҷом диҳад . Агар ин амалро

танҳо ҷавобгар анҷом диҳад, суди иқтисодӣ дар ҳалнома муҳлатеро муқаррар менамояд, ки дар давоми он ҳалнома бояд иҷро карда шавад» [22].

Бинобар ин, суди иқтисодӣ лозим донистааст, ки ҷавобгар-роҳбари хоҷагии деҳқонии М.Р.-ро барои бартараф намудани монеагии эҷоднамуда вобаста ба истифодабарии қитъаи замини 0,59 га ва ба ҳолати аввала, яъне ба хоҷагии деҳқонии Х.О. баргардонидани он уҳдадор намояд.

Бо назардошти ҳолатҳои ҷойдошта, суд ба хулоса омадааст, ки даъворо қисман қонеъ намуда, монеагии ҷойдоштаро ҷиҳати истифодабарии қитъаи замини хоҷагии деҳқонии Х.О. дар масоҳати 0,59 га, ки айни замон дар истифодаи роҳбари хоҷагии деҳқонии М.Р. қарор гирифтааст, бартараф намояд.

Яке аз намунаҳои равшани татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи инсон дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҳалномаи судӣ оид ба парвандаи иқтисодии № 1-436/25 аз 15 октябри соли 2025 [218] мебошад, ки дар асоси он аризаи даъвогии намояндаи бонк ба ҷавобгарии соҳибкори инфиродӣ С.А. ва ҷавобгари дигар С.Р. оиди руёнидани маблағи қарзи бонкӣ аз ҳисоби фурӯши амволи дар гаравбуда, баррасӣ карда шудааст.

Суд маводҳои парвандаи мазкурро омӯхта таҳлил намуда, далелҳои дар ҷараёни баррасии судӣ ҷамъоваришуда ва ҳолатҳои воқеии парвандаро пурра тасдиқ намудааст.

Мувофиқи қисми 1 моддаҳои 891 ва 892 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «қарзгир уҳдадор аст ба қарздиҳанда маблағи гирифтаашро дар муҳлат ва бо тартиби пешбининамудаи шартнома баргардонад. Агар дар қонунҳо ё шартномаи қарз ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар мавриди аз ҷониби қарзгир барнагардондани маблағи қарз дар муҳлати муайяншуда, ба ин маблағ пардохти фоиз ба андозаи муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи 456 ҳамин Кодекс, аз рӯзе, ки он бояд баргардонида мешуд ва то рӯзи баргардонидани он ба қарздеҳ, новобаста аз фоизе, ки дар моддаи 890 ҳамин Кодекс муқаррар шудааст, вогузошта мешавад» [21].

Тавре аз маводҳои парванда бармеояд, мувофиқи шартномаи кредитӣ соҳибкори инфиродӣ С.А. аз бонк бо мақсади харидани электромобил ба маблағи 136 000 сомонӣ ба муҳлати 36 моҳ, бо меъёри 22 % солона қарз гирифтааст.

Тибқи бандҳои муайяни шартномаи кредитӣ, маблағи кредит ва фоизҳои ҳисобшуда мувофиқи Ҷадвали пардохт пардохта мешавад. Бонк ҳуқуқ дорад пеш аз мӯҳлат пардохтани маблағи боқимондаи кредит ва маблағҳои аз рӯйи он пардохтшавандаро аз қарзгир талаб намояд, агар сари вақт маблағи кредит ва фоизҳои ҳисобшуда пардохт карда нашаванд, яъне ҷадвали пардохти қарз вайрон карда шавад.

Ҳамчунин дар шартнома муқаррар шудааст, ки Бонк ҳуқуқ дорад, дар ҳолати сари вақт пардохт накардани кредит ва фоизҳои ҳисобшуда аз ҷониби Қарзгир, фоизҳои ҳисобшуда ва дигар маблағҳо (ноустуворона ва ғайра)-ро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тариқи маҷбурӣ рӯёнад.

Дар асоси банди 6.2 шартнома зикршуда, дар ҳолати саривақт пардохт накардани кредит аз ҷониби Қарзгир, Бонк ҳуқуқ дорад аз маблағи батаъхирафтодаи кредит барои ҳар рӯзи батаъхиргузошташуда, ноустуворонаро ба андозаи 48% солона ситонад.

Мувофиқи шартномаи кредитӣ қарзгиранда ӯҳдадор буд фоизҳо ва қарзи асосиро тибқи ҷадвали пардохт, ки ҷузъи ҷудонопазири шартномаи кредитӣ мебошад, пардохт намояд. Уҳдадориҳо «ба таври матлуб мутобиқи шартҳои уҳдадорӣ ва талаботи қонунгузорӣ иҷро карда мешаванд ва ҳангоми набудани чунин шарту талабот мутобиқи одатҳои муомилоти корӣ (моддаи 5 ҳамин Кодекс) ё талаботи маъмулан пешниҳодшуда анҷом дода мешаванд» [21].

Суд аз маводҳои парванда ва аз баёноти додаи шахсони иштироккунандаи парванда муайян кардааст, ки ҷавобгар-соҳибкори инфиродӣ С.А. ҷадвали пардохти қарзро риоя накарда, уҳдадориҳои шартномаҳои қарзиашро ба иҷро нарасонидааст, ки дар натиҷа дар назди Бонк ба ҳолати имрӯза ба маблағи 133 427 сомонию 02 дирам қарздор шудааст, ки аз ин маблағи қарзи асосӣ

124 764,43 сомонӣ, маблағи фоизҳои ҳисобшуда 8137,68 сомонӣ ва маблағи ноустуворона 524,91 сомониро ташкил додааст.

Аз шартномаи замонат бармеояд, ки С.Р. ҳамчун зомин дар ҳолати пардохт нагардидани маблағи кредит ва фоизҳои ҳисобшуда аз ҷониби ҷавобгар-қарздор С.А. дар назди Бонк уҳдадорӣ гирифтааст.

Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 418 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «тибқи шартномаи замонат зомин уҳдадор мешавад, ки дар назди кредитори шахси дигар барои пурра ё қисман иҷро намудани уҳдадориҳои он ҷавобгар бошад» [21]. Тибқи талаботҳои қисмҳои 1 ва 2 моддаи 420 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби бо замонат таъминшуда зомин ва қарздор дар назди кредитор ҷавобгарии муштарак доранд, агар қонун ва ё шартномаи замонат ҷавобгарии иловагии зоминро пешбинӣ накарда бошанд» [21].

Мувофиқи моддаи 385 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «гарав тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ мебошад, ки тибқи он кредитор дар уҳдадории бо гарав таъминшуда (гаравгир) ҳангоми аз ҷониби қарздор иҷро нашудани чунин уҳдадорӣ, барои қонеъ намудани талаботаш, аз арзиши молу мулки ба гаравгузоштаи шахсе, ки ин молу мулк ба ӯ тааллуқ дорад (гаравдеҳ) нисбат ба дигар кредиторон ҳуқуқи афзалиятнокро доро мебошад, ба истиснои ҳолатҳои дар қонун муқарраршуда.

Нигаронидани рӯёниш ба молу мулки ба гарав гузошташуда ҷиҳати қонеъ намудани талаботи гаравгир (кредитор) дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадории бо гарав таъминшуда аз тарафи қарздор,  ки барояшон он ҷавобгар мебошад,  мумкин аст» [21].

Аз маводҳои парванда дида мешавад, ки қарзгир С.А. барои таъмини иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи шартномаи кредитӣ бо шартномаҳои гарав №4-2984 аз 30 декабри соли 2024, ки байни Бонк ва қарзгир дар идораи нотариалӣ баста шудааст, воситаи нақлиётро тамғаи BYD E2 ба гарав гузоштааст.

Тибқи санади мутобиққунии нарх ва баҳодиҳии нақлиёти сабукрав предмети гарав-автомашинаи барқии тамғаи BYD E2, соли барориш 2023,

рақами бордон LCOCE4DC3P0403139, рангаш сафед ба маблағи 169 000 сомонӣ нархгузорӣ карда шудааст.

Дар ҷараёни муҳокимаи судӣ аз баёнотҳои додаи шахсони иштироккунандаи парванда муайян гашт, ки қарзгир-гаравдеҳ С.А. бо автомашинаи дар гаравбуда ба садамаи нақлиётӣ дучор гашта, айни замон автомашинаи мазкур дар ҳолати корношоям қарор гирифтааст.

Бинобар ин, аз ҷониби мутахассисони Бонк дар ҳузури қарзгир-гаравдеҳ С.А. амволи гаравӣ муоина карда шуда, бо назардошти ҳолати корношоямӣ ва таъмирталаб буданаш бо санад ба маблағи 54 450 сомонӣ нархгузорӣ карда шудааст. Қарзгир-гаравдеҳ С.А. дар маҷлиси судӣ баён намуд, ки бо нархгузории мазкур розӣ буда, омода аст, ки бо ҳамин арзиш амволашро ба Бонк супорад.

Мутобиқи моддаи 52 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул» [33] предмети гарав, ки мувофиқи ҳамин Қонун пардохтҳо аз ҳисоби он рӯёнида мешаванд, бо роҳи фурӯши ошкоро, савдои хусусӣ ё бо дигар тарзу усулҳои пешбиникардаи созишномаи тарафҳо, инчунин, бо роҳи предмети гаравро харидани гаравгир мувофиқи талаботи ҳамин Қонун фурӯхта мешавад.

Дар маҷмуъ, суди иқтисодӣ бо назардошти ҳолатҳои болоӣ ба чунин хулоса омада, талаботи даъвогарро дар бораи рӯёнидани маблағи қарз ба андозаи 133 427,02 сомонӣ аз ҳисоби ҷавобгар- соҳибкори инфиродӣ С.А. ва ҷавобгари дигар-зомин С.Р. асоснок ҳисобида, қонеъ намудааст.

Дар таҷрибаи судҳои иқтисодӣ, дар баробари таъмини ҳуқуқи шахсони воқеӣ – соҳибкорон, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқӣ ва муассисаҳои давлатӣ дар раванди баррасии баҳсҳои молу мулкӣ ба таври мунтазам ба назар мерасад. Дар ин замина, парвандаи иқтисодии №1-795/25 аз 19 ноябри соли 2025 [218] вобаста ба аризаи даъвогии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «С.К»ба ҷавобгарии Муассисаи давлатии ободонӣ ва кабудизоркунии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оиди рӯёнидани маблағи қарз мавриди таҳлил қарор гирифта шуда, ҷанбаҳои

ҳуқуқӣ, мавқеи тарафҳо, татбиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва нақши суд дар таъмини адолати судӣ мавриди баррасии муфассал қарор дода мешаванд.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 521 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «мутобиқи шартномаи хариду фурӯш як тараф (фурӯшанда) уҳдадор мешавад, ки молро ба моликияти тарафи дигар (харидор) диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ супорад» [21]. Мутобиқи моддаи 573 Кодекси мазкур мувофиқи шартномаи маҳсулотсупорӣ фурӯшанда вазифадор мешавад, ки дар муњлати шартшуда  молро ба харидор супорад.

Тавре аз маводҳои парвандаи мазкур бармеояд, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «С.К» ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, фаъолияти он аз хариду фурӯши сӯзишворӣ, гази моеъ ва нигоҳдорӣ иборат мебошад.

Дар асоси Протоколи равзанаи ягонаи хариди давлатӣ байни Муассисаи давлатии ободонӣ ва кабудизоркунии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (харидор) ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «С.К.» (фурӯшанда) Қарордоди давлатӣ оид ба таҳвили мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба имзо расонида шудааст.

Тибқи бандҳои муайяни қарордоди мазкур молрасон уҳдадор аст, ки ба Ташкилоти харидор молро (сузишворӣ) ба харидор расонад ва Ташкилоти харидор уҳдадор аст, ки молро бо тартибе, ки қарордоди мазкур муайян кардааст, қабул ва пардохт намояд. Нархи умумии қарордод 172 522,98 сомониро ташкил медиҳад.

Мувофиқи Протоколи равзанаи ягонаи хариди давлатӣ тартиби пардохти маблағ барои мол дар намуди пешпардохт ба андозаи 50% ғайринақдӣ ба суратҳисоби молрасон дар муҳлати 10 рӯзи бонки аз рӯзи ба имзо расонидани қарордод пешбинӣ шудааст. Маблағи боқимонда дар

муҳлати 30 рӯзи бонкӣ пас аз дастрас намудани мол ба харидор ба анҷом расонида мешавад.

Суд аз маводҳои парванда муайян намудааст, ки талаботҳои Протоколи равзанаи ягонаи хариди давлатӣ ва уҳдадориҳои Қарордоди давлатӣ оид ба таҳвили мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ аз ҷониби фурӯшанда-ҶДММ «С.К.» оид ба харидор расонидани сӯзишворӣ дар ҳаҷми муқарраршуда ба иҷро расонида шуда, вале қисми маблағи он то ба ҳол ба фурӯшанда аз ҷониби харидор пардохт карда нашудааст, ки аз ин сабаб байни шахсони иштироккунандаи қарордод баҳс ба амал омадааст.

Аз санади муқоисавӣ, ки байни шахсони масъули Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «С.К.» (фурӯшанда) ва Муассисаи давлатии ободонӣ ва кабудизоркунии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (харидор) ба имзо расонида шуда, бо муҳр тасдиқ карда шудааст, бармеояд, ки қарздории ҷавобгар дар назди даъвогар аз рӯйи Қарордоди давлатӣ оид ба таҳвили мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба рӯзи муроҷиат ба суд маблағи 92 887,30 сомониро ташкил намудааст.

Гузашта аз ин, дар маҷлиси суди намояндаи ҷавобгар Б.М. талаботҳои даъвогиро эътироф намуда, баён кардааст, ки Муассиса аз пардохт намудани қарз саркашӣ намекунад, вале айни замон чунин шароити молиявиро надоштааст.

Мувофиқи талаботи қисмҳои 3 ва 5 моддаи 69 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон «аз ҷониби яке аз тарафҳо эътироф кардани ҳолатҳое, ки тарафи дигар талабот ва норозигии худро асоснок мекунад, тарафи дигарро аз исбот кардани ин ҳолатҳо озод менамояд. Ҳолатҳое, ки бо тартиби муқарраркардаи моддаи мазкур тарафҳо эътироф ва тасдиқ кардаанд, минбаъд дар ҷараёни пешбурди парванда дар мавриди аз ҷониби суди иқтисодӣ қабул кардани онҳо санҷида намешаванд»[22].

Тибқи муқаррароти моддаи 356 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «уҳдадориҳо бояд ба таври матлуб мутобиқи шартҳои уҳдадорӣ ва талаботи қонунгузорӣ иҷро карда шаванд. Ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо

тарафҳо уҳдадоранд бовиҷдонона амал карда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамдигарро ба назар гиранд, барои ноил шудан ба мақсади уҳдадорӣ мусоидат намоянд» [21].

Дар маҷмуъ, суд талаботи даъвогарро асоснок шуморида, бо назардошти таҳлил ва ҳолатҳои ҷойдошта қонеъ намудани онро мувофиқи мақсад донистааст. Бо ин роҳ, суд баҳсро дар доираи қонун ва бо риояи манфиатҳои қонунии тарафҳо ҳал намуда, ба таъмини суботи муносибатҳои иқтисодӣ ва эътимод ба адолати судӣ мусоидат намудааст. Ин санади судӣ нақши муҳимми суди иқтисодиро дар ҳифзи ҳуқуқ ва таҳкими қонуният бозгӯ мекунад.

Таъиноти суди иқтисодӣ оид ба тасдиқи созиши оштии тарафҳо ба таъмини ҳуқуқи инсон нақши муҳим дорад, зеро он ҳуқуқи тарафҳоро ба ҳаллу фасли ихтиёрии баҳс, ҳифзи манфиатҳои қонунии онҳо ва дастрасӣ ба адолати судӣ таъмин менамояд. Бо тасдиқи чунин созиш, суд на танҳо риояи қонуниятро кафолат медиҳад, балки принсипи баробарӣ ва озодии иродаи тарафҳоро дар раванди судӣ амалӣ месозад. Бо назардошти ин ҳолат, дар идома таҳлили парвандаи иқтисодии №1-103/25 аз 17 феврали соли 2025 бо аризаи даъвогии саҳмдори хоҷагии деҳқонии «Ҳ.Ч.»-А.Т. ба ҷавобгарии хоҷагии деҳқонии «Ҳ.Ч.» дар шахсияти роҳбараш Ҳ.И., ҷавобгари дигар Кумитаи идораи замини дар бораи баргардонидани саҳми замин ва бартараф кардани монеагӣ дар истифодабарии замин, анҷом дода мешавад.

Доир ба парвандаи мазкур шахсони иштироккунандаи парванда ба суд созиши оштӣ пешниҳод намуда, хоҳиш кардаанд, ки он тасдиқ карда шуда, истеҳсолоти парванда қатъ карда шавад.

Дар маҷлиси судӣ намояндагони даъвогар А.Ш. ва С.М. баён намуданд, ки даъвогар-саҳмдор А.Т. ва ҷавобгар-роҳбари хоҷагии деҳқонии «Ҳ.Ч.» Ҳ.Т. вобаста ба баҳси ба миёномада ба мувофиқа омада, маслиҳат намудаанд, ки саҳмдор А.Т. дар маҷмуъ аз саҳми замини доштааш дар хоҷагии деҳқонӣ 0,25 гаро истифода бурда, боқимонда 0,14 га саҳми заминаш дар истифодабарии роҳбари хоҷагии деҳқонӣ Ҳ.Т. мемондааст. Бар

ивази ин бошад тамоми маблағҳои замин, аз ҷумла андоз барои замин аз ҷониби ҷавобгар пардохт карда мешаванд. Бинобар ин, аз суд тасдиқ намудани созиши оштӣ ва қатъ намудани истеҳсолоти парвандаро пурсиданд.

Дар маҷлиси судӣ ҷавобгар-роҳбари хоҷагии деҳқонии «Ҳ.Ч.» Ҳ.Т. иброз намуд, ки қаблан роҳбари хоҷагии деҳқонӣ ҳамсараш Ҳ.И. буда, бо Протоколи маҷлиси умумии саҳмдорони хоҷагии деҳқонии «Ҳ.Ч.» бинобар вафоти ҳамсараш, роҳбарии хоҷагии деҳқониро ӯ ба уҳда дорад. Мувофиқи рӯйхати саҳмдорони хоҷагии деҳқонӣ ба даъвогар-саҳмдор А.Т. 0,39 га қитъаи замин мансуб буда, айни замон дар истифодариаш 0,15 га замин мебошад. Дар ҳақиқат байни онҳо мувофиқаи созиш ба имзо расонида шудааст, ки мутобиқи он саҳмдор А.Т. розӣ шудааст, ки 0,25 га саҳми заминро истифода бурда, боқимонда 0,14 га замин дар истифодабарии хоҷагии деҳқонӣ мемонад. Бар ивази ин бошад хоҷагии деҳқонӣ дар намояндагии раис уҳдадор мешавад, ки тамоми пардохтҳои заминро, аз ҷумла андози заминро ба уҳдааш гирифта, ба даъвогар барои гузаштан ба қитъаи замин роҳ диҳад. Бо ин асосҳои овардашуда аз суд тасдиқ намудани созиши оштӣ ва қатъ намудани истеҳсолоти парвандаро пурсидааст.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 137 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони иштироккунандаи парванда баҳсро метавонанд, бо роҳи созиш ва ё бо истифода аз дигар расмиётҳои оштишавӣ танзим намоянд. Дар сурати аз ҷониби суди иқтисодӣ тасдиқ гардидани созиши оштӣ истеҳсолоти парванда қатъ карда мешавад.

Созиши оштии тарафҳо аз рӯйи шакл ва мазмун ба талаботи моддаи 139 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, мухолифи қонун нест ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор намесозад. Аз ин рӯ, суди иқтисодӣ ба хулоса омад, ки созиши оштии тарафҳоро тасдиқ намуда, истеҳсолоти парвандаро қатъ намояд.

Ҳамзамон,, ба тарафҳо тавзеҳ дода шудааст, ки мувофиқи қисми 5 моддаи 150 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавриди қатъ

кардани истеҳсолоти парванда муроҷиати такрорӣ ба суди иқтисодӣ оид ба баҳси ҳамон шахсон, дар бораи ҳамон предмет ва бо ҳамон асосҳо имконнопазир мебошад.

Суди иқтисодӣ дар асоси моддаҳои 140-141, 149-150 ва 182-183 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [22] созиши оштии тарафҳоро тасдиқ кардааст, ки ин шаҳодати риояи қонуният, ихтиёрияти иродаи тарафҳо ва татбиқи самараноки принсипи адолати судӣ дар ҳалли баҳси иқтисодӣ мебошад.

Бо истифода аз таҷрибаи судӣ чунин ба назар мерасад, ки судҳои иқтисодӣ дар раванди таъмини ҳуқуқи инсон, махсусан ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва моликиятии субъектҳои хоҷагидорӣ, нақши муҳим ва муассир доранд. Таҳлили қарорҳои судӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти ин судҳо на танҳо ба ҳалли одилонаи баҳсҳои иқтисодӣ равона гардида, Ҳамзамон, ба таъмин намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ, баровардани адолати судӣ, таҳкими сатҳи боварии субъектони муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳокимияти судӣ, инчунин, ба густариш додани фазои устувори ҳуқуқӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро меъёри асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ эълон карда, дар асоси таҷзияи ҳокимият тартиби ташкил, салоҳият ва ҳамкории байни мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дақиқ танзим гардидааст. Дар сатҳи конститутсионӣ инъикос ёфтани таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроияи ва судӣ ҳамчун дастоварди муҳимми давраи соҳибистиқлолӣ мебошад. Ҳокимияти судӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, ба зиммаи онҳо назорати конститутсионӣ ва таъмини адолати судӣ вогузор гардидааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми судии кишварро муқаррар намудааст, ки дар ин низоми мавқеи муайянро судҳои иқтисодӣ касб мекунанд.

Ташкили судҳои иқтисодӣ яке аз самараи бунёдкоронаи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, зимни ислоҳоти асосии иқтисодиёт ва

низоми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омаданд. Таъсиси судҳои махсусгардонидашуда ба раванди ҳимояи ҳуқуқи инсон таъсири мусбат расонид, зеро он ба ҳалли самараноки низоъҳои иҷтимоӣ ва ҳимояи самараноки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад.

Чӣ тавре Б.С. Исозода қайд менамояд: «Дастовардҳои муҳимтарини ислоҳоти судӣ дар охири солҳои 90-ум ва аввали соли 2000-ум дар соҳаи фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инҳоянд:

«-Эътирофи принсипҳои таҷзияи ҳокимият ва дар ин замина эътирофи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият;

- Эътирофи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо мақсад ва вазифаи асосии фаъолияти ҳокимияти судӣ;

- Тавсеаи самтҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ бо роҳи додани ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти контрол ва назоратӣ (аз ҷумла, мақомоти таҳкик ва тафтишоти пешакӣ) ;

- Мустаҳкам намудани чунин принсипҳои демократии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба монанди мустақилияти ҳокимияти судӣ, соҳибихтиёрии ҳокимияти судӣ, волоият ва амали мустақими Конститутсия, қонуният» [184, с. 145].

Аз таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қонунгузории дар асоси он қабулшуда чунин бармеояд, ки яке аз ҳадафи асосии давлат ин эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад ва дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳз мақомоти судӣ нақши асосиро мебозад. Ҳадафҳои асосии фаъолияти ҳокимияти судӣ дар замони муосир инҳоро дар бар мегирад: ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини волоият ва амали бевоситаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми ҳудуди он. Дар ҳамин ҳол, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мақсади бунёдии фаъолияти ҳокимияти судӣ ба ҳисоб рафта, ҳамаи дигар ҳадафҳо ба он мутааллиқ мебошанд. Мақсади ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи ҳокимияти

давлатӣ аз ҳимояи арзишҳои ҳуқуқии инсон, давлат ва ҷомеа тавассути татбиқи адолати судӣ, иборат мебошад.

Аз мафҳуми адолати судӣ дар судҳои иқтисодӣ чунин бармеояд, ки фаъолияти он дар низоми судии кишвар ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон бо роҳи баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ равона гардидааст. Яке аз вазифаҳои асосии судҳои иқтисодӣ ин таъмини дастрасии адолаи судӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолияти дорои хусусияти иқтисодӣ мебошад. Дастрасӣ ба адолати судӣ тавассути ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ амалӣ гардида, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро барои бемамонеа мурочиат намудан ба суд ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда ва ё манфиатҳои таҳти ҳимояи қонун қарордошта таъмин менамояд.

Судҳои иқтисодӣ дар низоми ҳуқуқии ҳар як давлат нақши муҳим дошта, вазифадоранд, ки баҳсҳои иқтисодиро дар доираи риояи ҳуқуқу манфиатҳои инсон ҳаллу фасл намоянд. Кафолати ҳифзи судии шахс мавқеи марказиро дар воситаҳое, ки ҳамчун таъминкунандаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон эътироф шудаанд, ишғол менамояд. Дар таъмин намудани ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ кафолатҳои конститутсионӣ, ки дар таҳти онҳо шартҳо, воситаҳо ва усулҳои ҳуқуқии пешбиникардаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосӣ буда, тавассути онҳо барқароркунии ҳуқуқҳои вайронкардашуда ба даст оварда мешавад.

Тибқи моддаи 87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонунҳо итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст» [1]. Аз ин рӯ, ҳеҷ як мақоми ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ҳуқуқи мудохила намудан ба фаъолияти мақомоти судиро надоранд [1].

Ҳокимияти судӣ ваколатҳояшро тавассути баргузор намудани мурофиаи конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ амалӣ менамояд, ки дар доираи шаклҳои мурофиавии муқарраргардида сурат мегиранд. Шакли

мазкур ҳамчун кафолати риояи қонуният ва таъмини адолат дар қарорҳои судӣ хидмат мекунанд.

Тибқи анъана, мафҳуми адолати судӣ, ки дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба низоми судӣ ташаккул ёфтааст, танҳо фаъолияти судҳоро оид ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ дар бар мегирифт. Вале дар шароити муосир, бо назардошти афзоиши нақши ҳокимияти судӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, доираи он васеъ гардидааст.

Судҳои иқтисодӣ ҳамчун унсури таркибии низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мурофиаи судиро тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд. Мувофиқи моддаи 1 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Адолати судиро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо роҳи ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва баррасии дигар парвандаҳо, ки бо Кодекси мазкур ва дигар қонунҳо ба салоҳияти онҳо дахл доранд, ба амал мебароранд» [22].

Тавре дар зербобҳои қаблӣ овардаем вазифаҳои мурофиаи судии иқтисодӣ аз дуруст ва сари вақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои иқтисодӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи шахсони воқеӣ (соҳибкорони инфиродӣ) ва ҳуқуқӣ, инчунин, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони дигар, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, замин, экологӣ ва муносибатҳои дигари ҳуқуқӣ мебошанд, иборат аст. Мурофиаи судии иқтисодӣ ба таҳкими адолат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ташаккули муносибати эҳтиромона ба қонун ва суд бояд мусоидат намояд.

Вазифаҳои мазкур дар асоси ҳадафҳои фаъолияти судӣ, ки аз Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва шартномаҳои байналмилалии

эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, муайян карда мешаванд. Вазифаҳои мазкур дар маҷмуъ ба таъмин намудани ҳифзи судӣ ҳамчун мақсади ниҳоии адолати судӣ ва натиҷаи фаъолияти низоми судӣ равона карда шудаанд. Вазифаҳои мурофиаи судӣ дар судҳои иқтисодӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1) ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодиро амалӣ менамоянд, инчунин, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

2) таъмини дастрасии адолати судӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

3) баррасии одилонаи судии оммавӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби суди мустақил ва беғараз;

4) мустаҳкам намудани қонуният ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

5) ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба қонун ва суд ва ғайра.

Вазифаҳои асосии судҳои иқтисодӣ ҳангоми баррасии баҳсҳое, ки ба салоҳияти онҳо мансуб диниста шудаанд, аз инҳо иборатандд:

1) ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда ё мавриди баҳс қароргирифта ва манфиатҳои қонунии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

2) мусоидат ба таҳкими қонуният ва пешгирии қонуншиканӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ.

Вазифаҳои зикршуда тавассути судҳои иқтисодӣ бо усулҳои хоси онҳо, ки ба дигар мақомоти ҳокимияти судӣ хосанд, амалӣ карда мешаванд. Инчунин, онҳо дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ пешбинӣ кардааст, татбиқ мегарданд. Судҳои иқтисодии марҳилаи аввал ва марҳилаи кассатсионии парвандаҳоро тибқи салоҳияти худ ҳаллу фасл менамоянд, судҳои иқтисодии марҳилаи кассатсионӣ қонуният ва асоснокии

қарорҳо ва ҳалномаҳои қабулшудаи судҳои иқтисодии зинаи аввал ва кассатсиониро мавриди санҷиш қарор медиҳанд.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми махсусро дар низоми судҳои иқтисодӣ ишғол намуда, функсияҳои зеринро иҷро мекунад:

1) Суди Олии иқтисодӣ ҳамчун мақоми олии судӣ ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигари ба он алоқамандро таъмин менамояд, зеро тибқи қоидаҳои тобеияти мурофиавӣ, баъзе категорияҳои парвандаҳо ба салоҳияти истисноии он мансуб дониста шудаанд;

2) Суди Олии иқтисодӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ назорати судиро нисбат ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ анҷом дода, инчунин, ҳуҷҷатҳои судии қаблан қабулшуда ва ба қувваи қонунӣ воридгаштаро дар асоси ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ менамояд.

Назорати судиро метавон ҳамчун татбиқи функсияи назоратии ҳокимияти судӣ дар раванди амалӣ намудани татбиқи адолати судӣ дар доираи шакли махсуси мурофиавии судӣ маънидод кард. Назорати судӣ тавассути судҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмин намудани риояи қонуният, инчунин, барқарор намудан ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳар як шахс ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар умум амалӣ карда мешавад.

Амалӣ намудани назорати судӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, ҷиҳати таъмини ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба ҳифзи давлатӣ нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ алоқаманд аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои қувваи олии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои он мустақиман амалӣ карда мешавад. Вале, ин принсип зарурати мушаххас намудани механизмҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи тартиботи мурофиавиро, ки дар доираи онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бояд татбиқ шаванд, истисно намекунад. Аз ин лиҳоз, дар шароити низоми нави давлатдорӣ зарурати идома ва такмили механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар соҳаи фаъолияти ҳокимияти иҷроия ва қонунгузорӣ ба миён меояд.

Яке аз шартҳои асосии муҳокимаи одилонаи судӣ мавҷудияти институти назорати судӣ нисбат ба қонунияти қарорҳо ва амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки дар доираи он хусусиятҳои мурофиавии баррасии парвандаҳо пешбинӣ шуда, ҳуқуқҳои мурофиавии баробар барои мурочиаткунандагон ва намояндагони ваколатҳои давлатӣ таъмин карда мешавад.

Амалӣ намудани назорати судӣ аз болои парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ бармеоянд, пайваста дар доираи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ рушд меёбад.

Ташаккули институти мавриди баҳси судӣ қарор додани амалҳои (беамалии) ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор давраи мураккаб ва тӯлонии инкишофи худро тай кардааст. Шаклҳои гуногуни ҳифзи судии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ҳанӯз аз солҳои аввали мавҷудияти давлати аввалини миллӣ маълум буданд. Аммо дар шакли ҳозира бо қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар соли 1994 равишҳои арзишии умумӣ нисбат ба ҳифз ва муҳофизати ҳуқуқи инсон муайян карда шуданд.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва инчунин, санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ба монанди, Конвенсия оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, ҳуқуқи мурочиат ба суд барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд кафолат дода мешавад. Ҳуқуқи мазкур дар моддаи 4 -и Кодекси мурофиавии иқтисодӣ низ мушаххас гардидааст, ки тибқи он ҳар шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба суди иқтисодӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ мурочиат намояд ва онҳоро дар раванди судӣ ҳимоя кунад. Тибқи ин санадҳо, шахсони манфиатдор метавонанд ба суди босалоҳияти дахлдор, аз ҷумла ба суди иқтисодӣ, барои ҳифзи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ мурочиат кунад.

Бо назардошти ин, ҳар як шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба суди иқтисодӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои

худ муроҷиат кунад ва онҳоро дар мурофиаи судӣ ҳимоя кунад. Дар баробари ин шахси манфиатдор имкон дорад, барои химояи судӣ ба суди дахлдори салоҳиятдор, аз ҷумла ба суди иқтисодӣ муроҷиат намояд. Шахси манфиатдор ҳамчун шахсе фаҳмида мешавад, ки оид ба поймол шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниаш муроҷиат кардааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коркарди назариявии механизми амалигардонии ҳокимияти судӣ олимони ватанӣ аз қабили Ф.Т. Тоҳиров [116, с. 260], А.И. Имомов [8, с. 670], А.И. Диноршоев [182, с. 197], И.Б. Буризода [179, с. 199], С. Баҳриддинов [136, с. 170], З.Ҳ. Искандаров [82 с. 136], Х.М. Ғафуров [181, с. 198], Ш.М. Менглиев [160, с. 226] ва дигарон саҳми худро тавассути таҳқиқотҳои илмии худ гузоштаанд. Маҳз, дар асоси таҳқиқоти илмии номбурдагон фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ҳимояи ҳуқуқҳои инсон боз ҳам самаранок гардида, сатҳу сифати навро дар рушди адолати судӣ касб намуд.

Чӣ тавре маълум аст, дар солҳои охир ба васеъшавии босуръати соҳаи иқтисодиёт ва таъмин ҳуқуқҳои иқтисодии инсон нақши судҳои иқтисодӣ назаррас буда, дар баҳсҳои ҳуқуқии марбут ба иқтисод, тиҷорат ва дигар масъалаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ кӯмак мекунанд. Ин судҳо дар кишварҳои гуногун сохтори мухталиф доранд, вале вазифаи аслии онҳо ҳалли баҳсҳо дар марҳилаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, судҳои иқтисодӣ метавонанд дар муайян кардани масъулияти қонунии тарафҳо дар соҳаи иқтисодӣ, ба манфиати ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши муҳим бозанд.

Ҳуқуқи иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон ҷузъи муҳимми ҳуқуқи инсон аст, ки таҳти ҳимояи давлат тавассути қонунгузорӣ қарор мегирад. Масалан, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқи ба манзил ва амсоли инҳо аз ҷумлаи ҷузъҳои таркибии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб рафта, судҳои иқтисодӣ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба зумраи ин гуна ҳуқуқҳо дахл доранд, нақши назаррас доранд.

Асоси фаъолияти ҳокимияти судиро таъмини адолати судӣ ташкил дода, ҳамчун институти муҳимми давлати демокративу ҳуқуқбунёд, ки дар рушди

босуръати ҷомеаи муосир ва муносибатҳои тарафайни байни давлат ва шаҳрванд нақши калидиро мебозад, муаррифӣ карда мешавад. Судҳои иқтисодӣ мавқеи хосса дар ҳимояи ҳуқуқи меҳнат доранд, ки қисми муҳимми ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Суд ин марҳилае мебошад, ки одамон ҷиҳати барқарории адолати судӣ аз ҷониби давлат кӯмаки адолатонаро мунтазир мешаванд, зеро, роҳҳои дигари танзими ҳалли адолатонаи баҳсро аз даст додаанд.

Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ зимни поймолшавии ҳуқуқҳои иқтисодиашон метавонанд ба судҳои иқтисодӣ ҷиҳати барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаашон мурочиат кунанд. Судҳо барои баҳсҳои байни шаҳрвандон ва давлат ё байни субъектҳои тиҷоратӣ ва истеъмолкунандагон муҳокима мебаранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар низоми давлату давлатдорӣ мавқеи ҳокимияти судиро баланд арзёбӣ намуда, чунин баён кардаанд: «Ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бе мавҷудияти низоми дақиқан муайяншудаи мустақил ва беғарази судӣ аз имкон берун аст. Ҳокимияти судии мустақил дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонуният ва адолати иҷтимоӣ нақши назаррасро мебозад. Тақвияти фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти суд бо инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайванди ногусастанӣ дорад. Мо барои мустақилияти судҳо ва таъмини фаъолияти дахолатнопазири онҳо ҷиҳати ҳифзи адолати иҷтимоӣ минбаъд низ тадбирҳои судманд меандешем» [46].

Нақши судҳои иқтисодӣ дар ҳимояи ҳуқуқҳои инсон аз қабили ҳуқуқҳои поймолшуда ё мавриди баҳс қароргирифтаи шахсони ба соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ машғулбуда, инчунин, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ назаррас буда, таъмини дастрасии адолати судиро дар самти мазкур ба таври самаранок амалӣ менамояд. Ҳамзамон, бо риоя намудани меъёрҳои ҳуқуқи

байналмилалӣ судҳои иқтисодӣ бояд дар риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон меъёрҳои байналмилалиро, ки аз ҷониби давлатҳо эътироф гардидаанд, риоя кунанд.

Нуфузи ҳифзи судӣ дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ махсус инъикос гардида, судҳо дар доираи стандартҳои байналмилалӣ таъмини ҳуқуқи инсонро амалӣ менамоянд. Дар ин асно, моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чунин баён мекунад: «Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосиаш, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ доранд» [64]. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ низ ба ҳар як давлати ширкаткунандаи паймони мазкур ухдадорӣ мегузорад, ки ҳуқуқ ба ҳифзи судии ҳама гуна шахс аз ҷониби мақомоти судӣ таъмин карда шавад [64].

Судҳои иқтисодӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон дар соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ накши калидӣ дошта, барои ҳимояи ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва дигар ҳуқуқҳои иқтисодӣ кӯмак мекунанд. Самаранок намудани низоми судии иқтисодӣ ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ барои таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқи инсон муҳим аст.

Фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар низоми адолати судӣ ва рушди ҷомеаҳо на танҳо ба таъмини ҳуқуқи иқтисодӣ, балки ба таъмини рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аҳамиятнок аст. Муҳимтарин вазифаи давлат ҷиҳати устувор нигоҳ доштани пояҳои истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Давлат барои таъмини иҷрои ин вазифаи пурмасъул мақомотҳои дахлдорро таъсис дода, ба ин восита ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро ба роҳ мемонад. Ҳокимияти судӣ чунин мақомоти давлатие мебошад, ки таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро бо баровардани адолати судӣ амалӣ мегардонад.

Албатта ин бесабаб нест, зеро ҳокимияти судӣ тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақил буда, аз номи давлат ва аз

тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ ва озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Баҳри таъмини иҷрои ин вазифаи муҳим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муайяни судӣ амал дошта, ҳамарӯза дар асоси аризаҳо, аризаҳои даъвогӣ ва дигар шакли муроҷиати шаҳрвандон аз ҷониби судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳо оғозу баррасӣ шуда, бо дастрасии меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин мегардад.

Нақши суди иқтисодӣ дар таъмини ҳуқуқҳои инсон доир ба масъалаҳои иқтисодӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро доро буда, дар қабули санадҳои судии дар бораи соҳибкорон, муассисаҳо ва шахсони ҳуқуқӣ, ки ба иқтисод ва соҳибкорӣ алоқаманд аст, масъул мебошад. Ҳуқуқи инсон ба озодии фаъолияти иқтисодӣ маънои таъмини шароити баробар барои ҳама, аз қабили соҳибкорон баҳри интихоби озодонаи фаъолияти худ ва иштирок дар иқтисоди бозориро дорад.

Яке аз вазифаҳои асосии суди иқтисодӣ дар амалишавии ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон ин таъмини дастрасии адолат дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Дастрасӣ ба адолати судӣ тавассути ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, муроҷиати бемамониат ба суд барои ҳифзи ҳуқуқи субъективии поймолшуда ё манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда амалӣ мегардад. Танҳо ҳангоми баррасии судӣ тақдири мурофиавии ҳар як аризаи даъвогӣ, хар як муроҷиат ба суд барои ҳифзи судӣ муайян карда мешавад. Яке аз вазифаҳои муҳимми суд дар ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ин таъмини самаранок ва саривақти ҳимояи судӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон ва дигар шахсоне мебошад, ки ба суди иқтисодӣ муроҷиат мекунанд.

Дар баробари ин, чун қоида, низомҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун дар қонунҳои худ мӯҳлатҳои муайянро муқаррар мекунанд, ки аксар вақт аз сабаби танг будани мӯҳлатҳо беасосанд.

Е.Ю. Бессонова дар мақолаи илмии худ чунин овардааст: «Агар мӯҳлатҳоеро, ки суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон дарозии мӯҳлати баррасии

парвандаро эътироф кардааст ва мухлатҳои баррасии парвандаро дар шикояти кассатсионии дуюм муқоиса кунем, маълум мешавад, ки пайдоиши марҳилаи нав, гарчанде ки он ба давраи умумии мурофиа таъсир мерасонад, дар доираи «оқилона будани» мухлатҳои мурофиавӣ мебошад. Аз тарафи дигар, Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон дар робита ба судҳои юрисдиксияи умумӣ, номуайянии вазъиятро, ки дар он қарорҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда метавонанд дар якчанд мақомоти назоратӣ мавриди баҳс қарор гиранд, изҳор доштааст» [138, с. 727].

Ба қавли А.П. Фоков ҳамкории мутақобилаи низомҳои ҳуқуқии миллӣ ва ниҳодҳои боломиллии аврупоӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон имкон медиҳад, ки механизмҳои коҳиш додани шумораи шикоятҳо ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон инкишоф ёбанд [172, с. 120].

Ягон мақомот аз қабили мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ надоранд, ки қонунҳо ё дигар санадҳои меъёриро, ки тартиби пешбурди мурофиаи судиро дар суди иқтисодӣ танзим мекунанд, қабул намоянд. Санадҳои меъёрии аз ҷониби мақомотҳои мазкур оид ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ ва дигар баҳсҳое, ки бо қонунҳои ҷорӣ ба тобеияти судҳои иқтисодӣ гузошта шудаанд, татбиқ карда намешаванд ва агар қонунгузории мазкур татбиқ карда шавад, қарорҳои тибқи он қабулшуда, ки бар хилофи қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ қабул шудаанд, бояд бекор карда шаванд. Татбиқи ҳокимияти судӣ аз иҷрои ваколатҳое иборат аст, ки ба судҳо тааллуқ дошта, барқарор намудани адолат барои онҳо яке аз ваколатҳои муҳимтарин мебошад.

Тавре В. Гребенников ва Б. Сагаджиев қайд менамоянд: «Адолат - салоҳияти истисноии ҳокимияти судӣ буда, консепсияи анъанавии он, ки ба меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи низоми судӣ асос ёфтааст, танҳо фаъолияти судҳоро оид ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ дар бар мегирад» [142, с. 37].

Судҳои иқтисодӣ, ки ба судҳои салоҳияти махсус алоқаманданд, бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мурофиаи судиро анҷом диҳанд.

Ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита татбиқ гардида, тавассути барқарор намудани адолат таъмин карда мешаванд. Тамоми вазифаҳо ба таъмини ҳифзи судӣ ҳамчун ҳадафи ниҳоии адолати судӣ ва натиҷаи фаъолияти низоми судӣ равона шуда, дар он адолат ҳамчун омиле ба ҳисоб меравад, ки таъсири бевоситаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад.

Ҳадафҳои асосии мурофиаи судӣ дар судҳои иқтисодӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии инсон инҳоянд:

1) ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсоне, ки ба соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ машғуланд, инчунин, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии давлат ва субъектони он дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ ва ғайра;

2) дастрасии адолатро дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ таъмин намудан;

4) тақвият ва таҳкими қонунгузорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

Вазифаҳои зикргардида аз ҷониби судҳои иқтисодӣ бо тарзи ба онҳо ва инчунин, ба дигар мақомоти судӣ хос ва бо ёрии ваколатҳои дар қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ пешбинишуда, амалӣ карда мешаванд. Барои иҷрои ин вазифаҳо, суди иқтисодӣ дорои ваколатҳои дахлдори худ мебошад.

Дастрасӣ ба адолат дар судҳои иқтисодӣ бо як қатор сабабҳо муҳим аст. Шаҳрвандони дорои мақоми соҳибкор ва намояндагони ба истилоҳ тиҷорати хурд (ташкилотҳои тиҷоратии хурд, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ заифтаранд) барои ҳимояи судӣ ба судҳои иқтисодӣ мурочиат мекунанд. Баррасии парванда дар суд, вақте ки тарафи дигар давлат аст, барои онҳо хеле душвор аст, зеро бисёре аз мақомоти давлатӣ аз пардохти боҷи давлатӣ озоданд ва дар онҳо штатҳои махсуси ҳуқуқшиносон, ки манфиатҳои давлатро ҳимоя мекунанд ва ё бар зидди ташкилотҳои калони тиҷоратӣ парванда пеш мебаранд.

Дар суди иқтисодӣ адолати судӣ бояд дар асоси баробарҳуқуқии ташкилотҳо ва шаҳрвандон, сарфи назар аз ҳама гуна аломатҳо ва меъёрҳо

(ҷинс, нажод, миллат, забон, пайдоиш, вазъи молу мулкӣ ва мансабӣ, маҳали истиқомат, муносибати динӣ, эътиқод, узвият дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин, ҳолатҳои дигар) амалӣ карда шавад. Принсипи мустақилияти судяҳо ва тобеияти онҳо танҳо ба қонун, онро дар назар дорад, ки судяҳо ҳангоми татбиқи адолати судӣ бояд қарорҳои судиро бидуни таъсири ҳар гуна мақомот ё шахсони дигар қабул намуда, танҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор такя намоянд.

Принсипи баробарии тарафҳо чунин аст: Якум, баробарии тарафҳо ҳангоми муроҷиат ба суди иқтисодӣ: даъвогар даъво пешниҳод мекунад ва ҷавобгар дар навбати худ ҳуқуқ дорад, даъвои муқобили даъво пешниҳод намояд ва ғайра. Дуюм, баробарии имконияти ҳифзи ҳуқуқҳо дар суд: даъвогар метавонад аз даъво ва ҷавобгар бошад аз даъвои муқобили даъво даст кашанд. Ҷавобгар метавонад даъворо эътироф кунад, тарафҳо метавонанд шартномаи созишӣ оштӣ, инчунин, созишнома дар бораи тағйир додани салоҳият ё тобеияти судӣ банданд. Изҳори назар ва дархостҳои шахсони иштироккунандаи парванда аз ҷониби суди иқтисодӣ пас аз шунидани андешаи шахсони дигари иштирокчии парванда ҳал карда мешаванд. Сеюм, имкониятҳои баробари тарафҳо барои иштирок дар исботкунӣ.

Суди иқтисодӣ, ки вазифаи мақоми судӣ ва ҳакамиро иҷро мекунад, набояд ба яке аз тарафҳо дар муҳокимаи судӣ бартарӣ диҳад, ки ин ба шакли мурофиаи иқтисодӣ, ки қобилияти ҳуқуқии як тараф бо чораҳои мурофиавии ҳифзи тарафи дигар мухолифат мекунад. Принсипи мубоҳиса қоидаест, ки тибқи он шахсони ба натиҷаи парванда манфиатдор ҳуқуқи худро дар баҳс бо пешниҳоди далелҳо, иштирок дар омузиши далелҳои пешниҳоднамудаи шахсони дигар, бо баёни ақидаи худ оид ба ҳамаи масъалаҳои дар суд баррасишаванда ҳуқуқ доранд. Тарафҳо дар суди иқтисодӣ рақобат карда, судро бо далелҳои гуногун бовар мекунонанд, ки онҳо дар баҳс ҳақ доранд. Принсипи мубоҳиса шакли кунунии равандро инъикос намуда, ангезаи рафтори тарафҳоро дар суди иқтисодӣ муайян мекунад. Чун қоидаи умумӣ, ҳар як шахси иштироккунандаи парванда бояд ҳолатҳоеро исбот кунад, ки ба

онҳо асос барои даъво ва эътирози худ ишора мекунад. Далелҳоро худи шахсони иштироккунандаи парванда пешниҳод мекунанд.

Ҳангоми муайян кардани ҳадафҳои судҳои иқтисодӣ чунин муқаррарот, ба монанди баланд бардоштани самаранокии адолати судӣ ва самаранокии ҳимояи судӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳо, муқаррар намудани тартиботи ҳуқуқӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд. Вазифаҳои судҳои иқтисодӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон аз инҳо иборатанд: ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ташкилотҳо ва шаҳрвандон бо қонун муҳофизатшаванда, якхела ва дуруст татбиқ намудани қонунгузорӣ, бо воситаҳои ҳуқуқӣ ёрӣ расондан ба риояи қонунгузорӣ ва мустаҳкам намудани қонуният дар муносибатхои иқтисодӣ. Суди иқтисодӣ вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо дар таъмини ҳуқуқи инсон ба таври қатъӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ иҷро мекунад.

Дар баробари ин, то имрӯз аксари ҳуқуқшиносон, аз қабили Н.Н. Ткачева ғаразнокӣ ва беадолатии ҳимояи судӣ, вайрон кардани муҳлатҳои мурофиавии баррасии парвандаҳо, риоя накардани одоби судяро ҳамчун мушкилоти асосии ҳифзи судӣ таъкид мекунанд [170, с. 7-14].

Бояд қайд кард, ки дар солҳои охир қонунгузории танзимкунанда дар самти ташкил ва фаъолияти судии муосир ба таври назаррас навсозӣ карда шуда истода, рушди он ба ҳимояи судӣ дар соҳаи иқтисодӣ асосан дар сохтори судӣ ва бахшҳои мурофиаи судии қонунгузорӣ дар бораи ҳокимияти судӣ, хусусан дар қонунгузории танзимкунандаи ҷанбаҳои ташкилию ҳуқуқии низоми судҳои иқтисодӣ ва қонунгузории мурофиавии он амалӣ карда мешавад.

Судҳои иқтисодӣ, ҳамчун мақомоти судии махсус, нақши боз ҳам муҳимтарро дар таъмини ҳуқуқи инсон, махсусан ҳуқуқҳои иқтисодӣ, мебозанд. Ин судҳо барои ҳалли ихтилофоти вобаста ба масъалаҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ таъсис ёфтаанд, аммо вазифаҳои онҳо фаротар аз ҳал кардани муаммоҳои иқтисодӣ меравад. Нақши судҳои иқтисодӣ дар таъсир гузоштан ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар мавриди иқтисодӣ дар мавқеи беназир дар низоми ҳуқуқӣ барои шарҳу татбиқи қонунҳое, ки сиёсати иқтисодиро бо кафолатҳои

асосии ҳуқуқи инсон баробар мекунанд, маҳфуз аст. Суд зимни баррасии парвандаҳо, таҳлил ва иҷрои қонунҳои маҳаллӣ дар робита бо стандартҳои байналмилалӣ дар ҳимоя ва таъмини ҳуқуқи инсон мусоидат менамояд.

Дар низоми қонунгузории давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, новобаста аз хусусияти иқтисодии баҳсҳо, масъалаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар судҳои иқтисодӣ дар ҷойи аввал қарор дорад. Аз ҷониби суд бояд зимни баррасӣ намудани баҳсҳои соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодӣ уҳдадор аст, дар баробари татбиқи қонунҳои амалкунандаи миллӣ инчунин, муқаррароти байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз қабили, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба таври қатъӣ риоя карда шавад.

Омузиши таҷрибаи судии давлатҳои аъзои ИДМ ба мо имкони чунин хулосарониро медиҳад, ки муносибатҳои иқтисодии дар соҳаи таъмини озодии фаъолиятҳои иқтисодӣ ташаккулёфта, мавқеи муҳимро дар сатҳи байналмилалӣ ишғол мекунанд. Татбиқи адолат дар судҳои иқтисодӣ ба сатҳи мувофиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва аврупоӣ муносиб гардида, ҳуқуқи инсон боз ҳам самаранок таъмин карда мешавад. Ҳамчунин як қатор қоидаҳо таҳия шудаанд, ки хусусияти зерқонунӣ дошта, асосҳоро барои мақомоти қонунгузори кишварҳо дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ фароҳам меоранд.

Дар боби сеюм масъалаи нақши судҳои иқтисодӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон аз дидгоҳи ҳуқуқи муосир ва талаботи адолати иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифт. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки гарчанде судҳои иқтисодӣ бештар ҳамчун мақоми ҳалли баҳсҳои байни субъектҳои хоҷагидор маъруфанд, нақши онҳо дар ҳифзи ҳуқуқҳои асосии инсон, бахусус ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва молумулкӣ афзоиш ёфтааст.

Дар замони рушди иқтисоди бозорӣ ва ҷорӣ шудани фаъолияти озоди соҳибкорӣ, судҳои иқтисодӣ нақши калидӣ дар таъмини иҷрои уҳдадориҳо, ҳифзи ҳуқуқи моликият, таъмини шаффофият ва эътимод дар муносибатҳои

иқтисодӣ мебозанд. Ҳар як парвандаи иқтисодӣ, ки дар доираи қонун ва бо риояи принсипҳои мурофиавии одилона баррасӣ мешавад, ҳамчун амали воқеии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, судҳои иқтисодӣ на танҳо ниҳоди барқароркунандаи адолати ҳуқуқӣ, балки механизми фаъоли таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии инсон мебошанд.

Таҳқиқот ҳамчунин нишон дод, ки дар амалия, иштироки судҳои иқтисодӣ дар бартарафсозии монеаҳо ба амалисозии ҳуқуқи озодии соҳибкорӣ, баробарии ҳуқуқии субъектҳои иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорони хурду миёна аҳаммияти афзоянда пайдо мекунад. Аз ин рӯ, фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҳамчун кафили муҳити ҳуқуқии одилона ва рақобатпазир ба сифати татбиқи ҳуқуқи инсон дар соҳаи иқтисод нақши назаррасро доро мебошад.

Мутобиқи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, судҳои иқтисодӣ низ вазифадоранд, ки дар баррасии парвандаҳо кафолати дастрасӣ ба адолати судӣ, баробарии тарафҳо, мурофиаи одилона ва мустақилиятро таъмин намоянд. Аз ин ҷост, ки рушди институти судҳои иқтисодӣ на танҳо як масъалаи иқтисодӣ, балки рушди ҳуқуқбунёдӣ ва падидаи иҷтимоӣ низ маҳсуб мешавад.

Хулоса карда метавон гуфт, ки судҳои иқтисодӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон бо вуҷуди хусусияти махсуси фаъолият, нақши афзояндаро дар татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодии инсон мебозад. Ин ба баланд гардидани эътимоди ҷомеа ба адолати судӣ, устувории муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳифзи арзишҳои ҳуқуқбунёди ҷомеаи демократӣ мусоидат мекунад. Муаллиф бо такя ба меъёрҳои ҳуқуқи инсон ва таҷрибаи судии дохилӣ нишон медиҳад, ки судҳои иқтисодӣ дар таҳкими муҳити ҳуқуқии одилона ва ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон муассир мебошанд.

# ХУЛОСА

Дар тӯли ҳама марҳилаҳои таърихии худ мардуми тоҷик кӯшиш кардаанд, ки роҳҳои самаранок ва мақсадноки таъмини зиндагии осоишта, адолати иҷтимоӣ ва такмили роҳҳои амалӣ кардани онро пайдо кунанд. Афкори пешқадами мутафаккирони форсу тоҷик доир ба таъмини адолат ва ҳамоҳангии иҷтимоӣ, ки давоми равандҳои таҷрибаҳои гуногуни таърихӣ шакл гирифта, то ба имрӯз ҳамчун таҷрибаи беназири танзими муносибатҳои иҷтимоӣ боқӣ монда, ҳанӯз ҳам аҳаммияти ҳуқуқӣ, маънавӣ ва фарҳангии худро нигоҳ медоранд.

Мавриди таҳқиқ қарор додани ташаккул ва рушди низоми судии давлатдории миллии тоҷикон дар давраи таърихии тошуравӣ, шуравӣ ва пасошуравӣ хусусан таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи ҳуқуқӣ ва ташаккули низоми судӣ дар шароити соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам дар илми ҳуқуқ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун дигар давлатҳо ташаккул ва рушди низоми судӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки бо ин робита, аҳаммияти хос ва аломатҳои пайдоиши фаъолияти ҳуқуқии онро метавон мукаммал омӯхт.

Тавре М.З. Мирзозода қайд менамояд: «Такмил додани қонунҳои моддию мурофиавӣ ва дигар қонунҳои марбута ба татбиқи якхелаи онҳо, бартараф намудани монеаҳои зиёдатӣ, аз ҷумла такмили марҳилаҳои судӣ, сари вақт ва дар муҳлати кутоҳ баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ ва умуман беҳдошти фаъолияти судҳо, осону камҳаҷм намудани фаъолияти судяҳо, бартараф намудани ҳолату меъёрҳои ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва дар ниҳояти кор ба таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, амалӣ гардидани қонунҳо ва таъмини адолат мусоидати ҳаматарафа менамояд» [161, с. 153-160].

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда, муаллиф ба хулосае омад, ки судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ бо гузашти марҳилаҳои ташаккул, таҳким ва муосирсозӣ ба як бахши муҳимми

низоми ҳокимияти судӣ табдил ёфтаанд. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ва рушди босуръати муносибатҳои иқтисодӣ, нақши онҳо дар таъмини адолати судӣ, ҳимояи ҳуқуқи моликият, танзими муносибатҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ҳарчӣ бештар муҳим мегардад. Судҳои иқтисодӣ бо баррасии одилонаи баҳсҳои иқтисодӣ ва таъмини шаффофияти мурофиаҳо, заминаи ҳуқуқии муътамад барои фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди муҳити иқтисодӣ фароҳам меоранд. Фаъолияти суди иқтисодӣ оид ба баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳо ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад ва қонуният ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ бо аз ҷониби суд дуруст татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ таъмин карда мешавад.

Таъмин намудани адолати судӣ яке аз кафолатҳои таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад. Мазмуни адолати иҷтимоӣ аз моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки тибқи он давлат шароити арзандаи зиндагӣ ва инкишофи озодонаро барои ҳар як фардро фароҳам меорад. Аз рӯйи мазмуни худ мафҳуми адолати иҷтимоӣ нисбат ба мафҳуми адолати судӣ васеътар мебошад. Зарурати таъмини адолати судӣ он гоҳ ба миён меояд, ки агар ҳуқуқи инсон вайрон ё маҳдуд карда шавад. Таъмин намудани адолати иҷтимоӣ дар баробари вазифаи асосии мақомоти судӣ буданаш, инчунин, вазифаи аксари мақомотҳои давлатӣ ва шаҳрвандон буда, сарфи назар аз поймол ва ё маҳдуд шудани ҳуқуқи инсон бояд ба таври ҳатмӣ барқарор карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти судӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти давлатӣ буда, танзимкунандаи муҳимми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Иҷрои фаъолияти судӣ ба тақвият ёфтани қонуният ва тартибот кӯмак мерасонад, пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкуниро таъмин мекунад ва муносибати эҳтиромона нисбат ба қонун ва судро шакл медиҳад.

Таҳқиқоти илмии гузаронидашуда имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳо ва таклифҳои умумиро пешниҳод намоем:

1. Ҳокимияти судӣ ва адолат барои тоҷикон маҳсули нав ҷамъиятӣ-сиёсӣ набуда, мавҷудияташон аз аввал ба назар мерасид. Навдаҳои аввалини

мафҳуми низоми судӣ ва адолат аллакай дар муассисаҳои тодавлатӣ низ мавҷуд буданд. Бо ҷараёни рушду нумӯи давлат номи мақоме, ки дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои умумии инсон, ҷомеа ва давлат машғуланд, борҳо иваз гаштаанд. Ҳолатҳои таърихии ташаккул ва инкишофи судҳо, ки дар таҳқиқоти илмӣ оварда шудааст, аз он гувоҳ аст, ки мавҷудияти низоми судӣ дар сатҳи низоми идоракунии давлатӣ мавқеи хоссаи худро дошта, эътибору эҳтироми он аз давраҳои қадим то инҷониб ба назар мерасад. Ҳамзамон,, аз нуқтаи назари таърихӣ тоҷикони дунё баъди қабули дини ислом ба фаъолияти судӣ ба адолат назари хуб доштанд. Мансаби судя барои мусалмонон касби пуршараф эътироф шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки бо риоя намудани талаботҳои муайяни институтҳои алоҳидаи исломӣ ба мисоли этикаи касбӣ ва одоби судяҳо мавқеи худро дар низоми муосири ҳуқуқии Тоҷикистон доранд [1-М, 6-М, 7-М].

2. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои муҳаққиқон доир ба низоми судӣ ва ҳокимияти судӣ зиёд мушоҳида мешаванд. Гарчанде дар доираи мафҳумҳои мазкур фикру ақидаҳои гуногун оварда шуда бошад ҳам, аммо тафовути байни мафҳумҳои зикргардида оварда нашудааст. Зеро, дар бештари ҳолатҳо мафҳуми ҳокимияти судӣ таҳти мафҳуми низоми судӣ паҳн шудааст. Дар асоси гуфтаҳои И.Р Шодиён чунин қайд менамоем, ки низоми судиро на ҳамчун ҳокимият, балки чун низоми мақомоти судӣ муаррифӣ намуд [198, с. 150]. Яъне, аз меъёри конститутсионии моддаи 9 чунин бармеояд, ки яке аз шохаи ҳокимият ин худ низоми мақомоти судӣ мебошад, ки бо назардошти аломатҳо ва хусусиятҳояш аз он ҷумла, на танҳо дар қабул намудани санадҳои дахлдор, балки дар амал татбиқ намудани он ба ҳокимият шомил шудааст. Аз ин бармеояд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ истифодаи мафҳуми низоми мақомоти судӣ нисбат ба ҳокимияти судӣ бештар ба мақсад мувофиқ мебошад [3-М, 7-М].

3. Бо дарназардошти акидаҳои дар рисола овардашуда зери мафҳуми низоми судӣ метавонем қоидаи зеринро пешниҳод намоем: низоми судӣ ин маҷмуи судҳои мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ муқарраршудаест, ки адолати судиро дар робита бо салоҳият,

вазифа ва ҳадафҳояшон иҷро намуда, мустақилона новобаста аз дигар шохаи ҳокимияти давлатӣ амалӣ менамоянд. Яке аз асосҳое, ки дар Конститутсия ва қонунгузориҳои шуравӣ маълум буд, ин истифодаи мафҳумҳои адолат ва суд ба ҷои мафҳуми «низоми судӣ» буд. Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ меъёри конститутсионӣ буда, дар маҷмуъ ва дар шакли пурра принсипи фаъолияти ҳокимияти давлатиро ифода мекунад. Дар моддаи мазкури Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаи алоҳидаи ҳар як шохаи ҳокимияти давлатӣ оварда нашудааст. Чӣ тавре маълум аст, боби 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба «Суд» бахшида шудааст. Вобаста ба ин, ақидаронии И.Р. Шодиёнро дастгирӣ намуда, чунин пешниҳод менамоем, ки боби мазкур ҳамчун «Ҳокимияти судӣ» номгузорӣ карда шавад, ки ҳолати мазкур бо меъёри конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 9) метавонад мутобиқат намояд [1-М, 6-М, 7-М, 8-М].

4. Марҳилаҳое дар рушд ва ташаккули ИДМ ба назар мерасанд, ки маҳз нишона ва аломатҳои замони муосир ба ҳисоб мераванд. Айни замон ИДМ ҳамчун як ташкилоти бонуфуз дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардида, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои гуногунҷабҳаи байнидавлатиро тақвият бахшида, дар самаранокии ҳамкориҳои байни давлатҳои аъзо нақши назаррасро касб намуда истодааст. Таҳкими мунтазами мавқеи рушди иқтисодӣ ва тағйиротҳои мусбат дар самтҳои гуногуни ҳамкорӣ бидуни заминаи боэътимод ва самараноки ҳуқуқии ҳамкории байнидавлатӣ, ки бо саъю кӯшиши давлатҳо ва мақомоти Иттиҳод ба вуҷуд омадааст, ғайриимкон буда, дар ин ҷода фаъолияти суди иқтисодӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд [3-М, 4-М].

5. Таҳлили таърихии марҳилаҳои инкишофи судҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ин низом ҳамқадам бо тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар рушд ёфта, имрӯз ба як сохтори устувор ва муассир табдил ёфтааст. Дар баробари ин, омузиши муқоисавӣ бо таҷрибаи давлатҳои аъзои ИДМ имкон дод, ки самтҳои рушди минбаъда, камбудиҳо ва имконоти ислоҳот

муайян карда шаванд. Судҳои иқтисодии Тоҷикистон бояд бо истифода аз таҷрибаи муваффақи кишварҳои дигар ба такмили минбаъдаи низоми ҳуқуқӣ, рақамисозии пурра ва боло бурдани сатҳи касбии кадрҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. [1-М, 4-М, 6-М].

6. Шаклҳои ҳамкории байни низомҳои ҳуқуқии давлатҳои аъзо тавассути мурофиаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ хусусияти мукаммал дорад, зеро асосҳои муроҷиат ба Суди иқтисодӣ масъалаҳои мухталифе мебошанд, ки дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ҳам дар давлатҳо ва ҳам дар доираи худи ИДМ ба вуҷуд меоянд. Ба масъалаҳои проблемавӣ ихтилофоти меъёрҳои мухталифи ҳуқуқӣ аз рӯйи қувваи қонунӣ, предмети танзими ҳуқуқии ҳуҷҷатҳо ва инчунин, дарки на ҳамешагии якхелаи муқаррароти онҳо дар сатҳи дохилӣ мансуб дониста мешаванд. Баррасии масъалаҳои мазкур албатта, ки аз доираи салоҳияти мақомоти судии дохилимиллӣ берун аст. Воситаҳои ғайрисудии баррасии ин гуна баҳсҳои сатҳи байналмилалӣ, ки аз созишномаву шартномаҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои ИДМ бармеоянд, на он қадар натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд. Дар кишварҳои мухталифи ИДМ масъалаҳои зикргардида новобаста аз аъзои Созишнома дар бораи мақоми Суди иқтисодии ИДМ аз 6 июли соли 1992 буданашон ба вуҷуд меоянд [4-М, 6-М].

7. Натиҷаи таҳлили амиқи фаъолияти судӣ имкон медиҳад, ки аҳаммияти ҳуқуқӣ, нақш ва мавқеи Суди иқтисодии ИДМ, инчунин, хусусият ва мазмуни санадҳои судии қабулкардаи он аз дидгоҳи илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Санадҳои мазкур бо шарҳи муфассали муқаррароти созишномаҳои Иттиҳод ба таҳким бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногун мусоидат намуда, ба такмилёбии заминаи ҳуқуқии ИДМ, раванди таҳияи созишномаҳои байналмилалӣ ва амалияи миллии судӣ таъсири назаррас мерасонад. Захираҳои ҳуқуқии судҳои иқтисодӣ дар амалия мукаммал мавриди истифода қарор намегиранд. Аз рӯйи як қатор муроҷиатҳо дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ, ки он бо сабабҳои дар тобеияти суд набудани дархост ва барои баррасии он салоҳият надоштан суд бо баровардани таъиноти судӣ қабули онро рад менамояд. Роҳи ҳалли ин гуна

масъалаҳо ин, пеш аз ҳама, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти суди иқтисодӣ, навсозии он дар робита бо анъанаҳои нави рушди ИДМ мебошад. Судҳои иқтисодӣ на танҳо ҳалли баҳсҳои иқтисодиро ба ухда доранд, балки дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ саҳми назаррас дошта, ҳамчун василаи муҳимми таъмини адолати иҷтимоӣ ва таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар ҷомеа фаъолият мекунанд [2-М, 3-М, 4-М, 6-М].

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин, асосҳои ҳуқуқӣ ва институти судҳои иқтисодӣ, барои рушди минбаъдаи низоми судии иқтисодӣ дар Тоҷикистон заминаи илмӣ ва амалии муфид фароҳам меорад. Маводи пешниҳодшуда метавонад ҳамчун асос барои ислоҳот, такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ истифода гардад.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛӢ АЗ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Бо таҳқиқ ва таҳлили мавзуъ чунин ба назар мерасад, ки мавзуи рисолаи диссертатсионӣ ҳамчун масъалаи муҳим баҳри дарки амиқи мавқеи судҳои иқтисодӣ дар низоми судӣ ва ҳамкориҳои суд бо иқтисодиёт ва соҳибкорӣ асос ёфтааст. Ба ҳамин асос, барои истифодаи амалии таҳқиқоти мазкур чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешавад:

**1.** Дар таърихи ҳуқуқ зарурати таҳлили марҳилаҳои ташаккул ва рушди судҳои иқтисодӣ яке аз омилҳои муҳимми дарки равандҳои такомули низоми ҳуқуқӣ ва давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, иртиботи онҳо бо шароити иқтисодию сиёсӣ ва талаботи замон муайян карда шавад. Хусусан, дар марҳилаҳои гузариш ба ислоҳоти иқтисодӣ нақши судҳои иқтисодӣ дар ҳимояи қонуният, танзими муносибатҳои ҳуқуқии субъектони хоҷагидор ва таъмини устувори муҳити фазои сармоягузорӣ боз ҳам назаррас мегардад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи таърихии марҳилаҳои ташаккул ва рушди судҳои иқтисодӣ васеъ карда шавад, то заминаи илмии зарурӣ барои сиёсати ҳуқуқии муосир фароҳам гардад [1-М, 6-М].

**2.** Таклиф ва таҳқиқи минбаъдаи низоми судҳои иқтисодӣ дар кишвар танҳо дар он ҳолат самаранок хоҳад буд, ки агар дар самти муайянсозии мақом, мавқеъ, ваколату салоҳиятҳо дар заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бо риояи дақиқи принсипҳои конститутсионӣ, аз қабили мустақилияти ҳокимияти судӣ ва танҳо ба қонун тобеъ будани он, таҳким ёбанд. Дар ин замина, таъмини муҳокимаи одилонаи баҳсҳои иқтисодӣ, таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони иқтисодӣ ва муҳити устувори фазои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ бояд ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти судҳо бошанд. Дар сурати риояи чунин заминаҳо, судҳои иқтисодӣ саҳми худро дар таъмини адолат ва рушди иқтисоди миллӣ адо менамоянд [2-М, 8-М].

**3.** Бо мақсади такмили сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва шуурнокии аҳолии ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар сатҳи ҷамоатҳо ва деҳот дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа

семинару машваратҳо ва чорабиниҳои иттилоотӣ баргузор карда шаванд, ки бо роҳандозии чораҳои фаҳмондадиҳӣ ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ, ба хусус, деҳқонон мусоидат намуда, шароити ҳуқуқии муносибро барои фаъолияти соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ фароҳам меоварад [2- М, 3-М].

**4.** Такмил ва таҳияи барномаҳои таълимӣ, яъне натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳамчун маводи таълимӣ дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои илмии соҳаи ҳуқуқ ворид карда шуда, мавриди истифода қарор гиранд. Таҳлили марҳилавии инкишофи судҳои иқтисодӣ ба донишҷӯён имконияти дарки дурусти рушди низоми судии иқтисодиро фароҳам оварда, ҳамчун замина барои таҳқиқҳои минбаъдаи илмӣ дар самти ҳуқуқ арзёбӣ мегарданд. Ҳамзамон, ташкил намудани омузишҳои муосири сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар самти такмилгардонии амалияи судӣ низ ҳадафи пешрафти фаъолияти судро ҷоннок менамояд. Чунин иқдом самаранок аст, агар бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ ё дар ҳамкорӣ бо мактабҳои олӣ ва институтҳои байналмилалӣ баргузор шаванд [2-М, 6-М].

**5.** Ҷорӣ намудани технологияи муосир ва оммафаҳм намудани он, яъне таъмини босифати инфрасохторӣ ва ҷорӣ намудани низоми электронии ҳуҷҷатгузорӣ, ки асоси самаранокии фаъолияти судҳоро ташкил медиҳад. Ташкили платформаҳои омузишии онлайн ва ҷорӣ кардани усулҳои нави корӣ, ки ба рушди савияи дониш ва малакаи судяҳо кӯмак мерасонанд, бояд ба як қисми стратегии рушди судҳо табдил ёбад. Таъмини мутобиқат бо стандартҳои байналмилалӣ ва истифодаи таҷрибаҳои байналмилалӣ имконият медиҳад, ки аз таҷрибаҳои пешрафтаи байналмилалӣ омӯхта, усулҳои муосир ва санҷидашударо дар фаъолияти судии дохили кишвар татбиқ кунем [2- М, 4-М, 8-М].

**6.** Пешниҳод мегардад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди судҳои иқтисодӣ барои солҳои 2026-2035» таҳия ва тасдиқ карда шавад. Барнома бояд тадбирҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ, рақамисозӣ ва тайёрии кадрҳои судиро дар бар гирад [5-М, 8-М].

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Матн] // (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – С.136

[2]. Арбитражный процессуальный кодекс Российской Федерации от 24 июля 2002 года N95-ФЗ. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // www. consultant.ru/ docum ent/cons_doc_LAW_37800 / (дата обращения: 31.01.2026).

[3]. Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни соли 2007, таҳти №271.

[4]. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми январи соли 2011, таҳти №976.

[5]. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми Іянвари соли 2015, таҳти №327

[6]. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2019, таҳти №1242.

[7]. Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 аз 3 декабри соли 2012. [захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //mmih. adlia.tj/SEAR CH/DocumentView?Doc umentId=118278 (санаи дастрасӣ: 20 сентябри соли 2022).

[8]. Гражданский процессуальный кодекс Республики Армения принят 17 июни соли 1998 года. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.parliament.am/legislation.php?sel=show&ID=1918&lang=rus (дата обращения: 11.01.2026).

[9]. Декларация о принятии суверенитета // Ведомости Верховного Шуроа Тадж. ССР. – 1990. – №16. – С. 47.

[10]. Договор об образовании Сообщества России и Беларуси с 2 февраля 1996 года. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.mid.ru/ru/foreign_policy/international_contracts/international_contracts/2_contract/47739/ (дата обращение 01.02.2026).

[11]. Единый реестр правовых актов и других документов Содружества Независимых Государств – Соглашение о статусе Экономического Суда СНГ. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // eccis. org/rees tr/r u/index?ysclid=mm7htwsqmq893212892 (дата обращение 01.02.2026).

[12]. Закон Азербайджанской Республики «О судах и судьях» от 10 июня 1997 г. №310-1Г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.legal-tools.org/doc/e1ab39/pdf/ (дата обращения: 11.01.2026).

